Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**
**№ 1 (9), 2018**

Маҷалла 17 декабри соли 2015 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст ва дар як сол чор маротиба нашр мешавад.

**Муассис:** Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ

**Ҳайати мушовара:** Фарҳод Раҳимӣ, Абдуҷаббор Раҳмонзода, Талбак Назаров, Мӯсо Диноршоев, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Пӯлод Бобоҷонов, Комил Бекзода, Ёрмаҳмад Ниёзӣ.

www.ravshanfikr.tj

# ФЕҲРИСТИ МАВЗӮЪҲО

## ОЯНДАШИНОСИИ РАВАНДҲО ВА ХАТАРҲОИ ҶАҲОНИ МУОСИР

**С. Ятимов.** *Субъекти сиёсӣ ва амнияти миллӣ*....................................
**Қосимшо Искандаров.** *Тоҷикон дар масири таърихи навини Афғонистон*.........................................................................................
**Маҳмадҷонова М.Т., Раҳмонова Р.Э.** *Густариши ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид дар марҳилаи таҳаввулот*….........................................................................................
**Ғиёсиддин Қодиров.** *Тоҷикистон дар масири тараққӣ: андеша ва мулоҳизаҳо*.........................................................................................
**Нозим Нурзода.** *«Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ ва зарурати бозшиносии ҳаводиси таърихӣ* ..........................................................................
**Назрӣ Асадзода.** *Як давои қавӣ барои се нуқтаи заиф*.........................

## ҶАҲОН АЗ НИГОҲИ ДИГАР

**Шеър дар ҳалқам бимирам** (*Мусоҳибаи ихтисосӣ бо шоири шаҳир устод Бозор Собир*).........................................................................

## МАОРИФПАРВАРӢ ВА ҶАҲОНБИНИИ АЛТЕРНАТИВӢ

**Мухаммадали Музаффар.** *Идеи об индивидуальности человека в свете классической антропологии*........................................................
**Комил Бекзода.** *Оё тоҷикон фалсафаи миллӣ доранд?*....................
**Аслиддин Салимов.** *Гузариш ба иқтисоди сабз*..................................

## БОЗЁФТ ВА КАШФИЁТ

**М. Илолов., Х. Ахмедов.** *Ҳидроген – ҳомили ояндадори энергия*...........
**Пирмаҳмад Нуров**. *Фаъолияти инноватсионӣ ва рушди илмию технологии мамлакат*..........................................................................
**Обидов Ф.У., Маркаев А.Ғ., Ғаниев И.Н., Бадалов А.Б.** *Роҳҳои дур намудани биоҳосилаҳо ва такшонҳои кимиёвӣ дар истеҳсолоти бо обҳои гардишӣ хунукшаванда* ............................................................
**Фарҳод Шокиров.** *Компютерҳои квантӣ*...........................................
**Санавбарбону Вохидова.** *Государственно-правовое сотрудничество Таджикистана и Германии в годы независимости*...............................

**Назрбӣ Исматова.** *Робитаҳои иқтисодии хориҷии Тоҷикистон (ҳамгирой-интегратсия)*......................................................................

## ТАҲИЯ ВА ТАҚРИЗ

**Абдулҳай Ҳабибӣ.** *Як моҳ бо Содиқ Ҳидоят (таҳияи Олимҷон Хоҷамуродов)*..........................................................................................
**Номвар Қурбонов.** *Хирад афсари родмардон бувад*..............................
*Мулоҳизоте дар торихи Ирон* (таҳияи **Меҳр Собириён**)................
*Трансплантация (составитель* **Дидавар Бекзода***)*..............................

# ОЯНДАШИНОСИИ РАВАНДҲО ВА ХАТАРҲОИ ҶАҲОНИ МУОСИР

**С. Ятимов**
*доктори илмҳои сиёсӣ,*
*узви вобастаи Академияи илмҳои*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## СУБЪЕКТИ СИЁСӢ ВА АМНИЯТИ МИЛЛӢ

Муқаддима

Сарфи назар аз қонуниятҳои раванди воқеоти ҷамъиятӣ, ки ногузир будани онҳо барои рушду такомули муносиботи ҷамъиятӣ таъкид карда мешаванд, таҷрибаи таърихӣ баёнгари он аст, ки субъектҳои сиёсӣ дар шаклгирӣ ва натиҷаи амали сиёсӣ нақши фавқулода муҳимро мебозанд. Ба назар чунин мерасад, ки омӯзиши субъекти сиёсӣ, ба тарзи **"абадӣ ва беохир наздикшавии тафаккур ба ҳадафи таҳқиқро"** тақозо мекунад.

Ҳамин тариқ, мавзӯи баҳси мақола баъзе аз паҳлуҳои назариявӣ ва амалии субъекти сиёсӣ дар чаҳорчӯби манфиатҳои амнияти миллӣ мебошад.

### Шахс ҳамчун субъекти сиёсӣ

Тамоми даъвоҳое, ки фард, шахс, шаҳрванд метавонад берун аз сиёсат бошад, на танҳо имрӯз, балки дар тамоми давру замон асоси воқеӣ надошт. "**Давлат мансуб ба зуҳуроти моҳиятӣ** (*инсонӣ - С.Я.*) **аст. Инсон, табиатан, мавҷуди сиёсӣ мебошад. Касе, ки аз рӯи хислат, на аз рӯи ягон ҳодисаи фавқулода, "берун аз давлат" зиндагӣ мекунад, аз ҷиҳати рӯҳӣ солим нест.... Гомер онро беасл, берун аз қонун ва ломакон номидааст. Ин гуна шахс фақат ташнаи низоъ мебошад"** (Аристотель. Сочинение в четырех томах. Т.4. -М.: 1983. -С. 378). Аввалин эҳсос ва

кӯшишҳои зарурати сохтани давлат, оғоз аз дунёи қадим, фардро сиёсӣ мегардонад. **"Сиёсат - иштирок дар корҳои давлатӣ, муайянкунии мақсад, функсия ва вазифаҳои давлатиро дар назар дорад".**

Ҳуқуқи конститутсионии ширкат дар идораи давлатӣ ва тамоми шаклҳои интихобот ва раъйпурсӣ далели қотеи мансубият ба субъекти ҳуқуқ, аз ҷумла, истифода бурдан аз ҳуқуқҳои сиёсиро дорад.

**Бидуни шак, байни субъекти ҳуқуқ (шахси ҳуқуқӣ ва шахси воқеӣ) ва субъекти сиёсӣ фарқ ҳаст. Субъекти ҳуқуқӣ, тибқи қонун, мавҷудест, ки худ ва ё тавассути намояндааш имконоти амалӣ кардани ҳуқуқ ва уҳдадориашро доро мебошад. Вақте ки давлат шахсро ҳамчун субъекти ҳуқуқ эътироф менамояд, ҳамзамон манзалати сиёсии ӯро дар назди худи давлат ва муассисаҳои он муайян месозад.**

Гузоштани сарҳади қатъӣ байни субъекти ҳуқуқ (дар назар аст, пеш аз ҳама, субъекти воқеӣ) ва субъекти сиёсӣ маҳз аз ҳамин хотир чандон воқеият надорад. Ҳадди ақал ба хотири он, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ мансуби маҳсули фаъолияти бузургтарин муассисаи ҷомеа ва ташкилоти сиёсӣ - давлат мебошад. Ҳамин тариқ, истилоҳоти субъекти ҳуқуқӣ ва субъекти сиёсӣ ба ҳам наздиканд. Аз ҳамдигар вобастагӣ доранд. Якдигарро пурра мегардонанд.

Муҳимтарин нишонаи субъекти сиёсӣ гаштани инсон, ки ба тарзи табиӣ рӯй медиҳад, дар сарзамини муайян, бо номи ҷуғрофиёии мушаххас ба дунё омадани ӯст. Мақоми аслии охирин аз лиҳози ҳуқуқӣ тибқи қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои одӣ ва дигар меъёрҳои ҳуқуқии кишвар муайян карда шудааст. **Ба ибораи дигар, ин ҳолат бидуни ихтиёр доро гаштан ба статуси субъекти ҳуқуқӣ ва асос барои минбаъд соҳиб шудан ба мақоми сиёсиро дар назар дорад.** Вобаста ба макони таваллуд ва

дар алоқамандӣ бо оила, дар шуури инсон манзалати ватандорӣ ва мансубият ба миллати муайян тавлид мешавад.

**Ин ҷузъиётро омилҳои табиӣ, воқеӣ ва асосӣ - фундаменталӣ номидан мумкин аст.**

Пояҳои ҳуқуқии зикргардида, асос барои мавқеъгирии иҷтимоӣ-сиёсии шахс дар ҷомеа мебошанд.

Таърихи ба ҳаёти конститутсионӣ ворид гаштани ҷомеа таҷрибаи чандҳазорсола дорад. Ба тарзи ғайричашмдошт арзи ҳастӣ накардааст. Он натиҷаи рушди шахс, ҷомеа ва аз як давра ба давраи дигари таърихӣ ҳаракат кардани инсон аст.

### Роҳнамои сиёсӣ ҳамчун субъекти сиёсӣ

Созандаи таърих табиат нест. Худи Инсон аст. **"Воқеоти сиёсӣ дар доираи маҳдудаи ҷуғрофиёӣ ба вуқӯъ мепайвандад ва фактори ҷуғрофиёӣ дар раванди сиёсат... муассир бошад ҳам, инсон, на омили ҷуғрофиёӣ воқеоти сиёсиро муайян мекунад"** (Plano J., Olton R. The unternational Relation Dictionary. -New York.: 1982. -P. 99).

Давлат - ҳамчун муассисаи пешбарандаи ҷамъият ва масъултарин субъекти мавҷудияти арзандаи аъзои он, мураккабтарин, муҳимтарин ва бузургтарин кашфиёти Инсон аст. То ҳол таърифи пурраи ин падидаи ҷамъиятӣ *(сарфи назар аз панҷ аломати аслӣ – классикӣ ва маъмули он)* вуҷуд надорад.

Шахсият ҳаст, ки давлатро (*хонда шавад миллатро*) дар баҳри пурталотуми ҳаёти сиёсӣ, мушкилоти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, таҳдидҳои ҳарбӣ, ҳуҷумҳои фарҳангии бегонагон ба соҳили мурод мебарад.

Шахсиятҳо ва симоҳои абарқудрат мухталифанд ва албатта, миёни онҳо шахсиятҳои сиёсӣ нақши меҳварӣ доранд, зеро дар байни шаклҳои шуури ҷамъиятӣ сиёсат аз лиҳози мақом ва моҳият қавитарин маҳсуб меёбад.

Маҳз ба ҳамин хотир, дар тамоми давру замон, дар маркази сиёсати ҷаҳон Шахсият ҳамчун субъекти сиёсӣ - ташаббускор, ташкилотчӣ ва амалкунанда дар назар дошта мешавад. **"Таърихи дунё тарҷумаи ҳоли одамони бузург аст"** (Томас Карлейл. Энциклопедия ума. -М.: 2012. -С.276). Тақдири давлатҳо ва миллатҳо бо номи Шахсият дар вобастагии зич қарор дорад.

Бешубҳа, масъалаи шахс (раҳбар) ҳамчун субъекти сиёсӣ, мисли дигар паҳлуҳои воқеияти ҷамъиятӣ, ҷанбаҳои таҳқиқи публитсистӣ, бадей, эстетикӣ ва ҳамзамон мардумӣ дорад. **Аммо таъкид бояд кард, ки дар илми давлатшиносӣ раҳбарии сиёсӣ аз муҳимтарин масъалаи илмӣ, объекти омӯзиш ва арзёбӣ ба ҳисоб меравад.** Муносиботи сиёсӣ маҷмӯи муносибатҳои ниҳоят мураккаби субъектҳои сиёсӣ дар доираи система, структура ва функсияҳои сиёсӣ мебошад.

Масъалаи раҳбарии сиёсӣ дар муддати зиёда аз панҷ ҳазор сол ва зиёдтар аз он, яъне аз замоне ки эҳсоси зарурати ҳатмии сохтани муассисаи барои ҷомеа ҳаётан муҳим, таҳти номи давлат (state) дар майнаи Homo Sapience (зуҳуроти соҳиби шуур) ба вуҷуд омад, пайдо гаштааст. Ин ангеза (лидери сиёсӣ) масъалаи (талаботи) шахсӣ, фардӣ, танҳо тамоюли марбути як нафар набуд ва нест. **Он тақозои ҳаётан муҳимми давлат, миллат, аз умдатарин қонуният ва омили рушди ҷомеаи маданӣ мебошад.**

Сулҳ, Субот, Оромӣ, Осудагӣ ва ҳамзамон тарзи ҳаёти шоиста, рӯ ба беҳбудӣ, умеди устувор ба зиндагии имрӯз ва оянда аз орзуҳои аслӣ ва ҳамешагии инсон ба ҳисоб меравaнд. Ба исм, сифат ва ибораҳои номие, ки ҳамчун воқеият ва ормон хотирнишон гардиданд, мудом таҳдидҳои рӯзмарраи ба онҳо баробар ва ҳатто бамаротиб зиёд вуҷуд доранд. **Ҳамин тариқ, дар "саҳнаи театр"-и субъектҳои сиёсӣ, дар муносибат бо ҷомеа, даҳҳо актёрҳо дар нақшҳои гуногун ба бозӣ медароянд. Худро дар ҳар ранг, дар ҳар либос ба намоиш мегузоранд. Ҳар кадоми онҳо**

**ҳам манфиат ва ҳам имконоти муайян доранд.** Маҳз аз ҳамин хотир, тақозои ҷомеа аст, ки дар майдон Раҳбари оқил, хирадманд, соҳибтаҷриба, ҷавонмард, ғаюр рӯи саҳнаи сиёсӣ бошад. Қобилияти сарҷамъ кардан ва ба як мақсади барои худи миллат ниҳоят муфид сафарбар кардани оммаро дошта бошад. **Ин кори одами одӣ нест.** Зеро дар ин ҷараён, тавре хотирнишон гардид, манфиат, фикру андешаи даҳҳо қувваҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ рӯи саҳна мебароянд. **Хирадмандона ба ҳам овардан ва ба манфиати миллат раҳнамун сохтани тамоми қувваҳои ҷомеаро фақат Шахсияти фавқулода метавонад.**

Ба хотири ҳаётан муҳим будани масъала, бузургтарин олимони дунё дар мавзӯи Роҳбари сиёсӣ омӯзиш, таҳқиқ ва хулосабарорӣ кардаанд.

Афлотун (428/27 - 347/48) раҳбарро ҳамчун шахсияте ба қалам додааст, ки **аз азал илму хирадро парастиш мекунад, ба мардум рӯзгори нек меорад. Созанда ва таҷассумгари ҳақиқии таърихи миллати хеш мебошад.**

Таърихшиноси маъруфи фаронсавӣ Т. Карлейл (1795 - 1881) бо такя ба таҳлили ҳаёти гузаштаи мардумони олам ва диди воқеии худ, ба хулосае омадааст, ки **"оммаи мардум наметавонанд бе чунин қувваи сафарбаркунандаи муассир вуҷуди шоиста дошта бошад".**

Дар бораи роҳбари сиёсӣ назарияи қобили таваҷҷуҳи маҳзро файласуфи немис Ф. Нитсше (1844 - 1890) иброз доштааст. Ӯ дар асараш **"Чунин гуфт Зардушт"** (1883) таъкид кардааст: **"фақат шахсиятҳои бузург, фавқулинсонҳо, ҳамчун намояндагони олии инсоният таърихро меофаранд".** Ба ақидаи ӯ, **"фавқулинсонҳо одамони пурқудрат, аз лиҳози шахсият дилнишин ва моил ба пешво будан ҳастанд".**

Садсолаҳо қабл аз Нитсше дар бораи шахсиятҳое, ки бо Ақл, Заковат ва Дониши азалӣ ба куллӣ аз дигарон фарқ мекунанд, Абӯалӣ ибни Сино таъкид кардааст: **"... ин гуна инсон**

**бояд сарчашмаи таълимот барои инсоният бошад. Ва ин ҷои тааҷҷуб нест. Мо ин қабил инсонро дидем, ки маводро бо тарзи тафаккур ва заҳмати фитрӣ аз бар мекунад"** (Ибни Сино. Избранные философские произведения. -М.: 1980. -С. 228).

Олимони дигар Роҳбари сиёсиро хамчун шахсияти таҳлилгари воқеъбин, дурандеш, содиқ ба қавлу амал барои миллати хеш тасвир кардаанд.

В.Ф. Гегел (1770-1831) аз бузургтарин олимонест, ки омилҳои шаклгирӣ, рушд ва сифати инсонро таҳқиқ ва баҳогузорӣ кардааст. Ӯ дар асари машҳураш **"Фалсафаи рӯҳ**" (1821) дар боби тафсири хислатҳои шахсиятҳои таърихӣ таъкид месозад: **"Ба сифати шахсият (характер - С.Я.) он қисмати неруи инсон мансуб аст, ки намегузорад касе ӯро аз роҳи интихобкардааш берун барорад, мақсади худро то ба охир пеш мебарад"** (В.Ф. Гегель. Философии духа. -М.: 1977. -С. 77). Дар идомаи сухан оид ба инсонҳое, ки олими бузург эҳтироми худро нисбати онон пинҳон карда наметавонад, бо қаноатмандӣ иброз медорад**: "Инсоне, ки характер дорад, эътиқод ва эҳтироми дигаронро соҳиб мешавад. Одамон медонанд, дар шахсияти ӯ бо кӣ сару кор доранд"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 77). Файласуфи собитқадам, ба арзишмандӣ ва дараҷаҳои амали инсон, ки маҳз аз рӯи он характери ӯро муайян ва баҳогузорӣ кардан мумкин аст, таъкид мекунад: **"Фақат тавассути амалӣ кардани мақсадҳои бузург, инсон дар худ сифати шахсияти бузургро ошкор месозад. Ва маҳз ҳамин хислат ӯро барои дигарон машъал менамояд"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 77).

Ба ақидаи ин олими бузург, "**ҳақиқатро танҳо тавассути таҷриба** (озмоиш, санҷиш, бозбинӣ - С.Я.) **фаҳмидан, дарк кардан, итминон ҳосил кардан мумкин аст" (**В.Ф. Гегель. Наука логики. - М.: 1974. -С. 127). Аммо ба ақидаи Гегел, на ҳар кас аз таҷрибаи рӯзгор метавонад баҳра бигирад. Барои дарки воқеият ба воситаи таҷриба, олими немис нақши Ақлу Хирадро

муҳимтарин омил мешуморад: **"Барои шинохти таҷриба муҳим аст, донист, ки чӣ гуна ақл ба омӯзиши воқеият (ҳақиқат) сару кор дорад. Ақлу хиради бузург аз таҷриба натиҷаи бузург бар меорад. Дар зуҳуроти рангоранг фақат он чизеро мебинад, ки аҳаммият дорад. Ақида, назария дар зуҳурот воқеият пайдо мекунад. На дар ҷои дигар"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 127).

Гегел ба тарзи мушаххас ақидаи "фавқулинсон"-и Нитсшеро тасдиқ мекунад: **"дуруст аст, ки баъзе инсонҳо назар ба дигарон, табиатан** (аз азал - С.Я.) **моил ба доштани сифати шахсияти қудратманд ҳастанд"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 78).

Шахсиятҳои бузурги миллӣ на танҳо бисёре аз иштибоҳоти дар тӯли таърих, бо сабабҳои гуногун ҷойдоштаро ислоҳ мекунанд, аз замони худ беҳтарин дастовардҳо ва шоистагиҳо (эътибор, шаън, қадру қимат, манзалат)-и умумимиллиро ба мерос мегузоранд, балки барои на кам аз сад соли оянда шароити муфиди рушди миллиро муҳайё месозанд.

**Шахсияти бузурги миллӣ дастоварди бузурги миллат аст.**

Таҷрибаи инсонӣ ва таҳлили он шаҳодат медиҳад, ки тақдири одамизод (ҷамъият) ҳам, мисли раванди зуҳуроти табиат, дар маҷмӯъ, ниҳоят мушкилфаҳм ва баъзан пешгӯинашаванда аст. **Шахсиятҳои бузурге, ки барои миллати хеш таърихофарин ҳастанд, дар сад, дусад, панҷсад сол ва ё зиёда аз он, як маротиба рӯи саҳна меоянд. Онҳо кореро анҷом медиҳанд, ки каси дигар даҳсолаҳо, садсолаҳо ба субут расонида наметавонист.** Номи онҳоро, албатта, метавон ба забон гирифт. Аммо ҳоҷат нест. Онҳо маълум ва машҳуранд.

Барои миллати тоҷик чунин Шахсият баъд аз ҳазор сол насиб гаштааст. Аз ин фурсати таърихӣ бо Сухан, бо Қалам, муҳимтар аз ҳама, бо Қадам, огоҳона, дастҷамъона истифода бояд кард.

## Классификатсияи субъектҳои сиёсӣ

**"Давлат тимсоли ҳақиқии воқеият мебошад; дар он иродаи аслии маънавиёт ба айният мубаддал мегардад. Рӯҳ дар давлат дар шакли объективӣ зиндагӣ мекунад"** (В.Ф. Гегель. Философия религии. Т.1. -М.: 1975. -С. 400). Новобаста ба чунин арҷгузорӣ ва эътибор, шароит ва дараҷаи муносибати шаҳрванд ба давлат (сиёсат), бешубҳа, гуногун аст.

Дар миқёси олам давлат ҳамчун муассисаи ягонаи конститутсионӣ, масъули асосии на танҳо сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, амният ва мудофиа, балки рушду тараққии маҷмӯии ҷомеа мебошад. Ташкилкунанда ва мутасаддии фаъолият дар самти маориф, фарҳанг, адабиёт, санъат, маънавиёт ва дигар рукнҳои муҳимми давлатдорӣ маҳсуб мегардад. Таъйин кардани идеологияи сиёсӣ аз муҳимтарин вазифаҳои субъекти асосии ҳуқуқӣ - давлат ба ҳисоб меравад.

Фаъолияти субъектҳои сиёсӣ, оммаи васеи мардум, асосан, дар доираи муносибат ба идеологияи сиёсӣ сурат мегирад. Солҳост, ки дар ин мавзӯъ мулоҳизарониҳои гуногун, баъзан мухталиф вуҷуд дорад.

Андешаи ғолиб он аст, ҳар нафаре, ки дар ҷустуҷӯи идеологияи давлатӣ (сиёсӣ) аст, асос барои дарёфт намудани самтҳои аслии фаъолият дар ин ҷода кори чандон мушкил нест. Ба эътиқоди ин ҷониб, моддаи якуми боби аввали Конститутсия онро равшан ва ба тарзи мушаххас ифода кардааст:

**"Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад.**

**Шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ мебошад.**

**Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад".**

Маълум аст, ки меъёрҳои конститутсионӣ вазъияти ҳуқуқиро ба таври императивӣ, муайянкардашуда барои давраи ҳаётан муҳимми таърихи миллат эълон мекунанд. Моддаи аввали Конститутсия ҳамзамон, мақсад, ният, самти ҳаракат ва қутбнамои миллатро дақиқ, возеҳ, равшан ва аз ҳама муҳим, қотеона беалтернативӣ ва ивазнашаванда таъйид кардааст. Ин кафолати худро дар моддаи 100-уми Конститутсия пайдо менамояд. Тибқи он шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазиранд. Бинобар ин, моддаҳои мазкур ҳамчун сарчашмаи доимии омӯзиш, тафсир, истифодаи илмӣ ва амалӣ дар доираи принсипҳои системавӣ мебошанд.

Албатта, шарҳи моддаҳои Конститутсия фақат дар доираи меъёрҳои тафсири расмии ин санади олии ҳуқуқӣ сурат мегирад. Чунин талабот барои тамоми давлатҳо ҳақиқати юридикии эътирофшуда мебошад.

Дар доираи он, мазмуни муқаррароти Конститутсия равшан гардида, татбиқи дурусташ таъмин мегардад. Ин тартиб ҳангоми муайян шудани доираи салоҳияти субъектҳои сиёсӣ дар арсаи идоракунии давлатӣ, амнияти конститутсионӣ ва билохира барои оромии ҷомеа бағоят муҳим аст. Субъектҳои сиёсӣ дар Конститутсия бо истифода аз истилоҳоти қонунгузорӣ муайян, ҳуқуқ ва вазифаҳои онҳо возеҳу равшан эълон гаштаанд.

Яке аз бузургтарин файласуфони асри XVIII-XIX - и немис таъкид мекунад: **"майнаи инсон дорои мундариҷаи ҳақиқати воқеӣ ҳаст ё не, масъалаи назариявӣ нест. Масъалаи амалӣ аст. Инсон дар амал бояд муносибати худро ба ҳақиқат дар намоиш гузорад, воқеият ва иқтидорашро нишон диҳад."**

Барои пурра амалӣ гаштани идеяҳои конситутсионӣ зарур аст, ки чанд насл заҳматҳои ҷонкоҳона кашад. Наслҳои минбаъда, чизи некеро, ки ба мерос мегиранд, набояд нисбаташ фориғбол бошанд. Дар акси ҳол, ин машъалест, ки метавонанд

дар як лаҳза аз дасти ватандорон бигиранд. Он тарзе, ки дар иқтибоси боло намояндаи миллати бо дақиқкорӣ машҳур, амалро аз сухан боло мешуморад, таъмини давлатдорӣ ниёз ба кӯшишҳои силсилавӣ, мақсаднок ва пеш аз ҳама, муттасил дорад.

Дар ин раванд зарур аст, ки омилҳои объективӣ ва воқеияти амалӣ дар таносуб бо равандҳои сиёсии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба назар гирифта шаванд.

Айни замон, ба таъбири олими барҷастаи нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX-и рус, воқеият маънои **"таҷассум ёфтани реалияти объективӣ дар шуури субъективӣ мебошад"**.

Ин гуна муносибат бо пуррагӣ ба таснифи амалияи субъектҳои воқеии сиёсӣ низ марбут аст.

Ҳамин тариқ, новобаста аз кӯшишҳои субъекти аслии сиёсӣ (давлат), дар ҳама давру замон субъектҳои сиёсии воқеӣ аз рӯи ҷаҳонбинӣ, мундариҷа ва муҳтавои амал якранг буда наметавонанд.

Дар ҳамин асос, бештар се гурӯҳи субъектҳои сиёсиро метавон ном бурд:

**1.**Субъектҳои сиёсие, ки талабот ва манфиатҳои дарозмуддати миллиро бошуурона, аниқ тасаввур мекунанд. Онҳоро мудом бо таҷрибаи таърихӣ ва муосир дар муқоиса мегузоранд. Аз он хулоса мебароранд. Ояндаи миллатро ҳамчун нақша, идея ва арзишу ормонҳо дар амал пайгирӣ мекунанд. Миллат ва давлати хешро, сарфи назар аз мушкилот, мансаб, макони зист, такягоҳи ягона дар роҳи расидан ба мақсади аслӣ мешуморанд. Бо амали хеш садоқатро нисбат ба миллат ва сарзамине, ки аз он рӯидаанд, исбот мекунанд. Роҳи дигареро мадди назар надоранд.

**2.**Субъектҳои сиёсие, ки функсия ва вазифаҳои худро мефаҳманд. Иқтидори тахассусӣ ва зеҳнии амалӣ кардани онҳоро доранд. Аммо дар таъмини талабот ва манфиатҳое, ки аз

онҳо интизорӣ меравад, **"шамъи дилро сарфа" мекунанд. "Парвои қавли носиху панди адиб"** (Саъдӣ) надоранд. Дампо ҳастанд. Рӯзгор мебаранд.

**3.**Субъектҳои сиёсие, ки манфиатҳои фундаменталии сиёсӣ ва дурнамои онро барои дарозмуддат сарфи назар мекунанд. Ба хотири имконоти сиёсии лаҳзагӣ, аз ҷиҳати стратегӣ суолбарангез, ба аъмоли барои манфиатҳои миллӣ (давлати миллӣ, фарҳанги миллӣ) хатарнок даст мезананд. Бошуурона, фаҳмида, вориди системаи геополитикии мубориза бар зидди осудагӣ ва амнияти сарзамини аҷдодии хеш гаштаанд. Дар ин система, тавассути пул, мол на ҳамчун субъект- шахсият, балки ба ҳайси абзор (инструмент), бозича кор мекунанд. Манфиатҳои миллӣ, хусусиятҳои фарҳанги миллиро ба манфиатҳои ғаразнок (асосан молӣ) иваз мекунанд. Барои оқибатҳои фаъолияти хеш аз андешаи амиқ, пойдор ва масъулиятнок канораҷӯӣ менамоянд. Таҷрибаи таърихӣ ва муосири миллати хеш, кишварҳои Шарқи Наздик ва Афғонистонро бошуурона нодида мегиранд.

Тавре дида мешавад, дар байни се гурӯҳи субъектҳои сиёсӣ тафовути ҷиддии ҷаҳонбинӣ, маънавиёт, самтгирии сиёсиву ақидатӣ ва мавзеъгирӣ мушоҳида мегардад.

Вуҷуд доштани ин унсурҳо мансуб ба кулли миллатҳои дунёст. Фақат гап сари шумора ва муҳимтар аз ҳама, сифати ин сегонаи сиёсӣ дар дохил ва беруни ҳар давлат меравад. Бо заиф, нотавон, беранг гаштани гурӯҳи аввал, он бештар ба гурӯҳи дуюми субъектҳои сиёсӣ мубаддал мегардад. Ва ҳамчун натиҷа, истодагарии давлат дар муқобили таҳдидҳои ниҳоят хатарнок, ошкору ниҳон, ба намоиш гузоштани қувваҳои ақлонӣ - ҷисмонӣ ва баръакс ҷисмонӣ - ақлонӣ номумкин мегардад. Муассисаи асосии миллат - давлат таназзул меёбад. Оқибат ба шикаст мувоҷеҳ мегардад.

**Тамоми кӯшиши душман ҳам, маҳз ба муқобили қисмати аввали субъектҳои сиёсӣ равона карда шудааст.**

**Муносибати рақибони сиёсии давлати миллӣ ба қисмати дуюми субъектҳои сиёсӣ - бо омӯзиши маҳз, зиракӣ, дилсӯзии авомфиребона ва "шонагӣ" сурат мегирад. Маккорона, мақсаднок барои онҳо "доми роҳу ғамза" (Ҳофиз) мегузорад.**

**Тавре хотирнишон гардид, қисмати сеюм хусусияти абзорӣ– инструменталӣ дорад, ба қавли британиягиҳо «Hand made facility» мебошад.**

Новобаста аз дараҷаи тафовути куллӣ байни се қисмати субъектҳои сиёсӣ, як умумият ва алоқамандии хос ҳаст. Онро ҷузъиёти табиӣ меноманд: а) умумияти макони таваллуд ва б) миллат. Ҳолати номбаршуда бо амри тақдир рух медиҳад. **Аз одам вобастагӣ надорад. Дигар кардани натиҷаи ин таҳкурсӣ аз имкон берун аст: макон ва сарзамини чашм ба дунё кушоданро - Ватан ном мебаранд. Падару модар - ҳамчун сабаб ва натиҷаи ҳастӣ миллатро муайян менамоянд. Мансубият ба Сарзамин ва Миллатро ҳамин ду далели баҳснопазир тасдиқ мекунанд.**

**Ин муҳимтарин, асоситарин, умдатарин умумияте ҳаст байни се дараҷаи субъектҳои сиёсии номбаршуда.** Таҷрибаи таърихии миллатҳои номдор, устувор ва аз имтиҳоноти ҷиддии таърих шарафмандона гузашта, ҳаминро нишон медиҳад. **Омилҳои Ватандорӣ ва мансубият ба Миллат риштаи ногусастании умумӣ, ягонагӣ, қавмият, урфу одат ва маънавиёти (идеологияи) миллӣ мебошад.**

Намояндаи миллат ва сарзаминро дар кулли атрофу акноф ҳамин арзишҳо ба андеша раҳнамун месозад. Водори амал менамояд. Дараҷа, сифат ва тавони ин ҳиссиёт душманони миллатро дар дохил ва берун дасткӯтоҳ мегардонад. Устувории миллиро дар ҷараёни бадалшавии наслҳо ба хотири пойдорӣ, дахлнопазирии сарзамини аҷдодии ҳамагон ва миллат таъмин мекунад.

**Бояд ба инобат гирифт, ки шадидтарин зиддиятҳо, мубориззаҳо, низоъҳо дар муносиботи дуҷониба, бисёрҷонибаи**

**давлатҳо ва арсаи геополитикӣ, фақат дар доираи манфиатҳои миллии давлатҳо сурат мегиранд, зуҳур меёбанд. На дар атрофи чизи дигар. Асоси рақобатро дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, фарҳангӣ, динӣ, мазҳабӣ ва ғайра, манфиатҳои миллӣ - аслӣ, фундаменталӣ, тағйирнаёбанда, мантиқӣ ва хусусияти қонунмандидошта, табиӣ муайян мекунанд.**

Фосила гирифтани субъектҳои сиёсии хориҷӣ, сохторҳое, ки барои таъмини ин манфиатҳо сафарбар карда шудаанд, аз воқеияти манфиатҳои миллӣ ба ҳар шиору баҳона (манфиатҳои бо ном диниву мазҳабӣ, фарҳангӣ, умумиятҳои забонӣ, таърихӣ, аҷдодӣ ва ғайра, ки забонзада шудаанд), авомфиребии содалавҳона ва аз гардишҳои лафзии номуваффақи дипломатӣ беш нест. Амалест, ки ҳадафмандона ба авом равона шудааст. На болотар аз он. Бо мақсади зудудан, беранг кардани эҳсоси мансубият ба Сарзамин ва Миллат. Ба хотири дар ғафлат мононданимиллати мавриди ҳадаф қароргирифта.

## Маданияти сиёсӣ ва субъекти сиёсӣ

Таҳлили фаъолияти субъектҳои сиёсии давлатҳои мутамаддин, ки онро маҳз "Дунёи куҳан" (қадимӣ, собиқадор, ҳаётдида, устувор) ном мебаранд, нишон медиҳад, ки онон ҳатто дар истифодаи калимаи "оппозитсия" низ хеле андешамандона, эҳтиёткорона ва ҳадафмандона муносибат мекунанд. Дар Британияи Кабир, ки садсолаҳо қисми дунёро таҳти тасарруф дошт, дар робита бо ақл, хирад, андеша ва қудрату манзалати геополитикии он айни замон ҳам ҷой барои баҳс намемонад, системаи сиёсиаш, асосан, ҳолати дуҳизбиро ба ҳукми анъана даровардааст. Парламенти кишварро аслан ду ҳизб намояндагӣ мекунанд. Онҳо ҳукуматро ташкил ва раҳбарӣ менамоянд.

Албатта, тафсирҳо дар ин маврид гуногунанд. Аммо ба ҳукми анъана, оппозитсияи мавҷударо ба хотири нигоҳ доштани

ягонагии давлат, мақсаду маром ва пойдории давлатдорӣ барои мардумони "ҷазираҳои муассир" **"No oposition to the Majesty",** балки **"Her Majesty's opposition"** (на **"оппозитсияи муқобили Шоҳ",** балки **"оппозитсияи Шоҳ"),** мегӯянд (Javapalan N. Modern Government sandoppositions. 2 volume. 2002. -P. 109). Ин таъбир яке аз истилоҳоти мантиқии муайяншудаи илми давлатшиносии Ғарби имрӯза аст. Ҷавҳари ифода - вобаста кардани тамоми имконот - потенсиали сиёсӣ, идеологӣ, маънавии ҷомеа, ҳатто ҳизбу ҳаракатҳое, ки оппозитсия номида мешаванд, ба хотири безавол мондани давлати миллии британиягиҳо - муқаддасоти миллии онон мебошад. Ҳамчунон, ишора, даъват ба самтгирӣ ва қутбнамои стратегияи сиёсии миллӣ аст.

Таҳлили назария ва амалияи фаъолияти субъектҳои сиёсии давлатҳои мутамаддини дунё (дар назар дошта мешавад, пеш аз ҳама, кишварҳои Ғарб) аз он шаҳодат медиҳад, ки тафаккури илмӣ, таҷриба ва амалияи сиёсии ин кишварҳо ба аҳаммияти субот, ягонагӣ ва қудратманд будани давлати миллӣ нигаронида шудаанд. В.Ф. Гегел муҳиммияти масъалаи зикргардидаро қотеона таъкид мекунад: **"Мавҷудияти маънавӣ ва бохирадонаи инсон фақат дар чаҳорчӯби давлат имкон дорад"** (В.Ф. Гегель. Лекции по философии всемирной истории. -М.: 1977. -С. 64). Олими бузург дар давоми сухан аз оҳанги олимонаи фалсафаи баён фосила гирифта, омирона фикрашро идома медиҳад: **"Бо тамоми ҳастӣ инсон бояд худашро дар назди давлат масъул шуморад. Кулли арзишмандии инсон, рӯҳ ва маънавиёти ҳақиқии он - натиҷаи ҳастӣ ва фаъолияти ӯ дар доираи Давлат аст"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 64). Сиёсатшиноси маъруфи немис таъкид менамояд, ки яке аз вазифаҳои муҳимми давлат андухтани маърифат аст. Зеро **"мақсади ҳама гуна донишомӯзӣ иборат аз он аст, ки ба инсон кумак кунад, то ӯ табиати маҳзи субъективиашро пушти сар карда, воқеияти ба тарзи объективона, дар чаҳорчӯби давлат зистанро омӯзад"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 64). Ҳамин тариқ, илми

давлатшиносии Ғарб таъкид бар он мекунад, ки шахс ҳамчун субъекти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар муносибат бо манфиатҳои давлатӣ (хонда шавад миллӣ) аз диди номутаносиби шахсии хеш болотар истад, манфиати давлатиро волотар бинад. **Мутаассифона, ноил гаштан ба чунин эҳсос, тасаввурот, муносибат, бидуни омӯзиши илм, андухти маърифат мувоҷеҳ ба мушкилот аст.**

## Геополитика: "мантиқи воқеият"ва субъекти сиёсӣ

Дар доираи илмҳое, ки қонуният ва шаклҳои тафаккурро меомӯзанд, мафҳуми "мантиқи воқеият" вуҷуд дорад. Он қонунмандиҳои ҳақиқати объективиро дар чаҳорчӯби ифодаи мантиқӣ инъикос мекунад.

Субъектҳои сиёсӣ, ки дар фазо ва вақт амал мекунанд, ба тарзи диалектикӣ наметавонанд аз "мантиқи воқеият" берун бошанд. Онро сарфи назар кунанд. **"Her Majesty's opposition"** маҳсули ана ҳамин воқеият аст. Ин шиор барои мардуми Британияи Кабир хуб хизмат мекунад. Субъектҳои сиёсиро дар системаи сиёсии давлатдории Англия, то ҳадди имкон, дар доираи талаботи маъмули дипломатии **"oiling relationship**" (мулоим кардани муносибатҳо) нигоҳ медорад. Гумон намеравад, ки он бар зарари дигар субъектҳои байналмилалӣ бошад.

Яъне, вобаста ба зинаи тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, идеологӣ, маданият ва маърифати сиёсӣ, шароити таърихӣ, таҷрибаи давлатдорӣ, урфу одати миллии ҳар давлат, **"мантиқи воқеият"** зарурати истифодаи роҳ, усул ва шаклҳои муайяни фаъолияти система, структура, аз ҷумла субъектҳои сиёсии хешро дорад. Дар асоси он амал мекунад.

Аммо таҷриба ва аёнияти сиёсати геополитикӣ иборат аз он аст, ки давлатҳои абарқудрат ва мамлакатҳое, ки аз худ

қувваи хоси геополитикӣ метарошанд, ё дар орзуи чунин қудрат ҳастанд, барои худ аз ин намуди мантиқ сахт истифода мекунанд. Барои мисол, онҳо дар қаламрави худ ба сохтани ҳизбҳои сиёсие, ки оқибат ба илмситезӣ, ноороми, бесуботӣ, ифротгарой, парокандагӣ, шикаст ва нобуд гаштани сохти давлатдории худашон оварда мерасонанд, ҳаргиз иҷозат намедиҳанд. **Аммо барои созмон додан, пурқувват кардан, ба субъекти муассири паҳн кардани фанатизм, хурофотпарастии ҷомеа дар кишварҳое, ки қисмате аз мардуми онҳо сода, гумроҳ, аз ҷиҳати маърифати илмӣ дар зинаи поини тараққӣ ҷойгаҳ доранд ва аз ҷиҳати молӣ онҳоро ҳарис, дастнигар ва тамаъҷӯй дар меёбанд, садҳо милллион доллар сарф мекунанд.** Барои ин кор ҳазорҳо баҳона, шиор, даъватҳо, барномаҳо, консепсияҳои авомфиребона коркард ва тарҳрезӣ менамоянд. Онҳоро "арзишҳо" ном мебаранд. Аъмоли хешро, дар ҳар сурат ҳамчун раванди таъмини манфиатҳои миллии хеш маънидод мекунанд. Аз он рӯҳ мегиранд. Қаноатманд мешаванд. Аммо дар доираи "мантиқи воқеӣ" амалкарди нафаре, ашхосе, гурӯҳаке, ки ҳамчун "абзор", "асбоб", олати иҷрои амал, тавассути касе, чизе истифода мешавад, на дар доираи "мантиқи воқеӣ" ва умуман илми мантиқ, ки асоси онро дарки алоқамандии тафаккур ба олами объективӣ ташкил мекунад, рост намегирад. Агар аз истифодаи **"артиллерияи вазнини суханҳои илмӣ"** худдорӣ кунем, амали онҳо маънӣ ва мантиқ надорад. **Ҳар коре, ба ҳар навъе, зери кадом шиоре анҷом медиҳанд, дар муқобили манфиатҳои миллат ва Ватани аҷдодии хеш анҷом медиҳанд.**

"Созишномаҳо" байни ашхосе, ки дар шакли кӯшиши сохтани субъекти сиёсӣ дар дохил ва хориҷи мамлакат бо аҷнабиён бар зидди манфиатҳои миллӣ сурат мегирад, созишномаҳои техникӣ (сохта, муваққатӣ, тактикӣ), ҳамчун никоҳи сиға байни субъект ва объект мебошад. Охирин мавриди таъсир ва истифодаи аввалӣ аст. Асоси муносиботро ғараз

ташкил мекунад. **Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки ин гуна мантиқи бофта дар аввалин озмоиш, рӯ ба рӯ гаштан бо воқеият ва ҳақиқат, ки онро манфиатҳои Миллат ва Ватан мегӯянд, фош мегардад.**

Мутаассифона, тавре ки таъкид гардид, дар амали аҷнабиёне, ки зидди манфиатҳои миллии мо мубориза мебаранд, мантиқ ҳаст. Он чизе, ки дар амали ашхос ва гурӯҳаке, ки бо кумаки онон манфиатҳои Ватани худро зери суол мебаранд, мавҷуд нест.

**Мантиқи ҳаёт, мантиқи воқеият, зӯртар, пурқувваттар аз мантиқи ваъдаи фардои аҷнабиён аст. Ҳамин тариқ "мантиқи воқеӣ", ҳақиқӣ, дар шароити давлатдорӣ доимо дар ҷои аввал меистад.**

**Ҷанбаи таърихии субъекти сиёсӣ**

Маълум аст, ки бисёри миллатҳо, аз ҷумла миллати тоҷик, давраи таърихии токонститутсиониро аз сар гузаронидаанд. Истилоҳи субъекти сиёсӣ мансуби таърихи нав аст. Гарчанде зуҳуроти субъекти сиёсӣ ҳамчун муҳимтарин ҷузъи системаи сиёсӣ сабаб ва боиси пайдо гаштани умдатарин қисмати системаи сиёсӣ - давлат гаштааст.

Субъект ҳамчун категорияи фалсафӣ, барои тафсири фаъолияти инсон, ба хотири дарки амалия ва назарияи ӯ истифода карда мешавад. Аниқтараш, ҳарф сари муносиботи субъектӣ - объектӣ (инсон ва ҳадафи ӯ) меравад. Сарчашмаи илми шинохти сиёсат низ аз ҳамин мафҳум ва мантиқи фалсафӣ манша мегирад.

Дар маҷмӯи ҷузъиёти биологӣ мавқеи Инсон ҷойгоҳи махсус дорад. Ӯ на танҳо сабабгори тағйири муҳит, атроф, табиат ба хотири дар доираи фаҳм ва зеҳни худ мувофиқ кунонидани он ба манфиати хеш аст, балки созандаи тафаккур, тасаввурот ва ҷаҳонбинӣ мебошад. Яъне, Инсон ягона ҷузъи

созанда ва худкифои зуҳуроти табиӣ аст, ки барои имрӯз ва ояндаи худ, назари мантиқӣ ба хотири пешрафти онро дорад. Ҳамин тариқ, агар сухан дар бораи субъект равад, ҳатман объект дар назар дошта мешавад.

**Ҳарф сари он аст, ки муносибати субъект ба объект ба хотири таъсир расонидан, коркард ва аз он чизе сохтан барои манфиати худи Инсон, дар вобастагии кулл ба дараҷаи Дониш, Илм, Маърифат ва Ҷаҳонбинии худи Инсон аст. Ба ибораи дигар, вазни субъекти сиёсӣ баробар ба дараҷа, сифат ва самараи донишҳои он дар бораи қонуниятҳои пайдоиш, инкишофи табиат ва ҷамъият мебошад. Ҳамзамон ченаки арзишмандӣ ва воқеияти ин гуна донишҳо дар амалияи инсон, ҳаёти рӯзмарраи ҷомеа, самара ва пешрафти он барои зиндагии воқеӣ (на ваъдагӣ) ифода меёбад.**

Воқеияти таърихии дар харитаи сиёсии ҷаҳон арзи вуҷуд кардани давлати мустақили миллӣ бо номи Тоҷикистон, самараи фаъолияти субъектҳои воқеии сиёсии миллати тоҷик дар тӯли таърих аст.

Давлатмардон, лашкаркашон, олимон, аҳли адаб сабаби (субъекти) аслии ворисӣ кардан ва ба Истиқлолияти миллӣ расонидани миллати тоҷик мебошанд. Се ранг доштани Парчами Миллӣ инъикоси рамзии амали қаҳрамонии субъектҳои сиёсии миллати тоҷик аст. Онҳо бо эҳсос ва муносибати воқеӣ (амалӣ, ҳақиқӣ, материалӣ) манзалати миллати тоҷикро ба ин сатҳ расониданд.

Корномаи Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ дар пойдор, устувор ва шуҳрати ҷаҳонӣ бахшидани забони тоҷикӣ, қаҳрамонии Фирдавсӣ дар зинда кардани Аҷам, на барои **инъом, тавре ки дар фарзияҳои нақди адабӣ омадааст - ба хотири тухфа пешкаш кардани "Шоҳнома"** ба Султон Маҳмуди зобит, хурофотӣ ва мутаассиб**, балки ба мақсади ба ӯ ва дигар аҷнабиёни ғосиб фаҳмонидани таърих, аслият ва ҳувияти миллати тоҷик, эълом ва**

**таъкиди мансубияти аҷдодии мулки Аҷам,** фидокории Ибни Сино дар муаррифӣ кардани ақл, хирад ва тавони маънавии миллии тоҷикон ва ҳазорҳо нафар дигар фарзандони фарзонаи мардуми мо ҳамчун субъекти сиёсии муқтадир, дар роҳи ташаккулёбӣ ва ҳифзи хотираи таърихӣ, хизмати ҷовидона кардаанд.

Худшиносӣ ҳамчун муҳимтарин қисмати структуравии субъекти сиёсӣ, фақат дар натиҷаи аз худ кардани донишҳои мукаммали илмӣ сурат мегирад. Маҳз дар ҳамин асос, инсон мавқеи худро дар ҷамъият муайян мекунад. Ба атроф - табиат ва ҷамъият муносибати хешро дақиқ месозад.

Хотираи таърихӣ нишонгари он аст, ки бузургони миллат дар муддати зиёда аз ҳазор соли бедавлатӣ тавонистанд бо имконоти кӯтоҳи дастрасии сиёсӣ, ҳарбӣ, илмӣ ва фарҳангӣ ҳувияти миллии тоҷиконро то ба истиқлолияти давлатӣ расонанд. Сарфи назар аз фишор, таъқиб, таҳдидҳои аҷнабиён манфиатҳои миллии хешро нигоҳ доштанд, ҳимоят карданд. Истодагарӣ намуданд. **"Агар рӯҳи Инсон қавӣ бошад, эҳсоси беруна имкони таъсир кардан ба онро надорад"** (Ибни Сино. Мунтахаби осори фалсафӣ. -М.: 1980. -С. 226). Дар ҳама ҷо, дар ҳама ҳолат ӯ манфиати миллиро аз манфиати аҷнабиён фарқ карда метавонад.

Воқеият зуҳуроти объективӣ, диалектикӣ аст. Аммо дарки он хосияти сирф субъективӣ дорад. Ба дониш, ҷаҳонбинӣ, тавони шинохти таҷриба, таҳлил, арзёбӣ ва шакли муносибат ба предмети мавриди назар вобаста аст.

Дар масири пурпечутоби шинохти зиндагӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ, аслан, сухан дар атрофи Ақл ва Дониш меравад. Нақши аввалӣ муҳимтар аз ҳама аст. Мутаассифона, **"агар ақл кӯтоҳӣ кунад... дар хотира чизе боқӣ намемонад. Ӯ ҳама нақшро дар шакли умумӣ мебинад. Маҳз ба хотири ҳамин, касе, ки аз ақл фосила дорад, вай бисёр чизҳоро дар шакли нодуруст тасаввур**

**мекунад"** (Ибни Сино. Мунтахаби осори фалсафӣ. -М.: 1980. -С. 226)**.**

Донистан, фаҳмида гирифтан ва сарфаҳм рафтани ҷанбаҳои таърихии субъекти сиёсӣ аз муҳимтарин омили пойдор гаштани худи субъекти сиёсӣ барои манфиатҳои миллӣ маҳсуб мегардад.

Маълум аст, ки мантиқи таърихи гузаштаи миллатро нахуст аз рӯи натиҷаи он меомӯзанд. Ҷараёни чунин омӯзиш аз натиҷа ба сабабҳо, омилҳои он самтгирӣ мекунад. Бе ин, дарки воқеияти имрӯза ва сохтани оянда номумкин аст.

Таърих хусусияти объективии устувор дорад. Амали иҷрошуда аст. Аз далелҳо иборат мебошад. Ин далелҳо дар фазо ва вақт ба вуқӯъ пайвастаанд. Ҳатто, **"олимони Юнони Қадим муътақид буданд, ки донистани ягон чиз на тавассути баҳс, балки тавассути омӯзиши таҷриба ҳаллу фасл мегардад"** (Ф. Бекон. Сочинение в двух томах. Т.2. -М.: 1978. -С. 7). Таърих таҷриба аст.

**Илми мантиқ тақозо мекунад, ки дар тамоми ҳолат қонуният ва шаклҳои тафаккур, ба умеди ноил гаштан ба донишҳои илмӣ, дар вобастагӣ ба воқеият истифода шавад. Маҳз ҳамин ҳолатро фаҳми таърихӣ - мантиқӣ меноманд.** Қувваҳое, ки бо кумаки бегонагон мехоҳанд аз худ нишонаи субъекти сиёсии сохтакоронаро намоиш диҳанд, умед аст, ин хақиқатро ба инобат мегиранд. Агар фаҳм ба ҳақиқати имрӯз мушкил дошта бошад, ҳақиқати таърихро дар чаҳорчӯби мантиқ омӯзанд. «**Роҳи расидан ба ҳақиқат, худ бояд ҳақиқӣ бошад».**

## Хулоса

Субъекти сиёсӣ аз муҳимтарин мавзӯъҳои тадқиқоти илми давлатшиносӣ аст. Он, пеш аз ҳама, масъалаҳои умдаи сиёсати амалиро дар бар мегирад. Ташаббускор, пешбаранда,

ташкилотчӣ ва иҷрокунандаи фаъолияти сиёсӣ мебошад. Дар амалӣ кардани нақшаҳои сиёсӣ сидқан манфиатдор аст. Роҳ, усул ва методҳои амалӣ кардани мақсадҳои дар пеш гузоштаашро медонад. Дар ин самт кӯшишҳо ба харҷ медиҳад.

**Масъалаи ҳаётан муҳим дар чаҳорчӯби таъйиноти субъектҳои сиёсӣ, манфиатҳои миллӣ - сулҳу субот, амнияти системавӣ, аз ҷумла рушди иқтисоди давлати миллӣ мебошад.** Дар муқобили чунин таъйинот ҳама гуна барнома, шиор ва ваъдаҳои дигари шахс, гурӯҳ, созмон ва ташкилоте, ки сарфи назар тахти пӯшиши кадом ақида, назария ва ҷаҳонбинӣ баромад карда, кӯшиши эътироф карданро ҳамчун субъекти сиёсӣ доранд, бо ҳақиқати илмӣ дар ихтилофи маҳз аст.

Муҳимтарин субъекти сиёсӣ дар баробари Давлат ва Миллат, Раҳбари сиёсии давлати миллӣ, ҳамчун падидаи аз ҷиҳати илмӣ - назариявӣ, сиёсӣ - амалӣ ва ҳуқуқӣ муайяншуда, исботгардида ва тасдиқшудаи таҷрибаи таърихии миллатҳои пешқадами дунё мебошад. Он барои раҳнамун ва ба мақсадҳои олӣ расонидани Давлат ва Миллат нақши ҳалкунанда дорад. Таҷрибаи таърихии Миллати тоҷик ин назарияро бори дигар бо далелҳои оламшумул, равшан ва муътамад тасдиқ кард.

Классификатсияи сифатии субъектҳои сиёсӣ сарфи назар аз ақида ва мавқеъгирии сиёсӣ, макони зист, исботи он аст, ки байни тамоми қишрҳои аҳолии мардуми Тоҷикистон умумиятҳои бузурги таърихӣ, ирқӣ, нажодӣ вуҷуд дорад: а) тибқи макони таваллуд мо ҳамватанем, фарзанди як сарзамин – Тоҷикистонем; б) аз рӯи мансубият ва давоми падару модари худ тоҷик ҳастем. Ин умдатарин, муҳимтарин, асоситарин, бузургтарин аломате аст, ки тахти Парчами Пешвои Муаззами Миллат, бо одитарин имконот, сарҷамъ, як субъекти бузурги сиёсиро барои сохтани Ватани азиз созмон диҳем, сафарбар намоем. Ҷанбаи таърихии таҷрибаи субъектҳои сиёсӣ ва мантиқи

воқеияти олами имрӯз моро ба ин амал беш аз пеш водор мекунад.



**Қосимшо ИСКАНДАРОВ**
*доктори илмҳои таърих*

# ТОҶИКОН ДАР МАСИРИ ТАЪРИХИ НАВИНИ АФҒОНИСТОН

Дар Афғонистон, ки бо Тоҷикистон марзи тӯлонӣ, муштаракоти фарҳангӣ, забонӣ, динӣ ва расму суннатҳои ягона дорад, қариб чор даҳа ҷанг идома дорад. Ин вазъият наметавонад боиси нигароии мо тоҷикистониён нашавад. Сабабҳои тулонӣ шудани ҷанг гуногунанд: ихтилофҳои сиёсӣ, идеологӣ, мазҳабӣ, қавмӣ, забонию самтӣ, аз як тараф ва мудохилаи кишварҳои минтақавӣ ва қудратҳои ҷаҳонӣ аз тарафи дигар. Таҷрибаи чанд соли ҷанг нишон медиҳад, ки дар баробари дигар омилҳо ихтилофоти қавмӣ дар солҳои ахир хеле тезутунд шудааст. Сабаби шиддат гирифтани ихтилофоти қавмӣ қабл аз ҳама дар он аст, ки қавмҳои сокини ин кишвар фикр мекунанд, ки ҳақу ҳуқуқи онҳо дар қудрати сиёсӣ таъмин нашудаст. Ҳатто намояндагони қавми паштун ҳам, ки қудрати сиёсиро дар даст доранд аз мавқеи худ дар қудрат розӣ нестанд.

Олимони мардумшинос, ки нақшаи қавмии Афғонистонро таҳия намудаанд ба мавҷудияти 55-57 гурӯҳи этникӣ таъкид мекунанд, ки бо 33 забон гуфтугӯ менамоянд[1]. Ба ин далел аст, ки Афғонистонро баъзе мутахассисон музеи қавмҳо, забонҳо, мазҳабҳо, расму суннатҳои гуногун меноманд.

Аз миёни ин ҳама қавмҳо тоҷикон ва паштунҳо сернуфустарин қавмҳо дар ин кишвар мебошанд. Дар Афғонистон ҳеҷ гоҳ саршумории пурраи нуфус (барӯйхатгирии аҳолӣ) гузаронида нашудааст ва таносуби дақиқи байни қавмҳо

[1] Сентливерс П. Нақшаи ҷадиди қавмии Афғонистон// Афғонистон, ақвом, кӯчиён.- Теҳрон, 2002.

маълум нест. Бо вуҷуди ин, дар маълумотномаҳои ба нашррасида паштунҳо аксарияти аҳолӣ пиндошта мешаванд ва ин назарияи «аксарияти қавмӣ», қавми "давлатсоз" то имрӯз дар байни нухбагони паштун устувор аст ва бар пояи ҳамин назария паштунҳо роҳбарии давлатро дар Афғонистон ҳаққи инкорнопазири паштунҳо медонанд. Аммо воқеият ин аст, ки мувофиқи маълумотҳои мавҷуд имрӯз ҳеҷ қавме аксарияти аҳолии мамлакат, яъне беш аз нисфи онро ташкил намекунад ва Афғонистонро коршиносон кишвари ақаллиятҳои қавмӣ меноманд.

Ҷомеаи паштунҳо, асосан бо расму суннатҳои қабилавии худ зиндагонӣ менамоянд. Маҷмӯаи қонун ва анъанаҳои қабилавӣ дарбаргирандаи идеология, ҳуқуқи анъанавӣ ва қонун барои пуштунҳост ва онҳо ҳатто аҳкоми исломро то ҳадде қабул мекунанд, ки ба қонунҳои қабилавӣ муқобил набошанд.

Олимон ташаккули паштунҳоро ба сифати ҳалқи ягона ба асрҳои XI-XII мансуб дониста, ватани аслии онҳоро доманакӯҳҳои Сулаймон дар марзҳои шарқии имрӯзаи Афғонистону Покистон медонанд. Паҳншавии онҳо ба минтақаи Афғонистони имрӯза ва ё Хуросони дирӯза ба асрҳои XV-XVI рост меояд. Сайёҳон ва дипломатҳои аврупоӣ ба мисли М.Элфинстон ва А.Бёрнс менависанд, ки ҳатто дар аввали асри XIX тоҷикон аксарияти аҳолии шаҳрҳои шарқ ва ҷануби Афғонистонро ташкил медоданд. Масалан, шахсияти сиёсӣ ва роҳбари аввалин ҳайати сиёсии англис ба қаламрави Афғонистони кунунӣ М. Элфинстон дар ҳамон аввалҳои асри XIX чунин навиштааст: "Афғонон номи умумӣ барои давлаташон надоранд, аммо Афғонистон, ки эҳтимолан нахуст дар Эрон ба кор бурда шуда, мукаррар дар китобҳо омадааст ва агар ба кор равад, барои мардуми он сарзамин ношинохта нест"[2]. Қобили зикр аст, ки дар миёнаи асрҳои XVIII, ки давлати Дуронӣ ташкил шуд, аксарияти аҳолии шаҳрҳои ин минтақа, аз ҷумла Қандаҳор, Ғазнӣ, Ҳирот, Нангарҳорро тоҷикон ташкил мекарданд ва дастгоҳи давлатӣ ва ё дастгоҳи бюрократӣ дар

[2] Элфинстон М. С. Афғонон: ҷой фарҳанг, нажод (Гузориши салтанати Кобул: тарҷумаи Муҳаммад Осиф Фикрат. Машҳад, 1997. С.105.

дасти тоҷикон буд, забони форсӣ забони расмии давлатӣ ба ҳисоб мерафт. Афғонҳо (паштунҳо), чуноне Маҳмуди Тарзӣ, андешапардози натсионализми афғонӣ эътироф кардааст, «афғонҳо зотан ба кори аскарӣ ва футӯҳоти билоду ҳарбу зарб гирифтор буданд, ба корҳои мирзоӣ ва таҳрироти ҳукуматӣ вақт ва фурсат надоштанд... Китобҳои таҳсили илму адабиёт ҳама ба забони форсӣ ва ё арабӣ буданд, забони афғонӣ ба дараҷаи кифоят аз ин чизҳо саросар маҳрум монда буд»[3].

Соли 1747 дар шаҳри Қандаҳор давлате асос гузошта шуд, ки дар сарчашмаҳо бо номи Давлати Дурраниҳо ва ё Хуросон маълум буд ва баъдан номи Афғонистонро гирифт. Аввалин подшоҳи кишвар Аҳмадшоҳи Абдолӣ фармондеҳи дастаи сарбозони афғонии Нодиршоҳ буд.

Ташакули давлати мутамарказ, ки имрӯз бо номи Афғонистон ёд мешавад, беш аз 150 сол давом карда, дар охири қарни XIX, дар давраи аморати Абдураҳмонхон (1880-1901) ба охир расид. Дар ин давра минтақаҳои васеи марказ, шимол, шимолу ғарб ва шимоли шарқи Афғонистон, ки сокинони он ҳама ғайрипаштун буданд, забт ва ба давлати Дурраниҳо ҳамроҳ карда шуд. Бо забти ин минтақаҳо амирони Афғонистон кӯшиш намуданд аҳолии паштунро аз ҷануб ва шарқи Афғонистон ба шимол муҳоҷир намуда, бо ин роҳ ҳузури онҳоро дар ин ҷойҳо таъмин ва таносуби қавмиро ба манфиати афғонҳо тағйир диҳанд.

Дар бойгониҳои давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳуҷҷатҳои зиёде мавҷуд аст, ки сиёсати кӯчонидани паштунҳоро ба шимол возеҳан инъикос менамоянд. Дар яке аз ин ҳуҷҷатҳо омадааст, ки Абдурраҳмонхон фармон содир кард, ки аз Қандаҳор ба Чорвилоят 50 ҳазор хонаводаи афғон (паштун) , ба Андхуй, Келиф ва Оқча 38 ҳазор хонавода кӯчонида шаванд. Ҳамчунон даҳхо ҳазор нафар афғонҳо ба ноҳияҳои Чоҳоб ва Рустоқ интиқол гардиданд, тамоми минтақаи байни Мазори Шариф ва Балх аз ноқилини паштун иборат буд[4].

---

[3] Тарзӣ Маҳмуд. Забон ва аҳамияти он// Сирочу-л-ахбори афғонӣ. Соли панҷум, шумораи 2, 20 сунбулаи 1294 (1915).
[4] Алексеенков П. Аграрный вопрос в афганском Туркестане.М., 1933. С. 184.

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳудуди 100 ҳазор хонаводаи паштун аз ҷануб ва шарқи Афғонистон ба шимол муҳоҷир карда шуданд. Бо ин роҳ амирон мехостанд дар шимол такягоҳи иҷтимоӣ дошта бошанд. Ин дар ҳоле буд, ки ба қавли муаррихин, дар ин минтақаҳо заминҳои бесоҳиб набуданд ва ноқилин заминҳои мардуми маҳаллӣ, яъне тоҷикону узбекҳоро тасарруф менамуданд.

Амир Абдураҳмонхон ташкили давлати мутамаркази афғониро, мувофиқи гуфтаҳои таърихнигорон, бо як бераҳмии ҷунуномез дар баробари мардуми маҳаллӣ анҷом додааст.

Бахусус, ба мардуми ҳазора ҳеҷ раҳму шафқат раво надидааст. Ба қавли муаррихин, 62 % мардуми ҳазора дар давраи аморати ӯ ба қатл расиданд[5]. Ӯ ҳар гуна эътирози мардумро дар баробари зулму истибдодаш бо як бераҳмии хос пахш ва ҳатто аз таҷрибаи каламанорасозии Темури Ланг истифода намудааст. Дар бораи ин амалҳояш худи ӯ дар китоби тарҷумаиҳолиаш бо номи «Тоҷу таворих» муфасал нақл кардааст. Ӯ дар бораи яке аз ҷангҳояш дар Қатаған менависад: «Аз тарафи душман (мардумони маҳаллӣ-Қ.И.) 3000 нафар дар майдони ҷанг кушта шуданд ва 600 нафар асир. Ман ҳукм додам, то маноре аз сарҳои мақтулини душман сохтанд, то бақияи душманро ба ваҳшат биафканад»[6]. Муҳаққиқи тоҷик Р.Маҳмадшоев бо такя ба китоби «Очеркҳои Шуғнон» менависад, ки «ӯ (Абдураҳмонхон-Қ.И.) бо дастгирии англисҳо соли 1882 Рушон ва Шугнонро ба ҳудуди давлати худ ҳамроҳ намуда, ҳокими он Юсуфалишоҳро бо шеваи бисёр бераҳмона ба қатл расонид. Вайро зинда ба зинда дар замин гӯр карданд, ҷаллодон Юсуфалишоҳро дар чоҳ андохта, болояшро хок пур карданд ва боз об рехта онро сум мекарданд то азобаш зиёдтар шавад»[7].

Дар идомаи сиёсати ташкили давлати мутамарказ ва бо мақсади пурра муайян намудани сарҳадҳои давлатии

[5] Мусавӣ Сайид Аскар. Ҳазораҳои Афғонистон.-Теҳрон, 2000. С. 156.
[6] Амир Абдурраҳмонхон. Тоҷу-т-таворих. Ҷ.1-2. Пешовар, 1996. С.39.
[7] Махмадшоев Р. История этнополитического развития таджиков Хорасана (Афганистан). Душанбе: Ирфон, 2009. С. 150-151.

Афғонистон амир Абдураҳмонхон 12 ноябри соли 1893 созишномаро дар бораи муайян намудани сарҳади байни Афғонистон ва Ҳинди Бритониёӣ бо котиби корҳои хориҷии Ҳинди Бритониёӣ Мортимер Дюранд имзо намуд, ки бо номи "хати Дюранд" маълум аст. Дар натиҷаи имзои ин созишнома, амалан тамоми минтақаҳои пайдоиши паштунҳо (Читрол, Дир, Сват, Боҷаур, Вазиристон ва ғайра) расман ба империяи Британияи Кабир ҳамроҳ карда шуданд. Гарчанде аксари муаррихони афғон ва шӯравии вақт бар ин ақида мебошанд, ки ин созишнома ба амир Абдурахмонхон зери таҳдиди ҷанг ва муҳосираи иқтисодӣ таҳмил гардид, аммо ба фикри дигар муҳаққиқин амир барои муайян намудани марзи байни Ҳиндустони Бритониёӣ ва мулкҳои Афғонистон манфиатдор буд, то ба қавли худаш, "душманӣ миёни ду кишвар ба дӯстӣ мубаддал шавад". Абдураҳмонхон бо боварӣ менависад, ки "дар имзои муоҳидаи Дюранд хато ва иштибоҳ накардаам"[8]. Ӯ менависад: " Давлати Ҳиндустон исрор кард, ки Чағонро ҳам тахлия намоям ва дар Кофаристон ва тамоми Боғистон ва Балуҷистон ва самти Чаман ҳам маъмурини сарҳадии Ҳиндустон яксара мудохила мекарданд..., кӯҳи Хуҷакро тунел зада (сӯрох карда) роҳи оҳани худро дохили мамалакати ман менамуданд, мисли он ки корд дар ҷигари ман мезаданд. Ва хабарҳо буданд, ки давлати англис мехоҳад роҳи оҳани худро, чи бо иҷозаи ман ва чи бе иҷозаи ман то Қандаҳор биёварад. Илова бар ин давлати Рус дар боби вилоёти Рушон ва Шуғнон машғули фароҳам овардани мушкилот барои ман буд. Ба ҷиҳати қатъ ва фасли тамоми ҳамин муноқишот ва заҳамот буд, ки сафоратро ба раёсати сер Мортимер Дюранд ба Кобул даъват намудам" [9].

Имрӯз ин масъала ба яке аз масъалаҳои доғ дар ҷомеи Афғонистон ва дар муносибати ин кишвар бо Покистон табдил шудааст. Ахиран зимни баррасиҳо дар Сенати ИМА масъалаи "хати Дюранд" яке аз заминаҳои густариши ноамниҳо дар

[8] Муҳаммадӣ Ғуломмуҳаммад. Паштунистонхоҳӣ омили табоҳии Афғонистон.Кобул, 2012. С.30.
[9] Амир Абдураҳмонхон. Тоҷу-т-таворих. Ҷ.1-2. С.419.

Афғонистон номида шуд ва намояндагони амрикоӣ аз давлати Афғонистон хостанд, ки ин хатро ба унвони сарҳади расмӣ эътироф намояд. Як узви Сенат ҳатто пешниҳод кардааст, ки кишвараш бояд ба шарте Афғонистонро кумак намояд, ки хатти марзии Дюрандро ба расмият бишиносад.

Дар давраи подшоҳии Амонуллохон (1919-1929) ба муҳоҷиркунонии аҳолии паштун ба шимол аз сар гирифта шуд. Ӯ “Низомномаи ноқилин”-ро қабул кард, мувофиқи он ҳукуматҳои маҳаллӣ дар шимол уҳдадор шуданд, ҳазорон нафар аз ноқилинро пазируфта, онҳоро бо заминҳои обӣ таъмин намоянд. Давлат ба ноқилин имтиёзҳои дигари зиёдро пешбинӣ намуд, аз ҷумла барои 12 сол аз пардохти андоз озод карда шуданд. Аз ҳамон давра дар минтақаи васеи шимол, аз Ҳирот то Бадахшон минтақаҳои паштуннишин, ба истилоҳ, “анклавҳо” ба вуҷуд омаданд, ки имрӯз, мутаассифона, ин “анклавҳои” паштуннишин хоса дар вилоятҳои шимолӣ: Форёб, Сари пул, Ҷузҷон, Бағлон ва Қундуз ба пойгоҳҳои аслии Толибон ва террористон мубаддал шудаанд.

Дар баробари ин, Амонуллохон соли 1923 барои авалин бор дар Афғонистон Низомномаи асосии давлати олии Афғонистонро таҳия ва қабул кард, ки мувофиқи он, ҳамаи халқҳо сарфи назар аз қавм, нажод, дину мазҳаб дар назди қонун баробар ва озод эълон шуданд, ғуломдорӣ бекор карда шуд, бартарии маликҳо ва хонҳои афғониро, ки нафақахӯри хазинаи подшоҳӣ буданд, бекор намуд.

Бешубҳа, ислоҳоти Амонуллохон дар роҳи таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва тараққиёти капиталистии Афғонистон иқдоми муҳим буданд. Аммо мушкили ин ислоҳот дар он буд, ки он аз ҳаду имконияти онвақтаи Афғонистон берун буд. Ҳукумат маҷбур шуд, то ҳаҷми молиётро се баробар зиёд кунад, андозҳои пулӣ ҷорӣ кунад, ки деҳқононро хонахароб кард. Ислоҳот ба имтиёз ва таъсири рӯҳониён зарбаи сахт зад, онҳоро аз даромади заминҳои вақф ва ҷамъоварии андоз маҳрум кард. Ин вазъият мавҷи норозигиҳо ва қиёмҳои мардумиро барангехт ва соли 1923 қабилаҳои мангал шӯриш бардоштанд, ба онҳо қабилаҳои аҳмадзой, сулаймонхел ва дигар қабилаҳои дигар ҳамроҳ шуданд. Тирамоҳи соли 1928 қиёми деҳқонон дар Шинвор ва

Кӯҳистон сар зад. Ба қиёми деҳқонони Кӯҳистон Ҳабибуллоҳи Калаконӣ раҳбарӣ мекард. Бинобар наздикии Қӯҳистон ба пойтахт Ҳабибулло бо як ҳамлаи васеъ 14 январи соли 1929 Кобулро ба тасарруфи худ даровард ва подшоҳи Афғонистон эълон шуд.

Аввалин бор дар таърихи беш аз 180-солаи давлати Афғонистон тоҷик зимоми қудратро ба даст гирифт. Лозим ба ёдоварӣ аст, ки ин шӯриш ҳеҷ омили қавмӣ надошт ва тоҷикони дастаҳои Ҳабибулло бо кумаки қабилаҳои паштун тавонистанд Амонуллохонро сарнагун намоянд. Аммо баъзе аз раҳбарони паштун, ба хусус Муҳаммад Нодирхон паштунҳоро бо таблиғоти васеи зиддитоҷикӣ, ки гӯё саркардаи онҳо як «тоҷики пойлуч» ва «бенасаб» бо номи Бачаи Сақав (онҳо Ҳабибуллоҳро таҳқиромез Бачаи Сақав, яъне бачаи обкаш ва ҳукуматашро Сақавӣ номиданд), тахти подшохии афғонҳоро ба даст гирифтааст, ба муқобили Ҳукумати Ҳабибуллоҳ таҳрик намуданд. Ниҳоят баъд аз 9 моҳ бо ёрии, ба қавли Мирғулом Муҳаммади Ғубор, «лашкари ҳашарӣ», иборат аз паштунҳои қавми вазирии он тарафи «хати Дюранд» ҳукумати Ҳабибуллоҳро сарнагун ва минтақаҳои тоҷикнишини шимоли Кобул ғорат ва мардум он қатли ом шуданд.

Мир Ғулом Муҳаммад Ғубор менависад, ки "Муҳаммад Гулхони Муманд, ки дар ихтиёраш қуввҳои 25-ҳазорнафарии ҳашарӣ ва як фирқаи (дивизия)-и аскарии муназзам дошт, дар Кописо ва Парвон даст ба чунон амалиёте зад, ки дар як кишвари фатҳшудаи хориҷӣ ҳам маҷоз нест"[10]. Ба қавли профессори донишгоҳи Кобул Расул Раҳин, мумандиҳо ҳазорон асири тоҷики Кописо ва Парвонро, ки аз хонаҳояшон ҷамъ карда буданд, ба номи «қавми шоҳ Ҳабибуллоҳи Калаконӣ» ба зиндонҳои Кобул фиристода, дороиҳои онҳоро барои лашкариён мубоҳ эълон карданд. Гузашта аз ин, давлат барои ҳар сари буридаи тоҷик як ҳазор афғонӣ инъом эълон кард. Табиист, ки

[10] Ғубор Мирғулом Муҳаммад. Афғонистон дар масири таърих. Ҷ. 2. Нашри 5. Кобул, 2002. С.71.

лашкариёни қавмӣ тоҷикро дигар асир намекарданд, зеро сари буридаи ӯ фоида зиёд меовард[11].

Бо мақсади пешгирии ҳуҷуми дубораи Ҳабибулло Нодирхон савганд ёд кард, ки агар ба муқоввимат хотима диҳад ӯ ва ёронаш мавриди авф қарор мегиранд.

Нодирхон савганди худро дар ҳошияи Қуръон навишта, ба Ҳабибулло фиристод. Ҳабибулло ба савганди Нодирхон бовар кард ва бо ҳамсафони наздикаш ба Кобул омад. Аммо Нодирхон ба савгандаш вафо накард, онҳо ҳамагӣ ба зиндон андохта шуда, рӯзи дигар тирборон шуданд.

Таҷрибаи сарнагун намудани амирон, кушторҳо ва нобино сохтани рақибон дар дохили хонаводаи салтанатӣ зиёд будааст ва ба ин чандон аҳамият намедиҳанд. Аммо дар ин ҷо тафовут дар ин аст, ки подшоҳи Афғонистон аз тарафи тоҷик сарнагун шудааст ва тахти подшоҳиро тоҷик тасарруф намуда буд. Ин ҳодиса таассуби қавмиро зиёд кард. Аз ҳамин давра буд, ки назарияҳои бунёди давлати яққавмӣ ва якзабонӣ пешниҳод шуданд. Соли 1936 фармони Муҳаммад Зоҳиршоҳ дар бораи рушди забони пашту қабул шуд. Гарчанде дар фармони подшоҳ дар бораи маҳдуд кардани забони форсии кобулӣ (он вақт ҳамин тавр ёд мешуд) сухан намерафт, аммо кӯшиши зиёд ба харҷ дода шуд, ки забони форсӣ-тоҷикӣ аз доираи ҳуҷҷатгузорӣ, дафтардорӣ ва маориф берун карда шавад. Аммо маълум шуд, ки ин кор номумкин аст ва соли 1964 дар Қонуни асосии кишвар ду забон - забони пашту ва дарӣ забони расмии давлатӣ эътироф гардиданд. Баъд аз ин ҳам забони дарӣ (тоҷикӣ) ҳамчун забони асосӣ, забони илм, матбуот, дафтардорӣ, забони муоширати байни қавмҳо боқӣ монд. Аммо бархе аз доираҳои қавмгаро, имрӯз кӯшиш доранд мисли солҳои гузашта бисёрқавмӣ будани Афғонистон ва ҳаққу ҳуқуқи қавмҳои дигарро дар идораи давлат нодида бигиранд. Ин доираҳо кӯшиш доранд давлатро мисли солҳои гузашта ҳамчун давлате, ки қудрати сиёсӣ мутааллиқ ба як кавм аст, идора намоянд. Аммо вазъият тағйир

[11] Раҳин Расул. Ҳукумати худкомаи Нодирхон ва қатли омми тоҷикон//www/khovaron, 1392( 2013).

ёфтааст. Давраи сулолаҳои қавмию қабилавӣ гузаштааст. Имрӯз Қонуни асосӣ ва дигар қонунҳои асрӣ қабул шудаанд. Халқҳои гуногун ҳаққу ҳуқуқи баробарро, тибқи нишондоди Қонуни асосии кишвар мехоҳанд. Дар Моддаи 22 Қонуни асосӣ омадааст: "Ҳар навъ табъиз ва имтиёз байни атбоъи Афғонистон мамнӯъ аст. Атбоъи Афғонистон дар баробари қонун дорои ҳуқуқ ва вазифаи мусовӣ мебошанд"[12]. Моддаи 16 Қонуни асосии Афғонистон бисёрқавмӣ ва бисёрзабонӣ будани Афғонистонро эътироф менамояд. Дар Қонуни асосӣ омадааст: " Аз ҷумлаи забонҳои пашту, дарӣ, узбекӣ, туркманӣ, балуҷӣ, пашаӣ, нуристонӣ ва дигар забонҳои роиҷи кишвар пашту ва дарӣ забонҳои расмии давлат мебошанд" [13].

Чуноне маълум аст, тоҷикони Афғонистон қадимтарин мардуми бумии ин минтақа мебошанд ва ягона миллате ҳастанд, ки сохтори қабилавӣ надоранд. Онҳо назарияи "аксарияти қавмӣ"-ро намепазиранд ва аз пешинаи таърихӣ ва тамаддуни борвару ғановати фарҳангии тоҷикон сухан мегӯянд. Онҳо бовар доранд, ки маҳз тоҷикон бояд аз имтиёзот бархӯрдор бошанд. Зеро кишваре, ки имрӯз бо номи Афғонистон ёд мешавад, қисмати муҳими Хуросони таърихист. Тоҷикон, эҷодгарони аслии тамаддуни дурахшони минтақа, низоми пешрафтаи кишоварзӣ, молдорӣ, фарҳанги шаҳрсозӣ ва шаҳрдорӣ, низоми давлатдорӣ, асосгузорони улуми гуногун ва фарҳанги беназир мебошанд.

Аммо мушкили тоҷикони Афғонистон, ба мисли тоҷикони Осиёи Миёна ин аст, ки баъд аз фурӯпошии давлати Сомониён ба истиснои зуҳури кӯтоҳмуддати давлатҳои тоҷикӣ, монанди "Давлати Ғурриҳо" ва "Давлати куртҳои Ҳирот"дар асрҳои XIII-XIV, дар тӯли 1100 сол онҳо аз роҳбарии низоми сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба ҳошия ронда шуда, аз қудрати давлатӣ ва сиёсӣ маҳрум буданд. Аммо онҳо дар шароити ниҳоят мушкили зиндагӣ бо рехтани хуни худ чароғи забону фарҳанг ва ҳувияти худро фурӯзон нигоҳ доштанд. Гузашта аз он, таърихи чанд

---

[12] Қонуни асосии Ҷумҳурии исломии Афғонистон. Кобул, 2004.
[13] Ҳамон ҷо.

даҳаи Афғонистон нишон дод, ки тоҷикон на танҳо дар рушди фарҳангу забон, илм, эҷоди ашъори баланд, дабирию мирзоӣ Афғонистонро ба дунё маррифӣ намудаанд, балки бо намоиши нубуғи сиёсӣ ва низомии худ озодӣ ва истиқлолияти кишварро ҳифз карданд.

Таърихи Афғонистон шоҳиди фидокорӣ ва қаҳрамониҳои беназири тоҷикон дар мубориизаи муштараки ақвоми сокини кишвар барои озодӣ ва истиқлолият мебошад. Дар ҷангҳои байни Англия ва Афғонистон минтақаҳои тоҷикнишини ин мамлакат марказҳои асосии муқовимати зиддианглисӣ гардида буданд. Соли 1880 амири ояндаи Афғонистон Абдураҳмонхон аз Самарқанд бо роҳи Ҳисору Кӯлоб аз дарёи Панҷ гузашта, вориди Бадахшони Афғонистон гардид. Ҳазорон нафар мардуми ин минтақа барои ҷиҳод ба муқобили «душманони дин»-англисҳо дар атрофи ӯ ҷамъ шуданд. Гузашта аз ин, мардум тамоми хароҷоти артишро ба уҳда гирифтанд. Бояд гуфт, ки то ба Чорикор расидани артиши Абдураҳмон дар сафҳои он беш аз 100 ҳазор довталаб шомил гардид, ки аксари кулли онҳо тоҷикон буданд.

20 июли 1880 дар шаҳри Чорикор, ки мардумаш саросар тоҷик буданд ва ҳастанд, сардор Абдураҳмонхон подшоҳи Афғонистон эълон шуд ва ин мардум омода буданд, ки то охир бо таҷовузгарони англис мубориза кунанд[14]. Аммо Абдураҳмонхон бо англисҳо вориди музокира шуд ва шартҳои сулҳи онҳоро қабул кард, ки мувофиқи он, сиёсати хориҷии давлат ба ихтиёри англисҳо гузашт.

Тоҷикон дар ҷанги сеюми Англия ва Афғонистон низ корнамоиҳои зиёд нишон дода, дар дастёбӣ ба Истиқлолияти сиёсии мамлакат саҳми бузург гузоштаанд. Яке аз мубориизони роҳи озодӣ ва истиқлоляти Афғонистон ва ҳамсафи наздики шоҳ Амонулло Муҳаммад Валихони Дарвозӣ буд.

Ӯ дар вазифаҳои вазири дифоъ, сафири сайёр ва вазири хориҷаи Афғонистон кор карда, дар муаррифии истиқлолияти

---

[14] Имом Ш. Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афғонистон дар нимаи дувуми қарни XIX ва қарни XX. Душанбе , 2003. С.54.

Афғонистон дар сатҳи ҷаҳонӣ хидматҳои пурарзиш намудааст. Генерал Муҳаммад Валихони Дарвозӣ ду бор бо В.И.Ленин дар Кремл мулоқот намудааст ва аввалин шартномаи дӯстии Русияи Шӯравӣ бо Афғонистонро дар 28 феврали соли 1921 имзо намуда буд. Русия аввалин давлати хориҷӣ буд, ки истиқлолияти Афғонистонро ба расмият шинохт ва В.Ленин зимни мулоқот бо Муҳаммад Валихони Дарвозӣ дар бораи ӯ гуфта буд, ки «Афғонистон инчунин шахсиятҳои фаҳим ва кордон дорад, ки тавонистанд истиқлоли худро аз Британияи Кабир ҳосил намоянд»[15].

Дар ҷараёни сафари хориҷии Амонуллохон аз моҳи декабри соли 1927 то моҳи июли соли 1928 ба як қатор кишварҳои Осиё ва Аврупо Муҳаммад Валихон вакили салтанат (иҷрокунандаи вазифаи шоҳ) буд, ки аз обрӯ, эътибор ва эътимоди Амонуллохон нисбат ба Шоҳ Муҳаммад Валихон дарак медиҳад.

Нақши тоҷикон дар мубориза бо неруҳои низомии Шӯравӣ барои озодии кишвар дар солҳои 1979-1989 ба ҳамагон маълум аст. Аҳмадшоҳ Масъуд, Исмоилхон, Забеҳулло, Ато Муҳаммади Нур ва даҳҳо фармондеҳи дигари тоҷиктабор бо дастаҳои низомии зери итоати худ дар ҳифзи озодӣ ва истиқлолияти Афғонистон бузургтарин саҳмро гузоштанд.

Аҳмадшоҳи Масъудро дӯсту душман бузургтарин стретеги ҷангӣ ва фармондеҳи шуҷоъ хонда, ӯро бо Абумуслими Хуросонӣ, Кутузов ва дигар лашкаркашони машҳури дунё қиёс мекунанд. Баъд аз ташкили давлат дар конфронси Бонн, Аҳмадшоҳи Масъуди тоҷик ягона фармондеҳе аст, ки ба ӯ унвони Қаҳрамони миллии Афғонистон дода шудааст ва Муҳаммад Қасим Фаҳим тоҷики дигаре аст, ки рутбаи маршалро дорад.

Тоҷикон дар даврони муқовимати солҳои 1996-2001 ҳастаи асосии мубориза бо Толибон ва терроризми байналмилалиро ташкил мекарданд. Аҳмадшоҳ Масъуд дар зарфи 5 сол бо неруи пурқуввати "Толибон", довталабони хориҷӣ ва ҳатто қисмҳои муназзами артиши баъзе кишварҳо, террористони байналмилалӣ

[15] Зуҳури машрутият ва қурбониёни истибдод дар Афғонистон. Кобул, 2005. С.93.

аз даҳҳо кишвари дунё ҷангид ва ниҳоят пирӯз шуд. Агар муқовиммати тоҷикон ба раҳбарии устод Бурҳониддин Раббонӣ ва Аҳмадшоҳ Масъуд намебуд, бидуни шак, Афғонистон ба зери ҳукумати Толибон ва гурӯҳҳои террористии байналмилалӣ мегузашт ва паёмадҳои он имрӯз ғайри қобили тасаввур мебуданд.

Имрӯз ҳам тоҷикон дар ҳама ҷабҳаҳои мубориза бо Толибон дар Қувваҳои мусаллаҳ дар хатти муқаддам қарор доранд ва аз истиқлолияти Афғонистон дифоъ менамоянд. Тибқи оморҳо, танҳо дар соли 2016 дар ҷабҳаҳои ҷанг алайҳи Толибон ва гурӯҳҳои террористӣ як ҳазор сарбози бадахшонӣ дар саросари Афғонистон кушта ва захмӣ шудаанд, ки куллан тоҷик мебошанд. Тибқи оморҳо, танҳо аз Бадахшон дар ҳудуди 24 ҳазор сарбози тоҷиктабор дар артиш ва мақомоти амниятӣ хизмат мекунад ва дар чанд соли охир дар ҳудуди 8 ҳазор бадахшонӣ дар ҷангҳои зидди Толибон кушта шудаанд.

Бо вуҷуди ин, баҳси «аксарият» ва «ақаллият» ва ҳаққи имтиёзии паштунҳо дар қудрати сиёсӣ давом дорад. Аммо қавмҳои дигари сокини кишвар ҳам акнун барои худ ифтихорот ва ривоятҳои тасбиткунандаи ҳувият месозанд. Дар бораи шумораи қавми худ рақамҳои баланд пешниҳод менамоянд. Масалан, баъзе нависандагони қавми ҳазора иддао доранд, ки ҳазораҳо 30% аҳолии Афғонистонро ташкил мекунанд. Гузашта аз он, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ-этникӣ хеле фаъол шудаанд.

Ҷиҳоди мардуми Афғонистон дар солҳои 1978-1992 ва солҳои муқовимат (1996-2001) барои аввалин бор ва ба таври куллӣ, дар таърихи ин кишвар муносибатҳои қавмиро тағйир дод. Тамоми қавмҳои Афғонистон ба таври баробар имконият пайдо намуданд, ки мусаллаҳ шуда, бо таҷовузгарон мубориза намоянд. Ин воқеият зарфиятҳои онҳоро барои дифоъ аз ҳуқуқҳояшон боло бурдааст.

Шӯрои ҷиҳодии танзимҳои Афғонистон дар Равалпиндии Покистон дар апрели соли 1992 қарор намуд, то баъд аз ҳукмронии думоҳаи Сибғатулло Муҷаддадӣ зимоми ҳукумати интиқолиро дар Афғонистон раҳбари ҳизби Ҷамъияти исломии Афғонистон профессор Бурҳониддин Раббанӣ ба уҳда бигирад. Ин нишонаи пуштибонии васеи тамоми қавмҳои Афғонистон аз

профессор Б.Раббонӣ, эътирофи қудрати сиёсӣ ва низомии тоҷикон ва саҳми онҳо дар муборизаи озодихоҳонаи мардуми Афғонистон буд. Ба қавли худи устод Бурҳониддин Раббонӣ, ӯ ва ҳизби Ҷамъияти исломӣ аз ҳама бештар нуфуз ва обрӯ дар миёни паштунҳои Қандаҳор доштанд. Устод Раббонӣ дар ҳошияи яке аз конфронсҳо гуфт, ки ришсафедони қабилаҳои қандаҳорӣ дар ҷараёни шиддат гирифтани ҷангҳо назди ӯ омада, изҳор доштанд, ки ҳеҷ мухолифате бо раҳбарии тоҷик дар Афғонистон надоранд ва илова намуданд, ки пешвои мазҳаби онҳо - Имоми Аъзам, тоҷик буд.

Бо вуҷуди ин баъзе доираҳои сиёсӣ ба сари қудрат омадани профессор Бурҳониддин Раббониро қабул надоштанд ва барои сарнагунии ӯ ҷангҳои хунинро ба роҳ андохтанд. Нокомӣ дар сарнагунии давлати Б.Раббонӣ боиси зуҳури ҷунбиши «Толибон» гардид, ки дар соли 1996 ҳукумати Б.Раббониро маҷбур сохт, то аз Кобул ақибнишинӣ намояд. Ҷунбиши “Толибон”, зоҳиран як гурӯҳи радикалии исломӣ аст, аммо дар айни замон аз таассуби қавмӣ низ холӣ нест. Аз ин рӯ, баъзе гурӯҳҳои сиёсӣ, аз либерал-демократҳо то коммунисту сотсиал-демократҳо бо умеди барқарории қудрати сиёсии паштунҳо аз ин гурӯҳ пуштибонӣ намуда, баъзеҳо дар сафи онҳо вориди ҷанг шуданд, дигарон дар кишварҳои аврупоӣ ва Амрико ба манфиати Толибон лобигарӣ мекарданд.

Намояндагони ин гурӯҳҳо устод Раббонӣ ва Аҳмадшоҳ Масъудро «Сақавии дувум» хонданд (Сақавии аввал Ҳабибулоҳи Калакониро меномиданд) ва дар китобе, ки бо номи «Сақавии дувум» дар соли 1998 ба нашр расид, ба таври возеҳ нақшаи дар инзиво қарор додани тоҷикон, кӯч додани онҳо аз минтақаҳои истиқомати доимӣ, махсусан аз сарҳадҳои шимол ва атрофи Кобул ба минтақаҳои дигарро таҳия намуданд.

Бо вуҷуди ин, ҷанги Толибон бо давлати устод Б.Раббонӣ нишон дод, ки замони ташкили давлати яккавмӣ гузаштааст. Ҳеҷ қавме дигар қодир ба таҳмили ҳукумати яккавмии худ ба дигарон нест. Бинобар ин, дар Ҷабҳаи муттаҳид ва ё ба истилоҳ, “Иттиҳоди шимол” бар зидди Толибон дар соли 1997 гуруҳ ва ҳизбҳои сиёсӣ-низомии вобаста тамоми гуруҳҳои этникӣ, аз ҷумла паштунҳо муттаҳид шуданд.

Аммо баъд аз сарнагунии "Толибон" дар конфронси Бонн, дар ҳоле ки масъалаи тақсими қудрат байни гурӯҳҳои этникӣ сурат гирифт, боз ҳам масъалаи асосӣ масъалаи ба паштунҳо баргардонидани раҳбарии сиёсии давлат буд. Дар шароити набуди Аҳмадшоҳ Масъуд ва дар инзиво қарор гирифтани Б.Раббонӣ, раҳбарони тоҷик Муҳаммад Қасими Фаҳим, Юнус Қонунӣ, доктор Абдулло ва дигарон аз раҳбарии сиёсии давлат ба ивази гирифтани мақомҳои муҳим дар ҳукумат даст кашиданд. Ин дар ҳоле буд, ки Афғонистон, амалан дар ихтиёри неруҳои вобаста ба давлати устод Раббонӣ қарор дошт.

Баъд аз конфронси Бонн нухбагони сиёсии паштун барномаи тадриҷан маҳдуд кардани мавқеи намояндагони ақвоми дигарро зери шиори мубориза бо "ҷангсолорон" рӯи даст гирифтанд. Дар ҷараёни таҳия ва қабули Қонуни асосии Афғонистон тавонистанд муқарраротеро дохил намоянд, ки манфиати онҳоро дар дарозмуддат ҳифз мекунад. Аз ҷумла, новобаста ба мухолифати гурӯҳҳои ғайрипаштун, низоми сиёсии Афғонистон низоми раёсатӣ эътироф гардид, суруди миллӣ танҳо ба забони пашту қабул шуд, истифодаи истилоҳоти расмӣ танҳо ба забони пашту ҳифз шуд; барои кӯчиён, ки ҳама паштунанд, 10 ҷой дар Шӯрои намояндагон (палатаи поёнии парламент) ҷудо карда шуд ва ғайра.

Махсусан, дар моддаи 4 Қонуни асосӣ қайд шудааст, ки " ба ҳар фард аз афроди миллати Афғонистон калимаи афғон итлоқ мешавад". Махсусан, ҳамин муқаррара имрӯз боиси ихтилофҳои шадид дар ҷомеа шудааст ва тақсими шиносномаҳои электрониро ба таъвиқ андохтааст. Мардумони ғайрипаштун талаб доранд, ки дар шиносномаҳо ҳувияти онҳо зикр шавад ва ҳатто як ҷунбише ба вуҷуд омадааст бо номи "ман афғон нестам". Мушкили асосӣ ин аст, ки калимаи афғон муродифи паштун, яъне яке аз қавмҳои ин мамлакат аст ва дигарон намехоҳанд, ки ҳувияти онҳо паштунӣ бошад. Ба қавлашон, онҳо бо калимаи Афғонистон мушкил надоранд, балки бо афғон навиштани хувияташон норозӣ мебошанд. Ҳангоми қабули Қонуни Ҷумҳурии исломии Афғонистон "Дар бораи сабти аҳволи нуфус" дар парламент ин масъала ҳал шуда буд ва ҳамаи шаҳрвандон дар шиносномаҳояшон шаҳрванди Афғонистон ном

гирифта, баъдан миллияти онҳо: паштун, тоҷик, ӯзбек ва ғайра зикр ёфта буд. Президенти Афғонистон ин қонунро ба имзо расонид. Аммо дар зери фишори баъзе гурӯҳҳои қавмгаро президент ин қонунро баргардонд ва як комиссияи муштарак аз ду палатаи парламент қарор кардааст, ки мисли пештара дар шиносномаҳо калимаи афғон ба ҳама сокинони Афғонистон, новобаста аз миллияташон навишта шавад. Имрӯз ин баҳс идома дорад ва метавонад на танҳо ба ваҳдати миллӣ зарбаи сахт ворид намояд, балки Афғонистонро дар вартаи парокандагӣ ва нооромӣ қарор диҳад.

Умуман, баъд аз интихоботи президентии соли 2014 ихтилофҳои қавмӣ шиддати бештареро касб намудаанд. Ба ин ҷанҷолҳои интихоботӣ ва тақаллуби густурдаи натиҷаи интихобот таъсир гузошт, ки ин маъракаи муҳими сиёсиро то ҷое ранги қавмӣ бахшид. Умуман, ҳаракатҳои демократӣ, озодии баён ва расонаҳои озод ба раванди интихобот таъсири зиёд гузоштанд ва мардум тақаллуб ва қонуншикниҳоро дар ҷараёни интихобот дигар таҳаммул накард. Барои аввалин бор буд, ки натиҷаи интихоботи президентии соли 2014 эътироф нагардид ва ниҳоят бо миёнаравии котиби давлатии ИМА Ҷ. Керрӣ Ҳукумати ваҳдати миллӣ ташкил шуд.

Бешубҳа, ихтилофҳои қавмӣ ва сиёсати бартариҷӯии қавмии баъзе аз гурӯҳҳои сиёсӣ дар муборизаи давлат бо мухолифини мусаллаҳ- Толибон таъсири амиқ мегузорад. Имрӯз ҳатто як таърифи умумӣ аз Толиб вуҷуд надорад. Агар гурӯҳҳои сиёсии қавмҳои ғайрипаштун, Толибонро террорист донанд, собиқ президенти он кишвар Ҳомид Карзай онҳоро бародар ва президенти имрӯза Ашраф Ғанӣ - мухолифони сиёсӣ мехонанд. Ҳамин омил сабаб шудааст, ки рӯз то рӯз нуфузи Толибон афзоиш меёбад.

Дар ташдиди ихтилофҳои қавмӣ дар Афғонистон нақши бозигарони геополитикии сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ низ кам нест. Ин кишварҳо аз гурӯҳҳои хоси қавмӣ дар Афғонистон пуштибонӣ менамоянд, аз онҳо барои амалӣ шудани манфиатҳои геополитикии худ истифода мебаранд, ки бешубҳа, мудохила дар умури давлати мустақил аст. Бисёре аз ин бозигарон ҷонибдори созиши байниқавмӣ нестанд. Барои

мардуми ҳушманд ва сарбаланди афғон сулҳ, ваҳдат, муттаҳидӣ, истиқлолият зарур аст. Аз он ки Абдулло Абдулло, дар ҳақиқат, дар интихобот пирӯз гашт, шубҳае нест. Мардуми оддии афғон ба сӯи қавм не, баояндаи кишвар самтгирӣ карданд. Онҳо на ба қавму миллат, балки барои оромию осудагӣ раъй доданд. Байни тоҷику паштун фарқ нагузоштанд. Аммо абарқудратҳо чӣ? Шиори забонзадаи “тафриқа андозу ҳукумат кун”-ро истифода карданд. Ҳар нафаре, ки дар Афғонистон байни тоҷику паштун тафриқа меандозад, тафовуте надорад вазир аст ё сафир, кабир ва ё сағир, душмани сулҳу оромии ин кишвар аст.

Дар ин росто сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҳамеша ошкор, устувор ва якранг буда, муносибатҳои худро аз тариқи ҳукумати марказии эътирофшуда амалӣ менамояд ва ҷонибдори Афғонистони озод, босубот ва якпорча аст, ки ҳуқуқи тамоми қавмҳои сокини он риоя шавад. Намояндагони сатҳи олии Ҳукумати Афғонистон эътироф менамоянд, Тоҷикистон ҳамсояи истисноиест, ки дар муносибатҳояш бо Афғонистон ҳеҷ ғаразе надорад.

Дар баробари ин, Тоҷикистон аз он нигарон аст, ки дар вилоятҳои ҳамсарҳад ва дар маҷмӯъ, дар шимоли Афғонистон садҳо мадрасаҳои динӣ ташкил шудааст ва сохтани ин гуна таълимгоҳҳо барои тарбияти террористҳои оянда идома дорад. Дар оянда шимолу шарқи Афғонистон метавонад ба Вазиристони дувум ва ба манбаи таҳдиду хатар, на танҳо барои кишварҳои минтақа, балки бештар барои Россия ва Чин шавад. Дар ин шароит шиддат гирифтани ихтилофҳои қавмӣ, аз ҷумла кушиши ба ҳошияи қудрат рондани тоҷикон давлатро ба ҳоли завол ва Афғонистонро ба хатари фурӯпошӣ рӯ ба рӯ мекунад.

Бидуни ҳузури фаъоли тоҷикони Афғонистон ҳеҷ ҳукумате дар ин кишвар пойдор намемонад, ҳеҷ мушкили таърихии ин кишвар бе иштироки онҳо ҳал нашудааст. Тоҷикон дар меҳвари тамоми таҳаввулоти ин сарзамин қарор доштаанд. Ҳодисаҳои чанд даҳаи охир нишон медиҳад, ки тоҷикон дорои таҷрибаи сиёсӣ, низомӣ ва ҳукуматдорӣ мебошанд. Дар солҳои охир тағйироти куллие дар рӯҳияи онҳо ба вуҷуд омадааст ва бовар доранд, ки дар ватани аслии худ онҳо на танҳо миллати тамадунофарин, балки миллати давлатсоз мебошанд.

Дар ин вазъият пуштибонии якҷонибаи кишварҳо аз ин ё он гурӯҳ, баръакс, ба ташдиди ихтилофҳои қавмӣ мусоидат мекунад. Таҷриба нишон медиҳад, ки доман задани ихтилофҳои қавмӣ ба манфиати ҳеҷ қавме нест. Барои бақои давлат ва миллат, хатми ҷанги 40-сола бояд баробарҳуқуқии воқеии қавмҳо таъмин шавад, ба ҳама қавмҳо имконияти ширкати баробар дар идораи давлат муҳайё гардад, намояндагони тамоми қавмҳо бояд дар мавриди интихоби низоми сиёсии муносиби оянда гуфтугӯ намоянд, ки он ифодакунандаи манфиатҳои ҳама қавмҳо бошад. Гузариш аз давлати қавмӣ ба давлати миллӣ аз тариқи ҳамкориҳои васеи сиёсӣ, фарҳангӣ, таҳкими дӯстӣ ва қабули қонунҳои одилона имконпазир аст.

**Адабиёт**


1. Алексеенков П. Аграрный вопрос в афганском Туркестане.- М., 1933.
2. Амир Абдураҳмонхон. Тоҷу-т-таворих. Ҷ.1-2. –Пешовар, 1996.
3. Ғубор Мирғулом Муҳаммад. Афғонистон дар масири таърих. Ҷ. 2. Нашри 5.- Кобул, 2002.
4. Зуҳури машрутият ва қурбониёни истибдод дар Афғонистон.-Кобул, 2005.
5. Имом Ш. Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афғонистон дар нимаи дувуми қарни XIX ва қарни XX. -Душанбе , 2003.
6. Қонуни асосии Ҷумҳурии исломии Афғонистон.- Кобул, 2004.
7. Махмадшоев Р. История этнополитического развития таджиков Хорасана (Афганистан). -Душанбе: Ирфон, 2009.
8. Мусавӣ Сайид Аскар. Ҳазораҳои Афғонистон.-Теҳрон, 2000.
9. Муҳаммадӣ Ғуломмуҳаммад. Паштунистонхоҳӣ омили табоҳии Афғонистон.-Кобул, 2012.
10. Мухтот Абдулҳамид. Таърихи таҳлилии Афғонистон.-Киев, 2004.
11. Раҳин Расул. Ҳукумати худкомаи Нодирхон ва қатли омми тоҷикон//www/khovaron, 1392( 2013).

12. Сентливерс П. Нақшаи ҷадиди қавмии Афғонистон// Афғонистон, ақвом, кӯчиён.-Теҳрон, 2002.
13. Тарзӣ Маҳмуд. Забон ва аҳамияти он// Сирочу-л-ахбори афғонӣ. Соли панҷум, шумораи 2, 20 сунбулаи 1294.
14. Элфинстон М. С. Афғонон: ҷой, фарҳанг, нажод (Гузориши салтанати Кобул: тарҷумаи Муҳаммад Осиф Фикрат.-Машҳад, 1997.

*Маҳмадҷонова М.Т.*
*доктори илмҳои фалсафа*
*Раҳмонова Р.Э.*

# ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ДАР МАРҲИЛАИ ТАҲАВВУЛОТ

Омӯзиши таҷрибаи татбиқи равандҳои таҳаввулотӣ дар фаъолияти СММ дар равандҳои муосири байналмилалӣ яке аз масъалаҳои муҳими илми сиёсатшиносии байналмилалӣ ба шумор рафта, аз масоили хеле ҷолиб мебошад ва пеш аз ҳама, дар таҷрибаи амалии дпломатии кишварҳое монанди Тоҷикистон амри рӯз ва зарурати муҳим ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд, пеш аз ҳама, бояд осори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин таҳқиқоти илмӣ ва таҳлилҳои олимони пешсафи соҳа, монанди О.В.Метелина, Г.И.Курдюков, Р.М.Тимербаев, А.Н.Калядин, П.В.Комаров, А.А.Арбатов, Е.Примаков, Бзежинский З., Коэн А., инчунин Назаров Т.Н., Олимов Р., Маҳмадов А.Н., Раҳматуллоев Э., Юлдошев И., Қосимов Э., Саидов З., Верлин Е., Мамаев Ж., Дубовитский В. дар мавриди меъёрҳои ҷорӣ ва марбут ба таҳаввулоти фаъолияти СММ, ҳамкориҳои СММ бо кишварҳои ҷаҳон, махсусан бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ мавриди баррасӣ қарор гиранд. Хусусан, ҳамкориҳои кишвар бо ташкилоту муассисаҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла СММ баъди таҳия ва татбиқ гардидани “сиёсати дарҳои кушод” густариш ва тобиши бештаре пайдо кард.

Тоҷикистон бо эъломи ҳувият ва истиқлолияти худ дар соли 1992 ба роҳи демократии рушд қадам гузошта, фаъолона ба самти ҳамгирой бо кишварҳои ҷаҳон ҳаракат намуда, дар ин соҳа таҷрибаи ҷиддии мусбиро касб карда истодааст. Узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид (СММ) яке аз муҳимтарин воқеаҳо дар ташаккул ва татбиқи сиёсати

дохилӣ ва хориҷӣ ба ҳисоб рафта, барои кишвар иштирокро дар кори муҳимтарин маркази ҷаҳонӣ ва қабули қарорҳои дорои аҳамияти ҷаҳониро муҳайё намудааст.

Ҷаҳони тағйирёбанда ба фаъолияти кишварҳои дунё ва ташкилотҳои байналмилалӣ бетаъсир намонда, воқеоти фарогирандаи тамоми ҷаҳон ба он оварда мерасонанд, ки ҳатто чунин созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ монанди СММ низ мақому мартабаи худро мувофиқи таҷрибаи андӯхтаи хамкориҳои байналмилалиаш дар соҳоти гуногуни татбиқи муносибатҳои байналмилалӣ ва густариши дастгириву кумакҳои башаргароёна ба давлатҳои ҷаҳон мавриди боздид қарор диҳанд. Чунин тадбир талаби замон буда, адами чандирӣ дар масъалаи мазкур натанҳо сабаби нокомии кишвару ташкилотҳои байналмилалӣ, балки дар натиҷаи маншаи барҳамхурӣ аз арсаи байналмилалӣ нопадид шудани онҳо шуда метавонад.

СММ яке аз бонуфузтарин созмони байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, ки усули асосии фаъолияташ иборат аз барқарор намудани мақоми баробарҳуқуқии кишварҳои аъзо буда, дар фаъолияти он тамоми кишварҳои ҷаҳон дар ҳошияи узвияти худ имконияти воқеии иштироки фаъолонаро дар кори он, дар шароити баробарӣ ва заминаҳои ҳампоя, эҳтироми комили ҳувият ва шарафи миллии ҳамдигар доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон 3-юми марти соли 1992 ба таври эътирофи умум узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид гардида, имконият ба даст овард, ки дар мавриди ташкил шуданаш ҳамчун давлати мустақил ва комилҳуқуқ бо ташаббус ва ибтикороти худ, ки ифодагари бевоситаи манфиатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар ва таъмингари амнияти миллии он мебошанд, баромад намояд.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш дар барқияҳои табрикии худ ба муносибати 25-умин солгарди узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид таъкид намуданд, ки «Тоҷикистон кишваре мебошад, ки воқеан, масъалаҳои вобаста бо рушди устувор ва идоракунии захираҳои об баромад менамояд».

Таърихи навини тоҷикон бо ташаннуҷи шадиди сиёсӣ ва бuҳронҳо оғоз шуда бошад ҳам, Истиқлолияти сиёсӣ, давлатӣ ва фикрие, ки соли 1992 насибамон гашт, дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон ва қабули қарорҳои тақдирсоз дар он ба расмият даромад. Аҳамияти ин воқеаи таърихӣ, бешубҳа, нақши абадӣ дошта, бояд ягон лаҳзаи он аз хотираи мардум зудуда нашавад. Зеро дар ташаккул ва рушди давлатдории миллӣ нақши бунёдӣ ва сохторӣ доштанд.

Истиқлоли моро ҳамагӣ 26 сол аст, ки ин муддат марҳилаи ободонӣ, ҳувият ва фарҳангсозӣ, ба аҳли ҷаҳон муаррифӣ гардидани тоҷикон гардид. Бо баргузории Иҷлосияи ваҳдатофари ХУI Шӯрои олӣ 16 ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд, пеш аз ҳама, нишонаҳои давлат ва давлатдории тоҷикон таҳия ва қабул гардид, ки баъди ташкили давлати мустақил аввалин нишонаҳои давлатдорӣ ба ҳисоб меравaнд. Дар ин Иҷлосияи тақдирсоз қарорҳое ба тасвиб расиданд, ки минбаъд барқарор намудани сохти конститутсионӣ, муайян кардани самтҳои асосии сиёсати дохилии мамлакат, андешидани тадбирҳои мукаммали баромадан аз бuҳрони сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангию маънавӣ, ҳифзи марзу буми кишвар, нуктаҳои таъмини амнияти он, меросбарии фарҳанг ва тамаддуни қадимаи тоҷиконро муайян намуда фароҳам овард. Иҷлосия мидоди дасти тоҷикон шуд, ки оғоз ба таҳрири таърихи навтарини худ кард.[1]

Мусаллам аст, ки солҳои ахир сохтори геосиёсии ҷаҳон бамаротиб дигар шуда, дар системаи муносибатҳои байналмилалӣ низ навовариҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд. Ин, пеш аз ҳама, дар падидаи ба сиёсат ворид шудани акторҳои нав ва татбиқи сиёсати байналмилалии кишварҳои ба тозагӣ истиқлол пайдокарда, махсусан Тоҷикистон ба назар мерасад. Ҷаҳони муосир тадриҷан ба давраи сифатан нави тараққиёт ворид мегардад. Намунаи возеҳи раванди ҷаҳонишавӣ ва натиҷаи инқилоби иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ ба вуҷуд

[1] Маҳмадҷонова М.Т. Иҷлосияи таърихии ХУ1-ум сароғози ташаккули ҳувияти тоҷик//Иҷлосияи ХУ1 Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ибтидои сулҳу субот. Душанбе, 2017. –С.107.

омадани “тамаддуни нави умумиҷаҳонӣ” мебошад, ки намояндагони он дар забони гуфтугӯи сиёсӣ-дипломатии худ, ба ҷуз аз мафҳуму истилоҳоти анъанавии дипломатӣ (Конвенсияи Вена дар бораи равобити дипломатӣ аз 18 апрели соли 1961) калимаву ибораҳои навро мавриди истифода қарор медиҳад.[2]

Дипломатҳо дар замони муосир ва умуман, дар ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун шахсони расмӣ эътироф шудаанд, ки муаррифгари манофеи давлат, ё масъулони ташкилотҳои байналмилалӣ мебошанд.

Созмони Милали Муттаҳид – ташкилоти байналмилалие, ки соли 1945 ташкил шуда, идораи марказиаш дар Ню-Йорки ИМА қарор дорад. СММ аз тарафи кишварҳои ғолиб ва асосан, бо раъйи онҳо, баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон таъсис ёфт. Вазифаҳои онро Оиннома чунин муайян менамояд: «Нигоҳдории сулҳи байналмилалӣ ва амният ва ба ин хотир қабули қарорҳои муассири муштарак ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф кардани хатари барҳам додани сулҳ... Рушди муносибатҳои дӯстона байни миллатҳо дар асоси эҳтироми принсипи баробарӣ ва худмуайянкунии миллатҳо... барои таъмини ҳамкориҳо дар ҳалли масъалаҳои байналмилалии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва башарӣ ва мусоидати ҳамаҷониба ҷиҳати густариши эҳтироми инсон ва озодиҳои асосӣ барои ҳама, бидуни нажод, ҷинс, забону эътиқод».

СММ дар симои ҶумҳурииТоҷикистон ҳамкори ташаббускореро мебинад, ки хоҳони сулҳ ва инкишоф аст. Дабири кулли СММ Антониу Гутерриш ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон нисбати рушди ҳамкориҳои созанда бо Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи пешгирикунанда барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва намояндагони идораи СММ дар Тоҷикистон изҳори сипос намуда, ин ҳамкории самаранокро баҳои баланд дод ва самти созандаи онро барои рушду нумӯи Тоҷикистон ва ба таври баробарҳуқуқӣ воридшавии кишварҳои тозаистиқлол ва худмухтори ҷаҳон муҳим арзёбӣ намуд. Дар мактуби ҷавобии

[2] Раҳмонова Р. Асосҳои хизмати дипломатӣ. Душанбе, 2017. –С.6.

худ Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки ба узвияти СММ пазируфта шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои эътирофи ҳувият ва истиқлолияти ин кишварро аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои дунё густариш дода, заминаи мустаҳкамеро нисбати пайдо намудани мақому мартабаи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи ҷаҳон фароҳам овард. Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид меафзояд, ки «Тоҷикистон нақши таърихии Созмони Милали Муттаҳидро дар раванди барқарории сулҳ ва осудагӣ дар кишвар, истиқрори амният ва ваҳдати миллӣ хеле арҷманд меҳисобад».

Дар замони таъсири фарогири ҷаҳонишавӣ таъсири он ба ҳамаи сохтору ташкилотҳо, аз ҷумла ба созмонҳои байналмиллалӣ эҳсос гардида онҳоро мувоҷеҳ ба дигаргун ва нав кардани фаъолиятҳояшон менамояд. Ҳамин тавр, глобализатсия СММ-ро низ ба тағйироти сохтор ва стратегияи фаъолияти байналмилалиаш водор намудааст, ки ин раванд бояд мавриди омӯзиши дақиқ қарор бигирад.

Мақоми ИМА дар мавриди зарурати ислоҳот дар СММ иборат аз чанд нукта аст, ки муҳимтарини он- истифодаи самаранок ва мақсадноки буҷети СММ, аз ҷониби СММ татбиқ гардидани барномаҳои глобалии башарӣ дар баробари аз «кишварҳои бой талаб накардани маблағгузориҳои иловагӣ» мебошад. [3] ИМА, гарчанде ислоҳоти СММ-ро бештар аз дигарон фаъолона талаб менамояд, дар мавриди механизмҳои ба ҳамаи аъзо мувофиқи ин гуна ислоҳот қадаме ба манфиати умум намехоҳад гузорад.[4]

Соли 1993 дар Душанбе Миссияи нозирони СММ дар Тоҷикистон (МНОООНТ) ба фаъолият оғоз кард, ки барои пеш бурдани раванди сулҳофарӣ дар кишвар таконе ворид намуд,

---

[3] **Сазонова К.Л. Таҳлили мавқеи кишварҳои абарқудрат дар мавриди ислоҳот дар СММ** // Вестник Башкирского университета. 2008. Т.13. №3 (ISSN1998-4812).-С. 673-674.

[4] Финлеттер, Т. К. Сила и политика. М., Издательство иностранной литературы, 1956, С. 297. США готовы помочь возглавить усилия по реформированию ООН//Международные информационные программы. Режим доступа: http://usinfo.state.gov/russian/Archive/2005/Jun/21-754114.html Нешнера, А. Планы реформирования ООН: достижения и неудачи. Режим доступа: http://www.voanews.com/russian/archive/- 2005-09/2005-09-30-voa3.

барои расонидани кӯмак ба татбиқи раванди сулҳофаринӣ ва расонидани кӯмаки фаврии башарӣ замина офарид. Ин буд, ки солҳои 2000 то 2007 бо ташаббуси собиқ Котиби генералии СММ Кофи Аннан фаъолияти Бюрои СММ оид ба ҳамкории сулҳофарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (БООНСМТ) ташкил гардида, он ба ҷиҳати мустаҳкам кардани бунёди сиёсии давлати тоҷикон мусоидат намуд.

СММ яке аз муҳимтарин созмонҳои байналмилалие ба ҳисоб меравад, ки ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар мавриди захираҳои об ва истифодаи босамари об дар арсаи ҷаҳонӣ дастгирӣ намудааст. Декабри соли 2016 Ассамблеяи генералии СММ бо назардошти пешниҳоди Тоҷикистон Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор» (2018-2028)-ро эълон намуд. Ташаббуси Тоҷикистон оид ба об, ки аз тарафи СММ ва кишварҳои дигари ҷаҳон дастгирӣ ва пазириш пайдо намудаанд, нисбати рушди устувор ва ҳалли масъалаҳое вобаста бо захираҳои об дар ҷаҳон равона гардидаанд. Собиқ Дабири кулли СММ Пан Ги Мун дар паёми худ нисбати ин масъала ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ибрози итминон намудааст, ки «Ташаббусҳои Тоҷикистон оид ба об ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои он, ки барои рушди устувори захираҳои об равона шудаанд, мусоидат хоҳанд кард».

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии СММ як қатор чорабиниҳои муҳимро татбиқ менамояд, ки мақому мартабаи онро дар арсаи байналмилалӣ устувор намуда, дар айни замон таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро нисбати ҳалли мусбии масъалаҳои мубрами дорои аҳамияти ҷаҳонӣ - камбизоатӣ, муҳоҷирати маҷбурӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ноустувориву ноамнӣ, хатари ташаннуҷафканӣ дар манотиқи наздисарҳадӣ ва ҳоказо ба вуҷуд овардааст. Равандҳои интегратсионӣ ба сӯйи пайванд бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва пеш бурдани манфиатҳои миллии кишвар дар ҳудуди СММ ба Тоҷикистон имконият фароҳам овардааст, ки ҳамкориҳояшро бо ташкилоти махсус, барнома ва фондҳои он мустаҳкам намояд. Намояндагиҳои онҳо дар Тоҷикистон ва ҳамкориҳои фаъоли он бо сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, омили муҳими воридшавии он ба таҳия ва татбиқи барномаҳои

мусоидат ба рушди маънавӣ ва интеллектуалии шаҳрвандони Тоҷикистон, татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ дар ҷомеа, омода кардани шароити оптималии гузариши давлат ва ҷомеа ба сӯйи идоракунии демократӣ ва муносибатҳои бозорӣ мебошад.

Ҳамин тавр, ҳанӯз дар солҳои 90-уми асри XX Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии фаъоли СММ масъалаҳои асосиро ҳал карда тавонист, ки иборат аз воридшавии сазовор ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сифати ҳамкори баробарҳуқуқ, инчунин пеш бурдани манфиатҳои миллии худ дар ҳудуди фаъолияти СММ мебошад.

Дар замони муосир нақши СММ дар ҳаёти инсон бамаротиб меафзояд. Сиёсати сулҳҷӯёна ва башардӯстонаи Тоҷикистон ва мавқеи устувори он дар мубориза бар зидди падидаҳои номатлуби замони муосир имконияти фарохеро барои иштирок дар фаъолиятҳои СММ ва ташкилотҳои махсуси он медиҳад. Бинобар ин барои Тоҷикистон муҳим аст, ки масъалаи узвияташро ба сохторҳои СММ ҳамчун Шӯрои амният, Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ (ЭКОСОС), Шӯро оид ба ҳуқуқи инсон пешбарӣ намояд. Иштирок дар кори сохторҳои интихобии СММ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, то эътибор ва нақши худро дар қабули қарорҳои сатҳи байналмилалӣ баланд бардорад.

Татбиқи тадбирҳо дар соҳаи сиёсати хориҷӣ дар сатҳи олӣ аз ҳар як кишвари узви СММ ҷиддияти комил, омӯзиши ҳаҷми бузурги маводи иттилоотӣ, босуръат ворид шудан ба соҳаи иқдомҳои масъулиятноки сиёсиро дар мавриди воқеоти дар ҷаҳон зоҳиршаванда талаб менамояд. Мақсаду ҳадафҳои нави фаъолияти сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар ҳудуди СММ бояд доимову пурра дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 27-уми январи соли 2015 қабул шуда, дар он ҷанбаҳои асосии ҳамкориҳои босамари Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СММ ифодаи худро пайдо намудааст, дарҷ гардад.

Як идда саволҳои мубрам, монанди «оё Консепсияи нав то чӣ андоза барои ба марҳалаи сифатан нав баровардани ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СММ мусоидат менамояд?», «Мақсад ва ҳадафҳои Тоҷикистон дар панҷ-ҳафт соли оянда дар ҳудуди СММ чӣ гуна хоҳанд буд?» ва ғайраҳо

бинобар ҷамъбасти таҷрибаи 25-солаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СММ дар рафти таҳқиқоти мазкур бояд ҳал гарданд.

Боз ҳам эътибори худро афзудани СММ дар ҷаҳон ва минтақаи Осиёи Марказӣ дар соҳаи сулҳофаринӣ мубрамияти мавзӯи моро меафзояд. Дар айни замон минтақа сол то сол мавқеи манфиат ва сиёсати фаъолонаи дигар кишварҳои ҳамҷавор ва дуру наздик гардида, мувоҷеҳ ба таъсироти бештари ҷаҳоншумулӣ, ҳадафҳои зери назар ва ғайриоддии дохиливу хориҷӣ шуда истодааст, ки дар байни онҳо мубрамтаринаш рушди радикализми динӣ ва экстремизм, терроризм ва кибертерроризм, интиқоли маводи мухаддир ва рушди ҷиноятҳои марбут ба он, хавфу хатарҳои манфии характери глобалидошта ба шумор меравад.

Омилҳои мазкур, аз ҷумла, ҷанги ба дарозо кашидаи Афғонистон ва хатари афзудаистодаи терроризм, экстремизм, кибертерроризм, ифротгароии динии вобаста бо он, ки дар зуҳури чунин мушкилоти глобалӣ, монанди дар наздикии марзҳои Тоҷикистон ҷойгир шудани ДИИШ ва афзудани нақши таъсири он ба минтақа, аз ҷумлаи зуҳуроти мубраме ба ҳисоб меравад, ки онҳоро бидуни иштироки СММ ва сохторҳои таркибии он ҳал кардан ғайриимкон аст. Вазъияти Афғонистон, ки дар шароити қисман берун шудани Қувваҳои эътилофи ғарбӣ дар соли 2014 боз ҳам муташанниҷ шуда, аз таҳти назорат баромада истодааст, таъсирашро боз ҳам бештар ба кишварҳои ҳамҷавор - Тоҷикистон, Узбекистон ва Туркманистон, инчунин Чин ворид намуда, ҳар чӣ бештар сифати манфиати миллии ин кишварҳоро ба худ касб менамояд.

Дар ин робита ҳамкориҳои СММ дар соҳаи амнияти минтақавӣ, ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар сатҳи бисёрҷониба хеле муҳим ба назар мерасад.

**Адабиёт**

1. Саидов З. Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики «открытых дверей». Душанбе, 2015. -346с.

2. Юлдашев К. Эмомали Рахмонов-основатель дипломатии и внешней политики суверенного Таджикистана. Душанбе, 2001. -30с.
3. Сазонова К.Л. **Таҳлили мавқеи кишварҳои абарқудрат дар мавридиислоҳот дар СММ** // Вестник Башкирского университета. 2008. Т.13. №3 (ISSN1998-4812).-С. 673-674.
4. Финлеттер, Т. К. Сила и политика. М., Издательство иностранной литературы, 1956, -С. 297.
5. Рахмонова Р.Э. Асосҳои хизмати дипломатӣ. Душанбе, 2017. -312с.
6. Раҳмонова Р.Э. Манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаи дарк ва ҳимояти онҳо.// Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИҶТ, № 3(1) 2017. ISSN 0235-005X. -С. 79-84.

США готовы помочь возглавить усилия по реформированию ООН//Международные информационные программы. Режим доступа: http://usinfo.state.gov/russian/Archive/2005/Jun/21-754114.html

8. Нешнер, А. Планы реформирования ООН: достижения и неудачи. Режим доступа: http://www.voanews.com/russian/archive/- 2005-09/2005-09-30-voa3.
9. Маҳмадҷонова М.Т. Ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар такомули ҳувияти муосири тоҷик//Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдат-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон. М. 2017. -С. 37-46.
10. Маҳмадҷонова М.Т. Иҷлосияи таърихии ХУ1-ум сароғози ташаккули ҳувияти тоҷик//Иҷлосияи ХУ1 Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ибтидои сулҳу суббот. Душанбе, 2017 . -С. 160-179.
11. Маҳмадҷонова М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва ҳувияти миллии тоҷикон.//Ваҳдати миллӣ ва пешрафти ҷомеа. Душанбе, 2017. -184с.

12. Маҳмадов А.Н. Хоперская Л.Л. Национальное примирение: перспективы развития суверенного таджикского государства. Душанбе, 2017.-С.168.
13. Махмаджонова М.Т. Независимость Таджикикстана- выбор пути развития//Истиқлолияти давлатӣ- таҳкимбахши низоми давлатдории миллӣ. Душанбе, 2016. –С.54-68.
14. Шарифзода З., Маҳмадҷонова М. Информационные и коммуникационные технологии: новые вызовы и угрозы// Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИҶТ, № 1 2017. ISSN 0235-005X. –С. 117-120.

**Ғиёсиддин Қодиров**
*шарқшинос*

## ТОҶИКИСТОН ДАР МАСИРИ ТАРАҚҚӢ: АНДЕША ВА МУЛОҲИЗАҲО

Чанде пеш халқи заҳматкашу сулҳдӯсти Тоҷикистон дурахшандатарин фасли таърихи навин ва ҷавонтарин Иди Миллӣ – ҷашни 26-умин солгарди Истиқлолияти давлатии худро дар фазои сулҳу ваҳдат ва кору созандагӣ таҷлил намуд. Ин чоряк асре, ки гузашт, албатта, дар пеш умри дароз ва таърихи куҳансоли халқи тоҷик, ки чархи он чандин садсолаҳои охир ба муроди он нагаштааст, нафасу лаҳзае беш нест. Вале дар айни ҳол ин муддат барои умри як инсон, як насл ва он чи аз сари ӯ дар ин фосилаи замонӣ мегузарад, махсусан дар замонаҳои табдили давраҳои таърихӣ, тағйири арзишҳо, пешомадҳои норавшан ва таҷрибаҳои ҳосилкардаи вай вақти каме нест. Бинобар ин таҷрибаҳои талху ширини таърихие, ки халқи тоҷик дар ин давра ҳосил намудааст, ганҷинаи гаронбаҳоест, ки имрӯз

пажӯҳишгарон ва равшанфикрони дилсӯз онхоро аз дидгоҳҳои мухталиф таҳлилу таҳқиқ карда истодаанд.

Соҳиби ин қалам дар нигориши ин гуфтор худро қозиву довари таърихи ин давраи мураккабу буҳронӣ напиндошта, таҳқиқу арзёбии онро, чунонки мебояд, ба соҳибназароне, ки дар ин мавзӯъ дарки амиқтару устодонатар ва фазилати таҳлилгарии моҳиронатар доранд, вогузашта ва он чи ки инак, пешниҳод мегардад, танҳо чанд бардошту мулоҳизаҳои ислоҳпазиру такмилталабест дар хусуси комёбиҳои муҳимми солҳои Истиқлол ва баъзе ҳадафу вазифаҳои марҳилаи нави рушду инкишофи мамлакат.

Пеш аз шарҳу тафсири мавзӯъ бояд дар назар дошт, ки таҳаввулоту дигаргуниҳои амиқи таърихӣ ва натиҷаҳои онро ҳар гурӯҳу табақаҳои иҷтимоӣ ва ҳатто ҳар шахс ба таври гуногун, маъмулан аз нигоҳи манфиатҳои хеш, аз нуқтаи назари он ки ин ҳодиса ва воқеаҳо дар зиндагии шахсӣ ва иҷтимоии вай чӣ асаре гузошта ва чӣ суду зиёне ба бор овардааст, арзёбӣ ва натиҷагирӣ мекунанд. Аз ин рӯ, дар ин олами мутазоду рангоранги афкори умум пайдо кардани иттифоқи назар ва хулосаи ягона душвор аст. Аммо дар айни ҳол болотар аз суду зиёнҳои шахсӣ ё табақотӣ бисёр арзишҳои дигаре ҳастанд, ки ба сарнавишти имрӯзу фардои миллат, ватан ва бақову пойдории давлати мустақили он вобаста буда, аҳамияти таърихӣ ва умумимиллӣ доранд. Ин ҳамон занҷирест, ки мардумро, сарфи назар аз ақидаву андешаҳои гуногун ба ҳам мепайвандад, миллатро муттаҳид месозад ва барои анҷоми корҳои нав сафарбар мекунад. Комёбиҳо ва дастовардҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии давлати ҷавону миллати куҳани мо ҳосили ҳамин ҳамбастагиҳост.

Бузургтарин дастоварди ин давра он аст, ки давлати ҷавони Тоҷикистон бо ҳимояту пуштибонии бедареғи халқи сабуру рӯзгордидаи хеш дар як давраи кутоҳи таърихӣ буҳронҳои шадиди сиёсӣ ва мушкилоти беҳисоби иҷтимоӣ-иқтисодии солҳои аввали Истиқлолро бартараф намуда, ягонагии кишварро ҳифз, амниятро дар мамлакат таъмин ва барои мардуми ноумеду саргардони хеш шароити ороми кору зиндагӣ фароҳам сохт.

Ҳоло агар аз равоқи баланди асри нав баъзе саҳифаҳои сиёҳу сафеди ин китоби омӯзандаро варақ занем, дар паҳлуи саҳнаҳои ғуруромези тантанаи Истиқлолу озодӣ, умед ба фардои равшан ва лаҳзаҳои таассуфовари ҷангу хунрезиҳои нангин, чеҳраҳои зарду арақолуди ҳазорон мардуми оддиро мебинем, ки бо камтарин имконот ва таҳаммули маҳрумиятҳои фаровон дар паҳлуи давлати ҷавони худ қарор гирифта, корҳои бузургу шоистаи қадрдониро барои оромӣ ва ободии ватани хеш анҷом доданд.

Тоҷикистони ҷавони бетаҷриба, бо имкониятҳои маҳдуди иқтисодӣ ва собиқаи кофии сиёсӣ дар муқобили сахттарин буҳроноти таърихи навини худ, на танҳо тоб оварда, пойдорӣ ва истодагарӣ кард, балки аз ин гирдоби ваҳшатнок ва имтиҳони сахти таърих обутобёфтатар ва ботаҷрибатар берун омад.

Бунёди давлати мукаммалу соҳибихтиёр ва замонавӣ дар номусоидтарин шароит ба ҷаҳониён нишон дод, ки тоҷикон аз ҷумлаи миллатҳои мутамаддин ва аз созандагони нахустин давлатҳои дунёи қадим буда, истеъдод ва суннатҳои деринаи давлатдорӣ ва давлатсозӣ доранд.

Гузашти замон ва ҳосили бадастомада собит кард, ки роҳи баргузида дар интихоби шаклу мазмуни давлати хеш, яъне давлати дунявӣ-демократӣ, ҳуқуқбунёду иҷтимоӣ ва ҷавобгӯ ба рӯҳи замон ва орзуву ормони мардуми кишвар хато набудааст.

Таҷрибаи талх ва поёни хуши ҳалли оқилонаи низоъҳои дохилии мо имрӯз ба номи «сулҳи тоҷикон» аҳамияти амалӣ ва шуҳрати байналмилалӣ касб карда, низоъшиносону сиёсатмадорон онро ҳамчун намуна ба миллатҳои гирифтори ин вабои нави аср тавсия мекунанд.

Имрӯз бо боварии комил гуфта метавонем, ки ватани азизи мо душвортарин марҳилаи таърихи навини худ, даврае, ки мутаассифона, нисфи он дар ҷангу ҷанҷолҳои дохилӣ ва нисфи дигар дар дармони захмҳо, барқарорсозии харобиҳо ва оқибатҳои ҷанг гузашта, маҷоли зиёде барои пешрафту тараққӣ надошт, сипарӣ карда, сохтмони давлати нави соҳибихтиёр ва замонавии худро такмил намуд ва хиштҳои нахустини пойдевори иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии рушду инкишофи ояндаи он гузошта шуд.

Дастоварду комёбиҳои соҳаи фарҳанг дар ин давра аз дигар бахшҳои ҳаёти иҷтимоӣ равшану намоёнтар буданд. Бо фаро расидани Истиқлол монеа ва маҳдудиятҳои сиёсӣ бартараф шуда, мавзӯъҳои «номаҳраму номуносиби» таъриху фарҳанги миллӣ аз «маҳбаси идеологӣ» озод гардид ва даҳҳо имтиёзоти дигар пешорӯйии давлати миллӣ қарор гирифт.

Давлати ҷавони Тоҷикистон бо вуҷуди ноустувории вазъи сиёсӣ-низомии кишвар ва мушкилоти зиёди дохилӣ ба ин бахш таваҷҷуҳи махсус дошт ва фарҳанг низ аз фаъолтарин бахши ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии он солҳо буд. Вай ҳамон ангеза ва отифаи табиӣ буд, ки неруҳои мухталифро ба ҳам пайваст, дар ҳалли бисёр ихтилофоти дохилӣ ва омодасозии заминаи сулҳу оштӣ дар ҷомеа ёрӣ расонд. Бинобар ин, гузашта аз масъалаҳои мубрами иҷтимоӣ-сиёсии замон, чун ситоишу шукри истиқлолу озодӣ, лаънату нафрини ҷангу ҷангафрӯзони дохиливу хориҷӣ, ҳасрати рӯзгорони осудаву осоиштаи гузашта ва амсоли инҳо муҳимтарин масъалахои хоким бар афкори ичтимоии ин давра, яке масъалаи забон ва дигаре бузургдошти таъриху тамаддун ва шахсиятҳои барҷастаи гузашта ва муосир буд.

Тавре ки медонем, ин мавзӯъ ҳанӯз дар охирҳои даҳаи 80-уми асри гузашта, дар ҷараёни муборизаи равшанфикрони ватан ба хотири боло бурдани мақоми давлатии забони тоҷикӣ ва саранҷоми он қабули Қонуни маъруф бо номи «Қонуни забон» (1989) ба миён омада, ба як ҷунбиши васеи фарҳангӣ-сиёсии он солҳо мубаддал шуда буд. Бо фаро расидани Истиқлол ва ба сифати забони давлатӣ эълон шудани забони тоҷикӣ мақоми сиёсӣ ва фарҳангии он бисёр афзуд. Чунин шуҳрати сиёсӣ-фарҳангӣ ва таваҷҷуҳу муҳаббати бешубҳа, умумихалқӣ баҳсҳои пурҳарорати илмӣ ва гоҳе ошиқонаву завқӣ дар атрофи таърихи гузашта, вазъи кунунӣ ва роҳхои таҳаввулу такомули он дар оянда шиддат гирифт. Қатъи назар аз ҳама мушкилоти маълум, ки давлати миллӣ бо онҳо мувоҷеҳ буд, осори арзишманди илмие дар ин мавзӯъ таълиф ва нашр гардид, ки намунаи беҳтарини онҳо, ба назари мо, асари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон «Забони миллат – ҳастии миллат» (Душанбе, 2016) мебошад.

Бо тағйири шаклу мазмуни давра, албатта, дар забон низ, ки оинаи чеҳранамои ҷомеа аст, таҳаввулоти зиёде ба вуҷуд омад. Бо фурӯпошии низоми шӯравӣ луғоту истилоҳоте, ки дар хидмати он низом қарор доштанд, аз равнақ бозмонда, ба расми маъмули забон, ба бойгонии таърих супорида шуданд. Касби истиқлол, бунёди давлати мустақили Тоҷикистон, зуҳури ҳизбу ҷараёнҳои гуногуни иҷтимоӣ-сиёсӣ, шиору даъватҳои содиротӣ, интишори мафкураҳои наву кӯҳна ва андешаҳои мухталифу мутазод, аз ғояҳои чапу рост, сурху сабз, пиндорҳои динӣ, коммунистӣ ва демократии ношинос то сабку шеваҳои анархизму радикализм ва ғайра, ба ҷойи вожагони матрук теъдоди зиёди мафҳумҳои сиёсӣ, луғоту истилоҳоти нави иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва илмӣ-техникиро ба майдон овард. Суръати баланди нуфуз ва ҳамлаи ин сели вожагон имкон намедод, ки забон онҳоро мувофиқи қонунҳои дохилии хеш ҳаллу ҳазм кунад. Бинобар ин, барои баёни онҳо муродифи дақиқ, гоҳо дар миёни захираҳои дохили худ меҷӯст, гоҳе аз забони асл тарҷума ё иқтибос мекард ва замоне ҳам ба усули «аз ҳар чаман сумане» аз ҳамзабонон мегирифт. Яке аз шеваҳое, ки дар ин арса ба назар мерасид, ин таъсирпазирӣ ё дурусттараш, «шефтагӣ» дар баробари забони форсии муосир буд. Албатта, ин кор ба шакли солиму анъанавии он, на навоварӣ буд, на кори айб. Зеро ҳамагон медонем, ки таъсирпазирӣ ва доду гирифт дар доираи забони тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ кори маъмулӣ ва «дохилӣ» буда, ҳамеша вуҷуд дошт ва имрӯз ҳам идома дорад. Гузаштагони мо дар тӯли таърих ҳаргоҳ зарурате пеш омада, бидуни «илтимосу иҷозат» аз захираҳои хоси «минтақавии» ҳамдигар истифода намудаанд ва он маводи гирифтаро «қарз» ва ё «моли бегона» нашуморидаанд.

Аммо дар солҳои мавриди баҳс баъзе «шефтагон»-и ин равия ба унвони «ҳамгунсозӣ» (бахши истилоҳгузинӣ, албатта, баҳси алоҳида аст) на танҳо луғоту таркиботи воқеан, заруриро аз форсии муосир мегирифтанд, балки сабки нигориш ва ҳатто тарзи талаффузи онро ҳам иқтибос мекарданд, ки баъзе аз онҳо ба табиати забони мо созгор набуданд.

Зоҳиран, ҳангоми чунин «навовариҳо» дар назар бояд дошт, ки забони тоҷикӣ, форсӣ аз ибтидои пайдоиш бо вуҷуди

ганҷинаи вожагони воҳиду муштарак ва дигар омилҳои забонсоз, аз назари баъзе ҷузъиёти ғайридастурӣ, монанди шеваи гуфтор, лаҳну оҳанг, талаффузу ҷумлабандӣ, вожагони «шахсӣ» ва амсоли он аз ҳамдигар тафовутҳое доштанд ва доранд.

Вале ҳеҷ кас аз пешвоёни фикру андешаи мо то кунун ниёзе надидааст, ки ин се шохаи пурборро дар қолаби ягона ҷой дода, «озодиҳои дохилӣ» ва он ҳама рангу бӯйи латифи «маҳаллии» онҳоро барҳам занад. Ҳол он ки, ба андешаи мо, яке аз омилҳои муҳими тавоноӣ, пойдорӣ, вусъат ва зебоии камназари забони мо ҳам дар ҳамин густурдагиҳо ва рангорангиҳост.

Хулоса, дар забони даҳаи аввали Истиқлол як андоза беназмӣ дар вожаофаринӣ, равишҳои завқию ҳаваскорона, шеваҳои омиёнаи гуфторӣ ва дарди кӯҳнаи «тарҷумазадагӣ» мушоҳида мешавад. Дар маҷмӯъ, забони ин давра забонест саргардон, озод, бо дарҳои боз, омодаи пазириши чизҳои нав, эҳёи унсурҳои қадимӣ ва дар ҷустуҷӯйи симои хоси анъанавии худ.

Аммо бар асари ҳампоӣ бо ҷомеаи бемори поёни садаи гузашта, ӯ низ батадриҷ бисёр лағзишу шитобкорӣ ва саҳлангориҳои оғози марҳилаи навини худро ислоҳу бартараф кардааст. Ҳоло агар хушбинона ба авзои солҳои охири он нигарем, забонест комилан асрӣ, фаъол, ҷӯянда, таҳаммулпазир ва мисли ҷомеаи беқарори замони худ дар ҳоли таҳаввулу такомул.

Масъалаи дигари ин силсила, чунонки пештар гуфтем, ғуруру ифтихор аз таърихи шукӯҳманд, ситоиши қаҳрамонони миллӣ ва шахсиятҳои барҷастаи илму дониш ва шеъру адаби дирӯзу имрӯз, эҳёи суннатҳои писандидаи миллӣ ва баргузории ҳамоишҳо ва конференсияҳои пуршукӯҳи байналмилалӣ ва дохилӣ ба ифтихори онҳо. Ин қадрдониву қадршиносии гузаштагони худ ва эҳтироми корнамоиҳо ва саҳму хидмати онҳо дар таърихи фарҳангу тамаддуни миллӣ кори неку муфиди маънавӣ ва ахлоқӣ буда, барои худшиносии миллӣ ва тарбияи рӯҳи ватандӯстии мардум бисёр арзишманд буд.

Бо чунин сарвату сармояи аввалияи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии худӣ, ки мухтасар гуфта шуд, нахустин даврai

таърихи навини давлатдории мустақили мо, ки бо сабабҳои маълум, мутаассифона, чоряк аср тӯл кашид, ба поён расид.

Ҳоло ки мо дар ибтидои марҳилаи нави такмилу таҷдиди ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат қарор дорем, фаромӯш набояд кард, ки тайи ин чоряк асре, ки гузашт, зиндагии иҷтимоии мо нисбат ба рӯзгори поёни садаи XX тағйири бисёр ёфта, ин таҳаввулот дар вазъи мамлакат ва шаҳрванду давлат дигаргуниҳои зиёде ба вуҷуд овардааст.

Тоҷикистон дигар он кишвари ҷангзадаи бемор, бо хонаҳои сарди бебарқ ва мардуми камбағали ноумеду хомӯш нест. Имрӯз аз ҳар гӯшаву канори он садои таҳаввулот ва ғулғулаи сохтмонҳои азим – шоҳроҳҳои байналмилалӣ, садҳо мактаби миёнаву олӣ, неругоҳҳои обии барқии пурқудрат, корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолӣ ва дигар иншооти гуногуни иҷтимоӣ ба гӯш мерасад. Кишвар симои торики солҳои 90-уми худро дигар карда, рӯз то рӯз зеботару ҷавонтар шуда истодааст.

Сатҳи огоҳӣ ва саводнокии мардум афзуда истодааст. Рафту омад ба мамлакатҳои гуногун, доду гирифти иқтисодӣ, тиҷоратӣ бо ҷаҳони хориҷ, дидани ҷомеаҳои гуногунмазмун, муносибатҳои иҷтимоии мухталиф ва монанди инҳо шуурнокӣ ва ҷаҳонбинии мардумро боло бурдааст. Давлат низ дигар он давлати навҷавон, бо имконияҳои маҳдуд набуда, қавитару сарватмандтар ва ботаҷрибатар шудааст.

Вобаста ба дигаргуниҳои номбурда муҳтавои нақшаҳо ва барномаҳои нави инкишофи мамлакат рангинтар ва ҳадафҳо хеле баланду умедбахш гузошта шудааст. Мақсади ниҳоии ин стратегияи комплексӣ, ки дар маҷмӯъ, модернизатсияи кишвар мебошад, аз бахшҳои гуногун иборат аст ва агар мо дуруст фаҳмида бошем, иҷрои вазифаҳо ва масъалаҳои бунёдии зеринро дар бар мегирад:

Аввал, **дар бахши сиёсӣ** – нахустин ва муҳимтарин вазифае, ки дар ин давра ва дар ҳама марҳилаҳои дигари таърихӣ дар назди халқу давлати мо қарор дорад, ин таҳким ва ҳифзи Истиқлолияти Ватан аз таҳдидҳои асри нав, ки аз хатарҳои пешин бештаранд ва дуюм, муқаддасу халалнопазир нигаҳ доштани ягонагӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад. Пайванди ин ду мафҳум пояҳои асосии ҳама гуна пешрафт ва пирӯзиҳои халқу

мамлакати мо дар тӯли ҳама давраҳои таърих хоҳад буд. Миллатҳои мутамаддину пешрафтаи ҷаҳони имрӯз ҳама аз ҳамин роҳ рафта, давлатҳои неруманди миллӣ барпо ва барои худ зиндагии ободу шоиста сохтанд.

Гузаштагон ҳам моро ҳушдор додаанд, ки:

Давлат ҳама з-иттифоқ хезад,
Бедавлатӣ аз нифоқ хезад.

**Дар бахши иқтисодиёт** – гузор аз иқтисодиёти камсамари зироатӣ ба иқтисодиёти саноатии рӯ ба инкишофи ҷавобгӯ ба ниёзҳои пешрафту тараққии имрӯзу фардои мамлакат.

**Дар бахши иҷтимоиёт** – тақвият ва густариши давлати иҷтимоӣ-ҳуқуқбунёд, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии халқ ва дар ниҳояти кор, кӯшиши тақвият бахшидани раванди зиндагии сатҳи миёна ва мардуми миёнаҳол. Зимнан, бояд ёдовар шуд, ки ин сиёсат маънои зуҳури дубораи аъёну ашроф, эҳёи табақаҳои бойю камбағал ва ё мубориза бо сарвату сарватманд шуданро надорад. Ҳадафи асосӣ, дар маҷмӯъ, бунёди ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ, бо имконоти баробар мебошад. Агар касе ё касоне бо заҳмату кӯшиши бисёртару тавфиқи бештар соҳиби сарвату дороӣ шуданд, ин ҳамон ҳикмати халқист, ки «ошат агар ҳалол бошад, дар майдон бароварда хӯр!»

**Дар арсаи фарҳангу дониш** - дар баробари баҳрагирӣ аз дастовардҳо ва бозёфтҳои ҷаҳони пешрафтаи муосир, вусъати корҳои босамару муваффақи солҳои пешин, омӯзиш ва баррасии амиқтари таъриху забон ва фарҳангу адаби ватан ва нашри намунаҳои беҳтарини он дар назар аст. Ин ҳамон риштаест, ки моро ба таърихи умумии гузаштаи хеш ва бузургони некном мепайвандад ва ҳамон ҷавҳарест, ки миллат месозад, инсони ахлоқӣ ва маънавӣ тарбия мекунад, виҷдон мебахшад, зебоӣ меомӯзад ва бисёр арзишҳои дигар.

Тавре ки мебинем, Стратегияи миллии рушди кишвар дар марҳилаи нав танҳо як гузори оддӣ ва механикии мамлакат аз як марҳала ба марҳилаи баландтари тараққиёт набуда, балки аз нигоҳи мазмуну мундариҷа васеътару амиқтар шуда, тамоми соҳаҳои ҳаёти моддӣ ва маънавии ҷомеа, ҳатто таҳаввули фикру андешаро низ фаро мегирад.

Ҳоло барои равшантар сохтани баъзе масъалахои ба назари мо, муҳиме, ки барои наву замонавӣ ва солиму тозатар заруру матлуб мебошанд, каме бештар таваққуф мекунем.

**Аввал – омӯзиш ва парвариш**. Дар ин бахш, пеш аз ҳама, тарбия ва парвариши насли замони нав дар назар аст, ки асоси ҳама пешрафту комёбиҳои ҳар кишвару ҳар ҷомеаро ташкил мекунад.

Тавре ки медонем, ин масъалаи ҳамешамубрам бисёр душвор, серпаҳлу ва мураккаб аз маъниву мафҳумҳои гуногун буда, фаъолияти муштараки иҷтимоии оила, давлат ва ҳамаи ҷомеаро талаб мекунад. Назар ба чунин аҳамияти фавқулъода давлати ҷавони Тоҷикистон аз оғоз ба ин мавзӯъ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекард ва дар марҳилаи нав ҳам барои он ҷойгоҳи баланде ҷудо гардидааст. Ҳадафи асосӣ дар шароити мусоидтар тарбияи насли фаъоли асри нав, дар шакли идеал тарбияи инсони огоҳу худшиноси маънавӣ, созандаву бунёдкор ва албатта, инсони озод, озодихоҳу озодандеш ва ватанпарасту ватандор аст. Зеро тангназарону кӯтоҳфикрон навовару ташаббускор нашудаанд. Ва ё тарбияи рӯҳи ғуломиву тамаллуққорӣ ҳеҷ гоҳ натиҷаи хуб надодааст, чунки барои ғуломон чандон тафовуте надорад, ки хидмати киро мекунанд, худӣ ё бегонаро. Агар гоҳе ҳам имкон ёфтанд, хоҷагони худро барандохта, ҷойи онҳоро гирифтанд, чунонки дар таърихи Сомониён рӯй дод.

Паҳлуи амалии ин масъала, тарбияи кадрҳо ва мутахассисони ҷавон мебошад. Таври маълум, дар барномаи саноатӣ кардани кишвар сохтмони корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ ва иншооти иҷтимоии гуногун пешбинӣ шудааст. Барои иҷрои ин нақша ва вазифаҳои баланд мамлакат, албатта, ба мутахассисони соҳаҳои илму фунуни замонавӣ, коршиносони устод дар риштаҳои гуногуни техника ва технологияи нав, касбҳои коргарӣ ва барои риштаҳои муҳими иқтисодиёти миллӣ, махсусан ба роҳбарони кордону масъулиятшиноси дур аз фасоду коррупсия, ки боиси нафрати мардум ва коҳиши обрӯйи байналмилалии давлату мамлакат мегардад, ниёз дорад. Чунонки мешунавем ва мебинем, ин кор аллакай шурӯъ шуда ва давом дорад. Таваҷҷуҳи хос ба илмҳои дақиқ, ифтитоҳи

коллеҷҳои гуногуни касбӣ-техникии нав барои омода кардани кадрҳои ҷавони техникӣ ва касбҳои коргарӣ шоҳиди ин гуфтаҳо мебошанд.

**Дуюм.** Аз вижагиҳои ҳассоси замони мо он аст, ки кишвар аз нигоҳи демографӣ, яъне ивазшавии наслҳо низ дар ҳоли гузариш қарор дорад. Зиндагонии инсонӣ мисли ҳамеша, мувофиқи қонунҳои худ равон буда, наслҳои оғози Истиқлол пиру иваз шуда истода, ҷараёни таҷдиду ҷавонсозии сохтору макомоти давлатӣ оғоз гардидааст. Чунонки аз таҷрибаи таърихӣ медонем, интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, махсусан дар мақомоти роҳбарӣ на танҳо боиси равнақу ривоҷи соҳаҳои алоҳида, балки сабаби пешрафту тараққии бесобиқаи давлатҳо шудааст ва баръакс. Назар ба аҳамияти сиёсии ин масъала, Сарвари давлат ин ҷараёнро сахт зери назар қарор дода, онро бо ҷиддият ва санҷидаву боэҳтиёт раҳбарӣ карда истодааст. Ҳадафи асосӣ он аст, ки кадрҳои собиқро ҷавонони лоиқу коргар ва ватанпарасту тозаназар иваз кунанд ва сарриштаи кор ба дасти шахсони мутахассис, ташаббускору дилсӯз, ҷавонони огоҳ, ки вазифаҳои худро аз дидгоҳи шахси масъули давлатӣ иҷро мекунанд, вогузор гардад. Албатта, бо риояти ҳолатҳои анъанавии ин ҷараёни табиӣ, яъне пайванди неруи «ҷавонони саодатманд» ва таҷрибаҳо ва «панди пири доно», то он ки риштаи ирсият ва анъаноти касбӣ ва инсонӣ канда нашавад. Дар урфият ҳам гуфтаанд, ки гузашти замон бар қимати се чиз меафзояд: илм амиқтару васеътар, дӯстӣ санҷидатару самимитар ва шароб софтару гуворотар мешавад.

Аз сӯйи дигар, фаромӯш набояд кард, ки ин сахтгириҳои Призеденти мамлакат дар ин масъала аҳамияти тарбиявӣ ва ахлоқӣ низ дорад, ба ин маъно, ки обрӯйи вазифаҳо ва мансабҳои давлатӣ бояд бисёр баланду муҳтарам ва поку бедоғ нигаҳ дошта шавад. Зеро мардумони худӣ ва бегона дар бораи чигунагӣ ва сифати давлат аз рӯйи рафтору кирдори маъмурону амалдорони он қазоват мекунанд.

Ҷойи таассуф аст, ки аз тариқи телевизион борҳо мебинем, ки довталабони олуфталибоси мансабҳои масъули давлатӣ дар назди Сарвари давлат савганди садоқат ба Президенти мамлакат ва миллату давлат мехӯранд, вале баъди чанде мешунавӣ, ки

фалонӣ ба гуноҳи суистифода аз вазифаи давлатӣ, порахӯрӣ ва дигар амалҳои коррупсионӣ ҳабс шуд. Ин бехабарон на фарханги давлатдори ва на панди Саъдиро хондаанд, ки:

Туро теша доданд, ки ҳезум шикан,
Нагуфтанд, ки девори мардум фикан.

Илова бар ин, тайи солҳои гузашта давлат ҳам дар ин бахш таҷрибаҳои хубу бади зиёде ҳосил намудааст.

Ҳанӯз бисёриҳо дар ёд доранд, ки мансабдорону маъмурони давлатии давраи аввали Истиқлол ҳамон хизматчиёни давлатии даврони шуравӣ буданд, ки аксарият дар он солҳои мушкил ва имкониятҳои маҳдуди иқтисодии давлат вазифаҳои худро таҳти раҳбарии Сарвари ҷавони давлати ҷавон содиқона иҷро намуда, бисёр соҳаҳои фалаҷу хароби хоҷагии халқро ба по бардошта, хотираи неке дар ёди ҳамкорону ҳамдиёрон боқӣ гузоштанд.

Вале чунон ки хоси давраҳои нооромиву беназмиҳост, баъзе шахсони манфиатҷӯ аз табори «гӯр сӯзаду дег ҷӯшад» низ ба мансаб расиданд, ки чанде дар ин ё курсӣ бе чехраву гумном нишаста, хӯрданду бурданду сер нашуданд. Аммо бо таҳкими давлат ва поксозии сафҳои он аз унсурҳои “бегона” баъзеи онҳо аз кор барканор, ё муҷозот шуда, чанде дигар як бало карда то нафақа расиданд. Имрӯз аз онҳо ба ҷуз қасраку ресторанчахое дар ин ё он гӯшаи шаҳру диёр дигар кори хайре барои ватан ё давлат дар ёди касе намондааст.

**Сеюм** – Хифзу такомули фарҳангу тамаддун ва мероси гаронбаҳои гузашта.

Дар партави дигаргуниҳои таърихии даврони Истиқлол, зоҳиран лозим аст, ки мо таърихи солхӯрдаи хешро аз дидгоҳи замони нав, аз нуқтаи назари миллати озод ва манфиатҳои он, ба таври илмӣ, воқеъбинона таҳқиқу баррасӣ намуда, ҷойгоҳ, бурду бохт ва тачрибахои халқи худро дар масири дуру дарози умри он барои бахрагирии амали дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии имрӯзи хеш, муайян намоем. Дар ҷараёни чунин баррасиву бознигарӣ, албатта бояд дар баробари саҳифаҳои дурахшони таъриху фарҳанги номдори хеш вараққои сиёҳи шикасту нокомихои онро низ бихонем, биомӯзем ва барои бисёр суолоти маҷҳули хеш

посух биҷӯем, аз ҷумла: Чӣ роз аст, ки аз сарзамини мардхезу қаҳрамонпарвари Спитаменҳо ва Исмоили Сомониҳо қарнҳо боз хайёхуи саворон ва садои таблу нақораи сипоҳиёни худӣ барнахост? Чӣ тӯфоне аз сари ин диёри донишпарвар гузашт, ки аз маҳфилу анҷуманҳои пуровоза шӯру шавқи офариниш, аз мактабу мадрасаҳои рашки ҳамзамонон ғулғулаи баҳсҳои илмӣ ва аз коргоҳу озмоишгоҳҳои Бӯалиҳову Беруниҳо бонги навзоиву ихтироот дигар шунида нашуд ва ё шогирдоне назири он устодон парвариш наёфт? Агар гуле рӯид обёрӣ нашуд ва агар қаламе сар кашид, ба қавли алома Аҳмади Дониш худ навишт, худ хонд ва худ гиря кард. Хулоса бо чунон азамати тафаккуру андеша чунин ақибмондагиву бечорагии садаҳои охир чаро? Ва даҳҳо суоли дигари назири онҳо.

Ба ин суолоти ҳасратолуди саргузашти таърихии мо, ки бисёр таҳқиқ шуда ва имрӯз ҳам таҳқиқ шуда истодаанд, таърихшиносону таърихнигорони муосир ҳар баҳо ва ҳар ҷавобе, ки надиҳанд, ба андешаи мо як чиз мусаллам аст: Ҳар гоҳ мо ҳамдилу ҳамзабон ва муттаҳид будем, роҳбарони оқилу дурандеш ва диловару ватанпараст доштем, худро мешинохтем, муваффақу комёб, созандаву соҳибчеҳра ва ватандору баландовоза будем, ки чунин иқбол, мутаассифона дар хазорсолаи гузашта кам насиби мо шудааст. Ва баръакс ҳар вақт дар миёни мо низоъҳои дохилӣ, таассуботи мазҳабӣ ва дар майдони сиёсат ва сари тахту тоҷ ихтилофот ва рақобат пайдо шуда, ҳокимони содалавҳи кутоҳандеш мардумро ба ҳам шӯронданд ва ба ҷои эътимод ба халқи худ, ба умеди ёрии бегонагон нишастанд, мо давлату истиқлол ва иззату ифтихори худро аз даст дода, хору поймол шудем. Идомаи мантиқии ин мавзӯъ, ба андешаи мо он аст, ки ҳоло ки ба рағми таърихи ҳасуди садаҳои ахир соҳиби истиқлол ва давлати мустақил ҳастем, ваҳдати миллии дубора озмудашуда ва пешвои диловару ватанпараст дорем, бояд дар атрофи он муттаҳид шуда, аз ҳамин хок ва дар ҳамин хок кишвари навтару ободтар ва барои худ зиндагии шоистатаре барпо намоем.

Хулоса, ин ошноии ҳатто сатҳӣ бо ин пурсишҳо ёрӣ хоҳад дод, ки насли имрӯзи мамлакат аз он нокомиҳо ва шикасту пасмондагиҳои гузашта огоҳ шуда, бинад агар сабабҳои он

омили инсонист, ибрат гирад ва агар маҷмӯъи авомили таърихӣ ва ё ба истилоҳ «зулми таърих» аст, нишонаҳои зуҳури онро пай барад ва агар ботадбир аст, чорачуи кунад.

Аз сӯи дигар ин огоҳиҳои таърихӣ шояд боиси тааммулу андеша гардад, ки мо ба ин фарҳангу тамаддуни бузург чигуна бояд муносибат дошта бошем. Бешубҳа, мо тоҷикон аз миллатҳои хушбахт ва баргузидаи таърихи гузашта, дорои зиндагиномаи куҳансоли бошукӯҳ, фарҳангу тамаддуни машҳур ва забону адабиёти зебои дунё ҳастем. Онро бояд арҷ бигузорем, биомӯзем, аз ҳуҷуми падидҳои манфии фарҳангҳои камумр, вале бонуфузи дунёи муосир ва аз муддаиёну хӯшачинони атрофаш муҳофизат намоем ва албатта бо чунин ниёкону чунон маданияти бузург ифтихор кунем.

Ҳамзамон андеша намоем, ки он мардони зӯрманду хирадманд буданд, ки дар замони худ давлатҳои муқтадир ва тамаддуну фарҳанги камназир сохтанд. Пас ин ҳақиқатро низ бояд пазируфт, ки он шӯҳрату азамат азони онҳост. Мо дар он шӯҳрат чи саҳме дорем, ба ҷуз он ки аз қабилаи меросхӯрону ифтихоркунандагонем? Аз ин рӯ насли имрӯзу фардои кишвар барои он ки натанхо истеъмолкунанда, балки ворисони вокеии ин сарват бошанд, бо қофилаи тезпои илму маданияти замони нав ва дунёе, ки ба суръати сарсомовар пеш рафта истодааст, ҳамроҳу ҳамқадам ҳаракат карда, бисёр бикӯшанд, ки чизҳои тозае, агар чи андак хам бошад аз даврони худ ба он ганҷинаи бебаҳо биафзоянд ва дар он шӯҳрат шарик ва идомадиҳандаи анъанаҳои ниёкони худ бошанд. Чи саодате хоҳад буд он замон, ки наслҳои ҷавони мо аз хитобаву шиори «доштем, доштем» ба ифтихори «Дорем, Дорем!» наздик шаванд. Гузаштагони фозилу дурбин низ моро ба кору кӯшиш даъват карда буданд, ки:

Гирди номи падар чӣ мегардӣ,
Падари хеш шав, агар мардӣ!

**Чаҳорум** – яке аз масъалаҳои дигаре, ки барои солимгардонии фазои маънавӣ ва руҳонии ҷомеаи мо нақши муҳим дорад, ин сайъу кӯшиши гузаштан аз пиндору эътиқодоти хурофотӣ ба тафаккури солими замонавӣ мебошад.

Сайри ин эътиқодот дар афкори ичтимоии мардуми мо таърихи баробари умри ин миллат дорад. Вале гузашта аз примитизми тафаккури нотавони ҷомеаи ибтидоӣ, бовархои чодуии инсони махдуди дунёи кадим, ва руҳи муъҷизапарасту афсонапардози омма ва садхо омили дигари равони ва психологи, ба андешаи мо решаҳои ҷавонтар дар нокомиҳо, заволи тафаккуру андешаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии садсолаҳои ахир (XVII-XX) дорад.

Чунонки медонем, бо таъсиси нахустин давлатҳои мустақили миллӣ дар хоки Мовароуннаҳру Хуросон растохези азими фикрӣ, дунёшиносиву инсоншиносӣ ва ҷунбиши васеи фарҳангӣ падид омада, тӯлонитарин Ренессанси (навзоии) машҳури ҳазорсола гузашта оғоз гардид. Пояҳои фикрии он ба қадре мустаҳкам буд, ки пас аз суқути он давлатҳои миллӣ ҳам идома ёфта, қариб шашсад сол тӯл кашид.

Аммо дар натичаи ҳуҷуми фоҷеабори Чингизу чингизсифатони гуногуни баъдӣ ва харобии марказҳои илмиву адабии машҳури замон, мутафаккирон ва аҳли илму дониш, агар кадоме аз дами он оташҳо раст, ба минтақаҳои амнтар паноҳ бурданд. Ин фирориёни «аз деву дад малул», чун ҷавлонгоҳи амалу офариниш надиданд, дар пайи матлуби деринаи хеш – инсони комил ва ишқи идеал дар руҳу равон ва олами даруни инсон онқадар амиқ фурӯ рафта, чандон дар оташи сӯзони биёбонҳои ҳафт шаҳри ишқ гаштанд, то он ки мартабаи инсониро ба осмонҳо бурда, худ низ, ба қавли Саъдии Шерозӣ: «Расад одамӣ ба ҷое, ки ба ҷуз Худо набошад».

Ин ҷаҳонгардони олами руҳонӣ ҳанӯз аз сафари тӯлонии хеш барнагашта буданд, ки сарзамини фурудгоҳи онҳо дубора майдони задухӯрдҳои хунин ва тохту този қабилаҳои гумноми бетаърих қарор гирифт ва дар натиҷа қаламрави ягонаи фарҳангӣ пора-пора ва дар ҳар пораи он давлатҳои нави ҷавон барпо гардид. Ин зарбаҳои паёпай, ҷангу хунрезӣ ва харобкориву ғоратгарӣ он қадар тӯлонӣ ва дарднок буд, ки заминаи ҳаргуна навандешӣ ва вусъати тафаккуру андешаро барҳам зад ва дар ин замини хазонзада дигар ниҳоли андешаи сабзе қад накашид. Ин фақру заволи андеша ва ҷомеаи яхбастае, ки ҳеҷ робитае ба ҷаҳони рӯ ба тараққӣ ва дар ҳоли ташаккули

фарҳангу тамаддуни нав надошт, боиси зуҳури эътиқодоти хурофотӣ ва ҷараёнҳои оммагарои зиёде чун дарвешиву сӯфигариҳои омиёна, инзиво ва гӯшанишиниву дунёбезорӣ ва монанди он гардид. Ин ҷараёнҳои зояндаи ҷаҳлу нодонӣ ва бедонишии тулони саранчом мартабаи инсонро аз осмонҳо ба замин зада, аз як ӯ махлуқи беиродаи нотавон ва дур аз кӯшишу амал сохтанд.

Хулоса ин эътиқодот ҳамсафари давраҳои заъфу ноумедӣ ва хоси ҷомеаҳои дар ҳоли тағйиру табдили андеша ва мафкурахои хоким буда бо зуҳури чунин ҳолатҳо билофосила ҷои холишудаи афкори расмиро пур мекунанд. Дар замони шӯравӣ хурофоту хурофотпарастӣ сахт таъқиб мешуд ва он дар кунҷи хонаҳои торик хазида пинҳон шуда буд. Бо суқути давлати шӯравӣ ва оғози ҷангу ҷанҷолҳои дохилӣ ва нооромиҳо ин пиндорҳо аз махфигоҳҳо берун ҷаста ба суръат дар зеҳни осебдидаи мардум пароканда шуда, хислати ом гирифтаанд ва то имрӯз ба ҳамон қудрат ҳукумат меронанд. Дар натиҷа бозори сеҳру соҳирӣ ва амсоли он гарму серхаридор шуда рафт. Муштариёни ин бозори «толеъфурӯшӣ» ҳар кадом дар пайи ормони худ мегашт: бозориёну савдогарони навпул – баракат, вазифахоҳон – иқбол, навдавлатон – бақои мансаб ва мардуми бечораи парешон ояндаи худро меҷӯстанд. Нотарсии хатарноки савдогарону далолони ин бозор дар он аст, ки онхо «маҳсулоти» худро дар либоси динӣ мефурӯшанд, ҳол он ки ҳама медонем, ки дини мубини Ислом зидди ҳаргуна ҷаҳолату нодонӣ буда, онро шадидан маҳкум мекунад.

Ҳоло ки мо дар ин фархундарӯзгор ба сӯйи тараққӣ, бунёди давлати муосири пешрафта ва ҷомеаи замонавӣ равонем, бояд зарару зиёни чунин ақидаҳо ва ҷараёнҳои омиёнаи ботил, ки ба ҷуз аз парвариши ҷаҳлу танбалӣ ва тавлиди гадову қаландар нақши дигаре набозиданд, ба мардум хубтар фаҳмонда шавад, то ки ҷомеаи мо огоҳона аз ин ботлоқи чиркини мафкурави раҳо шуда, ба дунёи фарроху зебои тафаккури илмӣ ва бозёфту дастовардҳои он қадам гузорад.

Чунинанд, ба назари мо фишурда андаки дастоварду таҷрибаҳо ва ҳадафҳои умедбахши оянда, ки дар ибратхонаи таърихи ин давраи пасту баланд, ки мо низ бо талотуми амвоҷи

ваҳшатноки оғози он даст ба гиребон шуда ва дар фазои нарми на сарду на гарми солҳои охири он умр ба сар мебарем, дарёфтем.

Ҳадаф аз ин ёдовариҳо он аст, ки ҳамватанони ҳамзамон ва махсусан насли ҷавони ватан аз ниёкони муваффақ дар таърихи замонаҳои худ дарси пирузиву ватандӯстӣ омӯхта, мисли ҷавонони бетаҷрибаи солҳои 90-уми асри гузашта фирефтаи ваъдаҳои дурӯғин ва мафкураҳои содиротиву воридотии бегона нашуда, неруи бузурги ҷавониро сарфи омӯзиши илму донишхои замонавӣ, ҷаҳишҳои нави фикрӣ, татбики барномахои нави имронии давлат, ободиву тараққӣ ва сарбаландиву сарфарозии халқу ватани худ намоянд. Зеро ба қавли мустанад, касоне, ки аз гузаштагон ва гузаштаи худ намеомӯзанд, маҳкум ба такроранд.

Дар поён бо итминон ба ояндаи равшан ва пешрафту шукуфоии Ватани зебо ва рӯзгори ободу шоистаи замони хамватанон, бо суханони сода ва самимии адиби хамзабон Махмуди Тарзӣ каломро хатм мекунем:

Эй хоки пок, эй ватани хушзамини ман,
Маъшуқи ман, ҳабиби ман, дилнишини ман.
Масъуд бошу шоду бизӣ, то абад бимон,
Дар ҳифзу дар тараққиву маъмуриву амон!

Махмуди Тарзӣ



**Нозим НУРЗОДА**
*муҳаққиқ*

# «ЁДДОШТҲО»-И УСТОД АЙНӢ ВА ЗАРУРАТИ БОЗШИНОСИИ ҲАВОДИСИ ТАЪРИХӢ

Мусаллам аст, ки инсон, аз бозе ки пай бурд, мавҷуде тавлидкунанда мебошад (ниг.:Фашоҳӣ Муҳаммадризо. Аз Готҳо то машрутият: гузорише кӯтоҳ аз таҳаввулоти фикрӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеаи феодалии Ирон. –Теҳрон, 1386. -С.7), ба тавлиди фикру андешаи созанда сари кор гирифта, ҷаҳонро тибқи фаҳмиш, эҳтиёҷот ва муқтазиёти замонию макони худ аз нав офарид.  Омӯзиши ҳаводиси таърихӣ, бурду бохти маънавӣ, мафкуравӣ ва фикрӣ, панд гирифтан ва бо чашми ибрат нигаристани фаҷоеи миллию мардумӣ имкон фароҳам меоварад, ки насли ҷавон(албатта, бо кумаку дастгирии бевоситаи насли миёнсол ва солманди ҷомеа) ба умқи мушкилоти иҷтимоӣ, фикрӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ сар дароваранд ва дар рафъи буҳронҳои гуногуни мунтазира ва ғайримунтазира бо тасмимоти шахсӣ ва инфиродӣ саҳм бигирад.

Дар шароити муосири бархӯрдҳои қудратҳои сиёсии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ шинохти илмӣ,  воқеӣ ва ҳирфавии меросу арзишҳои гузаштаю имрӯзаи миллӣ ва башарӣ стратегияи рақами як маҳсуб меёбад, зеро ки бидуни ташхиси дурусти осори пешина ва татбиқи илмии он дар вазъияти имрӯза сатҳи имкони поистан ва давом бахшидани фарҳангу сиёсати миллӣ пойин меравад. Иммунитет ё сироятнопазирии иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, ҳунарӣ, мафкуравӣ ва билохира маънавӣ бо даст ёфтан ба илми зинда ва андӯхтани таҷрибаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд меояд, дар баданаҳои ҷомеа маҳкам ҷой мегирад, қолаби ҷимонӣ ва равониро дар баробари вирус ва бактерияҳои гуногуни фикрӣ, динӣ-мазҳабӣ ва мафкуравии бегона, ки тарики таблиғоти рӯзафзуни шабакаҳои иҷтимоӣ дар даҳсолаҳои ахир бар афкори

наслҳои ҷавону миёнсоли ҷомеаи тоҷикӣ тасаллут пайдо карда истодааст, қудратманд месозад.

Қатъи назар аз он ки зиндагинома ва мероси арзишманди устод Айнӣ аз нимаи дуюми садаи бист то имрӯз зиёд пажӯҳиш шуда, роҷеъ ба шахсият, андешаву афкор, биниш, таълифот ва дар маҷмӯъ, насру назми устод китобу расоили бешумори илмӣ, илмӣ-оммавӣ, бадеӣ навишта шудааст, ҳоло ҳам зиндагӣ ва мероси нависанда ба таҳқиқ ва баррасӣ ниёз дорад ва бисёр паҳлуҳои дид, завқ, фаҳму фаросат, андеша, диққат, мушоҳида ва сабки нигариши иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фалсафии ӯ ҳанӯз ношинохта боқӣ монда, интизори омӯзиш ва таҳқиқи ҷиддианд. Ҳатто дар зиндагиномаи устод Айнӣ ҳам метавон нукоти ҷолиби таваҷҷуҳи зиёде пайдо кард ва вобаста ба вазъу ҳол омӯзишу ташхис кард. Адабиётшинос ва мунаққиди барҷастаи тоҷик С. Табаров ҳамин масъаларо мадди назар қарор дода, таъкид карда буд, ки: «пажӯҳандагони эҷодиёти С. Айнӣ ба тарҷимаи ҳоли ӯ ҳаматарафа ошно нестанд»(Табаров С. Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ(1875-1899). –Душанбе: Матбуот, 2009. -С.2). Ин аст, ки устод Айнӣ нависанда, адиб, адабиётшинос, муаррих, донишманд ва мутафаккири миллист, ки миёни ҷаҳони кӯҳна (давраи амирсолорӣ) ва олами нав (замони ҳукумати Шӯроӣ) мунсифона доварӣ намуда, мушаххасоту муҳтавиёти расму маросим, одату эътиқод, маданияту маърифат ва тарзи зиндагии табақоти гуногуни иҷтимоии Бухорои амириро барои насли наврас ва ҷавони замони нав бозгӯ намуда, дар баёни матолиб ҳеҷ гоҳ ҳадди инсофро убур накардааст. Мушоҳида, диққат, дониш, биниш, завқу салиқа ва мунтаҳо, таҷриботи шахсии устод Айнӣ дар китоби «Ёддоштҳо» натиҷагирӣ шудааст. Муҳим он аст, ки устод Айнӣ бо зеҳни ҷӯёву пӯё, ҳунари мушоҳидакорӣ ва дақиқназарӣ ҷараёни воқеоту ҳаводиси замонро мушикофона пайгирӣ ва дар ин замина хомафарсоӣ карда, ҳаёти мардуми аморати Бухороро, ки худ ҷузъи он салтанати қафомондаи феодалӣ буд, бо мушоҳидакорӣ, дақиқсанҷӣ ва ҷиддияти ҳунарӣ муваффақона ба риштаи тасвири бадеӣ баркашидааст. Аз ин ҷост, ки «Ёддоштҳо» танҳо то нимаи аввали садаи бист (то солҳои 50-ум) ба 21 забони дунё пурра тарҷима

шуд(ниг.:Шукуров М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ. –Душанбе: Дониш, 1966. -С.9).

«Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ (1948-1954) асари ҷамъбастии нависанда буда(Асозода Х. Воқеият, сиёсат ва Айнӣ. –Душанбе: Шуҷоиён, 2010. -С.80), таҷрибаи ҳафтодсолаи таърихӣ, фикрӣ, сиёсӣ, адабӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии устодро дар бар гирифтааст. Дар ин хусус устод навиштааст: «Ин маълум аст, ки таҷрибаи ҳар кас, дар ҳар кор дар охирҳои кораш ба камол мерасад ва ин ҳам маълум аст, ки ҳеҷ кас охири умри худро ба тарзи қатъӣ намедонад. Аммо аз он ҷо, ки умрам аз ҳафтод гузашта, рӯз то рӯз сустии аъзоҳо зиёдтар гардида, қувваи кориам камтар шудан гирифт, ман тахмин кардам, ки вақти ба анҷом расонидани ин кор… расидааст» (Айнӣ С. Ёддоштҳо. –Қисмҳои 1-2. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1954. –С.5). Доираи мутолиот, диду мушоҳидот ва донишу таҷрибот кифоят кард, ки устод Айнӣ дар таърихи адабу фарҳанги муосири тоҷикӣ дар қолаби ёддошт асаре гаронмоя побарҷо гузорад(ҳарчанд он нотмом аст). «Ин аст, ки,-менависад айнишиноси маъруфи тоҷик М. Шакурӣ,- дар «Ёддоштҳо» на танҳо таҷрибаи ёддоштнависии Айнӣ, балки умуман, таҷрибаи роз ва пурҷӯшу хурӯши ин пири хирадманд, таҷрибаҳои адабии ин нависандаи номдор ҷамъбаст шудааст» (Шукуров М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ. –Душанбе: Дониш, 1966. -С.11).

Дар доираи «Ёддоштҳо» ба риштаи тасвири бадеӣ баркашидани маҷмӯаи масоили муҳимми иҷтимоӣ, сиёсӣ, фикрӣ, динӣ-мазҳабӣ, таълимӣ-тадрисӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ кори саҳлу осон набуд ва устод Айнӣ силсилаи мушкилоти мубрами рӯзгорашро дар ин асар батартиб баён дошта, насли ҷавонро ба вуқуфи комил пайдо кардан аз ҳаводиси таърихӣ ва дарёфти воқеияти таърихӣ раҳнамун сохт. Дар зимн, муҳаққиқон яке аз сабабҳои таълифи «Ёддоштҳо»-ро ин нукта донистаанд, ки чашми ҷавонон ба таърих ва ҳаводиси таърихӣ беҳтар кушода шавад (Раҷабӣ Маъруф. Тадқиқи таърих – тадқиқи характер. – Душанбе: Адиб, 1990. -С.66). Сабақи **таърихӣ ва дарси таърих гирифтан** (ниг.: Бекзода Комил. Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. –Душанбе: Дониш, 2012. -

С.394) аз воқеиятҳо ва ҳаводиси нангину фалокатбор нишонаи масъулиятшиносӣ ва фарҳангсолории мардум маҳсуб меёбад.

Муҳаққиқон таъкид кардаанд, ки устод Айнӣ ба воқеияти даврони амирсолорӣ то фарорасии Инқилоби Октябрии русӣ (соли 1917) баҳои сиёсӣ додааст(ниг.:Асозода Х. Воқеият, сиёсат ва Айнӣ. –Душанбе: Шуҷоиён, 2010.-С.40). Фаротар аз ин, устод бо диди густардаи худ дар қолаби насри бадей на танҳо ба масоили сиёсӣ, балки ба куллияи матолиби замон ва макони мушаххас (манзур Бухорои амирӣ аст) бархӯрди воқей-реалӣ ва таҳлилӣ-таҳкиқӣ кардааст. Ба назари устод Шакурӣ, «фикри амиқи замонӣ, чашмандози пурвусъати маънавию фалсафӣ шакли адабиётро тағйир медиҳад ва бадеияти нав ба он фикри муҳим, ба он ҷустуҷӯҳои маънавию фалсафӣ қувваи азиме ато карда, барои таъсири амалии эстетикӣ замина тайёр менамояд»(Шукуров Муҳаммадҷон. Мактаби одамият. – Душанбе: Адиб, 1991. -С.191). Бо таваҷҷуҳ ба ин, устод Айнӣ ба «он фикри муҳим» ва «қувваи азим» тамаркуз карда, ин ду иборати меҳварии адабӣ-бедеиро дар инсиҷом оварда, ба сарманзили ҳадаф – бедории фикрӣ ва маънавии хонанда расидааст.

Айнӣ ҳангоми тасвир ва баррасии мушкилоти замон ва беинзиботии аморат аз чеҳраҳои мунавварфикре мисли Аҳмадмахдуми Дониш, қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир, Исомахдум, Шарифҷонмахдум, Абдулмаҷиди Зуфунун, Яҳёхоҷа, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Абдулхоҷаи Таҳсин, Мирзо Азими Сомии Бӯстӣ, Азизхоҷаи Азиз, Ҳомидбеки Ҳомид, Мирзо Ҳаити Саҳбо, Шамсиддинмахдуми Шоҳин, Мулло Амон ёдовар шуда, муқовимати ҳадафмандонаи ононро ба муқобили зулму истибдод ва ҷаҳолату таассуби замон дар сатҳи баланди бадей ва маърифатӣ таҷассум намудааст. Яке аз қаҳрамонони маъруфи «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ Мулло Амон, ки ӯро метавон шахсияти ҷуръатманди мактаби равшанфикрии замон унвон кард, дар муқовимат алайҳи беинсофӣ, беадолатӣ, бетартибӣ, нодонӣ, ҷаҳолату хурофот ва таассуби мазҳабии ниҳоди ба истилоҳ, «муллоии амирсолорӣ»(нерумандтарин ниҳоди аморат муллоҳо маҳсуб меёфтанд, ки амир бевосита аз онҳо ҳимоят мекард) аз тамоми имконот истифода мекард. Устод Айнӣ дар

боби «Набераи Файзӣ-авлиё»-и «Ёддоштҳо» дар мавриди ин шахсияти ҷасури миллӣ (Мулло Амон аз деҳаи Розмози тумани Вобканди Бухоро буд) мушаххас ёдовар шуда, аз улуми мантиқ ва ҳикмат огаҳ будани ӯро таъкид карда, навиштааст: «Мулло Амон аз илмҳои мадраса бештарин ба мантиқ ва ҳикмат машғулӣ мекард, илмҳои диниро – Қуръон, ҳадис ва фиқҳро «инҳо илм нестанд, инҳоро ҳар кас метавонад омӯзад, чунки **ҳамагӣ** дар китоб навишта шудааст. Илм он аст, ки ақл дар вай кор кунад ва майдони фикрдавонӣ кушода шавад»(Айнӣ С. Ёддоштҳо(чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. –Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009.–С.491-492). Мулло Амон ҳассосияти пурқувват ва эҳтиросоти пуртуғён дошта (ниг.: Шукуров М. Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ. –Душанбе: Ирфон, 1973. -С.35), дар баробари беадолатӣ ва таассуби динӣ меҷӯшаду мешӯрад ва мехурӯшад. Чунин шахсиятҳо, ки дар мактаби фикрию эҷодии Аҳмадмахдуми Дониш мунсаҷим шуда буданд, муфассал дар боби «Шарифҷон-махдум ва ҳамсуҳбатони ӯ»-и қисми сеюми «Ёддоштҳо» зикр ёфтаанд»(ниг.:Айнӣ С. Ёддоштҳо(чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. –Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009.–С.268-284). Устод Айнӣ дар муҳити Бухоро Аҳмади Донишро ба унвони раҳбари инқилоби илмӣ, адабӣ, иҷтимоию сиёсӣ ёд карда (Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. –Душанбе: Адиб, 2010. –С.200), дар чо-чои осораш, мувофиқи мақсад ва муносиби ҳол аз ӯ ҳамчун равшангар ва маорифпарвари беназир тамҷид намудааст. Мушаххасоти ниҳоди равшанфикрии миллӣ, ки раҳбараш Аҳмади Дониш буда, дар «Ёддоштҳо» батафсил дарҷ гардидааст, бояд имрӯз ҷиддӣ омӯхта шавад ва таҷрибаи муқовимати фикрӣ ва сиёсии он ба муқобили хурофоту таассуби динӣ-мазҳабии давр ҳоло ҳам дархӯр ва омӯзанда аст.

Бо ҷиддият метавон тазаккур дод, ки имрӯз, бо назардошти вазъи геосиёсии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ талабот ба мутолиа ва омӯзиши бардавоми осори устод Айнӣ, махсусан «Ёддоштҳо» ба миён омадааст. Чаро омӯзиши осори Айнӣ, бавижа «Ёддоштҳо» имрӯз ба зарурати таърихӣ, сиёсӣ, мафкуравӣ ва фарҳангӣ табдил ёфтааст? Чунки раванди ҳаводиси таърихӣ ва сиёсию

фарҳангии охири садаи бист ва ибтидои асри бисту як дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон собит кард, ки аксари намояндагони ниҳодҳои гуногуни фикрӣ, иҷтимоӣ, маърифатӣ, сиёсӣ ва фарҳангии маҳдудаи миллӣ, бо он ки имконоти зиёди фаннию иттилоотӣ доранд, дар банди хурофоту таассуб гирифторанд ва дар рафъи мушкилот ва буҳронҳои бамиёномада на танҳо кумак намекунанд, балки дар бисёр мавορид садди роҳи хирадгаройӣ ва фазилати ҷамъӣ, ки аз мабонии аслии низоми демократӣ ва мардумсолорӣ маҳсуб меёбанд, мешаванд. Албатта, иддае аз зиёиёни пешқадами мо аз мутолиоти фаровони адабиёти илмӣ-таҳқиқӣ ва назариёти донишмандони минтақавию ҷаҳонӣ бархӯрдоранд, вале, ғолибан макони санҷишу эксперименти онҳо фазои берунӣ аст, на муҳити дохилӣ. Бинобар ин, татбиқи назариёти сиёсӣ, геосиёсӣ, мафкуравӣ, ҷомеашинохтӣ, равоншиносӣ, равонковӣ, фалсафӣ, таърихӣ ва амсоли инҳо дар маҳдудаи маконию замонии миллӣ бояд сурат бигирад. Манзур ин аст, ки фазои татбиқи назариёти фавқи урупоиро метавон дар китобҳои устод Айнӣ, бахусус «Ёддоштҳо» пайдо кард ва масири ҳаракати фикрӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, мафкуравӣ, ахлоқӣ, равонӣ ва фарҳангии миллиро дуруст шинохт.

Шояд аксари зиёиён китоби «Ёддоштҳо»-ро хонда бошанд, вале инсон ҳар қадар солмандтар мешавад, ҳамон қадар таҷриба пайдо мекунад ва бо пайдо кардани таҷриба ва муҷаҳҳаз шудан бо дониши наву иттилооти тозаи илмию фаннӣ аз назари фикрӣ тағйири сифатӣ меёбад ва тағйироти сифатӣ биниши ӯро таҳкиму тавсеа мебахшад. Ин аст, ки ба матолиб бо дид ва нигоҳи тозатар, ки аз зиндагӣ, мушоҳида ва таҷриба бардошт кардааст, бархӯрд менамояд. Аз ин рӯ, мутолиаи бардавоми «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ ба хонандаи закӣ ва муфаккир бардошти нав ба навро аз зиндагӣ, муҳит, фазо ва воқеияти замону макони гузашта ато фармуда, қудрати гирифтани тасмимоти ҷиддиро дар баробари мушкилоти гуногун як бар даҳ меафзояд. Набояд фаромӯш кард, ки Айнӣ ҳам баъди мутолиаи «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш аз назари фикрӣ тағйир кард ва ба мушкилоти иҷтимоии замон вуҷудан пай бурд. «Аммо, вақте ки ман он аҳволи **фалокатиштимолро** дар

мундариҷоти «Наводир-ул-вақоеъ» бо тасвири реалӣ – бо тасвире, ки худ дар зиндагӣ дида будам, дидам, - навиштааст устод Айнӣ,-ба ман ҳолати дигар рӯй дод. Ман дар дили худ гуфтам: «Ин аҳволро ислоҳ кардан лозим аст, модом ки ман ислоҳ карда наметавонам, аз вай нафрат кардан зарур аст»(**инқилоби фикрӣ кам ҳам бошад, дар ман ана дар ҳамон вақт рӯй дод**)»(ниг.: Айнӣ С. Ёддоштҳо(чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. –Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009.–С.548). Шинохти «аҳволи фалокатиштимол»-и Бухоро, ки бар пояи зулму истибдоди амирӣ ва сардамдорони он --- амир, қозӣ, муфтӣ, миршаб, амлокдор, мулло, имом ва амсоли онҳо бунёд ёфта буд, имрӯз ҳам дар симои созмону ҳаракатҳои террористию экстремистии динӣ-мазҳабӣ ҷомеаи мо ва умуман, ҷавомеи ҷаҳониро ҷиддӣ таҳдид мекунанд. Бар мабнои ин, шинохти хасоиси ҷаҳл, таассуб ва хурофот, ки дар ҳар давру замоне аз худ асари беадолатӣ, беинзиботӣ, беназмӣ, беазмӣ, беиродагӣ, бегонасолорӣ, бешахсиятӣ ва билохира беҳувиятӣ мегузоранд, беш аз пеш дар китоби «Ёддоштҳо»-и Айнӣ ба таври равшану нишонрас баён ёфтаанд.

Мубориза бар зидди хурофоту таассуби динӣ-мазҳабӣ, ки хашинтарин навъи андешаи башарист, хатти марказӣ ва меҳварии «Ёддоштҳо»-и устод Айниро ташкил медиҳад. Ин аст, ки мутолиаи бардавом ва ҷиддии асар барои тамоми табақоти иҷтимоӣ, бавижа элитаи сиёсӣ, роҳбарони муассисаву ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ, масъулини сохторҳои фарҳангию маърифатӣ ва дар маҷмӯъ, интеллигенсияи миллӣ имкон медиҳад, ки фазо ва муҳити имрӯзӣ, ки, мутаассифона, тадриҷан ба сӯйи хурофоти асримиёнагӣ тамоюл пайдо карда истодааст, дуруст мушаххас гардад ва дар заминаи шинохт ва ташхиси авомили айнӣ ва зеҳнӣ(объективӣ ва субъективӣ)-и ҳаводиси замонию маконӣ роҳи минбаъдаи тараққиёту таҳаввулоти иҷтимоӣ, фикрӣ, сиёсӣ, равонӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ интихоб ва устуворона паймуда шавад.



**Назрӣ АСАДЗОДА**
*ҷомеашинос*

## ЯК ДАВОИ ҚАВӢ БАРОИ СЕ НУҚТАИ ЗАИФ

Мо бояд нуқтаҳои заиф ва осебпазири ҷомеаи худро донем. Иқрор мебояд шуд, ки миллати мо тӯли қариб ҳазор сол аз лиҳози сиёсӣ ва идеологӣ пароканда буд. Айни замон мо дар бахши кӯчаке аз ватани аҷдодӣ давлати миллиеро бо номи Тоҷикистон бунёд кардаем ва дар ин қаламрав феълан ваҳдати сиёсии миллатро ба вуҷуд овардаем. Аммо бояд донист, ки ваҳдати сиёсӣ бидуни ваҳдати идеологӣ наметавонад устувор ва чандир бошад. Дар ҳолати мавҷуд набудани ваҳдати идеологӣ яқинан ваҳдати сиёсӣ заиф ва зудшикан хоҳад буд. Айни замон мушкилоти асосӣ ва нуқтаи заифтарини миллии мо ҳам маҳз дар ҳамин аст. Набудани ваҳдати идеологӣ омили хатарзоест, ки ҳатто бидуни таҳрики манфиатҷӯёни хориҷӣ ҳам метавонад бунёдсӯз бошад.

Набудани ваҳдати идеологӣ ва ғоявӣ дар ҷомеаи мо аслан бо таъсири се омил ва мушкилот ба вуҷуд омадааст. **Омил ва**

**мушкили аввал** ин аст, ки арзишҳои меҳварии ҷомеаи мо аслан на миллӣ, балки диниву мазҳабианд. Боиси таассуф аст, ки мо ҳанӯз зарару хатари ин мушкилотро ба таври воқеӣ дарк накардаем. Сабаби асосии зиллату худбохтагӣ ва бегонапарастии миллати мо ҳам дар ҳамин буд, ки тӯли бештар аз ҳазор соли охир тадриҷан маниш ва арзишҳои миллии мо тағйир ёфтанд.

На фақат омма, балки ҳатто зиёиёни ҷомеаи мо низ нисбати арзишҳои миллӣ, мутаассифона, муносибати бетафовутонаву бетарафона ва ҳатто баъзан манфӣ доранд, ки ин бисёр ташвишовар ва номатлуб аст.

Арзишҳои меҳварии ҷомеаи мо бояд маҳз арзишҳои миллӣ бошанд, на арзишҳои мазҳабӣ. То замоне, ки мо ин меҳварро дигар накунем, гардиши равандҳои сиёсии дохилӣ барои бақои давлатдории мо созгор нахоҳад буд.

Ислом аз замони ташаккули худ (бо ихтилофҳои хуношоми халифаҳои рошидин) то кунун (бо фоҷиаҳои маргбори Сурияву Ироқ ва Афғонистон) сарнавишти пурмоҷарое дошту дорад. Бояд иқрор шуд, ки ин ихтилофҳои сиёсӣ дар ҳавзаи давлатҳои исломӣ дар замони гузашта ва ҳозира аслан аз ихтилофҳои идеологии шадиду оштинопазири усулие сарчашма гирифтаанд, ки дар ҷавҳари ислом нуҳуфта аст. Мавҷудияти мазҳабҳову фирқаҳо ва равияҳои мутааддиди оштинопазир дар ислом боиси тафриқаангезӣ ва пайдоиши ҳизбҳову наҳзатҳои мухталиф, минҷумла гурӯҳҳои ифротгаро гардидаанд, ки ин ҳама дар навбати худ омили низоъҳои сиёсии бардавому беанҷоми хуношом мебошанд. Махсусан низоъҳои шадиди байни пайравони мазҳабҳои сунниву шиа, ки дар тамоми тӯли мавҷудияти дини ислом бо гузашти беш аз 1400 сол ҳанӯз ҳам анҷом наёфта, баръакс шадидтар мешаванд, далели он аст, ки дар кишвари мо дар заминаи меҳварӣ будани арзишҳои диниву мазҳабӣ ва динсолорӣ наметавон ваҳдати воқеии идеологӣ ва сиёсиро ба даст овард. Махсусан агар ба назар гирем, ки неруҳои манфиатҷӯи байналмилалӣ аз ин нуқтаи заифи ислом, яъне ихтилофҳои дохилии он ба нафъи худ ҳамеша истифода мекунанд ва омодаанд, ки ин оташи нуҳуфтаро ҳамчун василаи

барангехтани низоъҳои бунёдсӯз ҳар чӣ бештар аланга дода, дар он ҳаёти ҳазорҳову миллионҳо нафарро ҳамчун ҳезуми тар бисӯзанд ва ба ин восита бозори манфиати худро гарм намоянд.

Аз ин рӯ дар ҷомеаи гуногунмазҳаби мо ҳангоми меҳварӣ будани арзишҳои исломӣ, ки дар ҷавҳари худ ихтилофҳои шадиду оштинопазири идеологӣ доранд, наметавон ба ваҳдати воқеии идеологӣ ноил шуд.

**Омили дуввуме**, ки садди роҳи ба даст овардани ваҳдати идеологиву сиёсӣ ва дар маҷмӯъ, ваҳдати воқеии миллии мост, ин ангезаи маҳалпарастӣ аст. Омили мазкур на танҳо дар ин самт, балки дар самти истифодаи фарогири захираҳои зеҳнӣ ва ҳатто табиии миллӣ низ таъсири номатлуб дошт ва дорад. Мафҳуми маҳалпарастӣ бо мафҳуми маҳалсолорӣ ҳамеша робитаи мустақими маъноӣ дошта ба он роҳ мекушояд. **Мавҷудияти ин омил ҳамеша монеъи таҳкими ҳокимияти мутамарказ мебошад.** Таърих гувоҳ аст, ки маҳз ҳамин омил боиси заволи бисёр давлатҳои муқтадир гардидааст. Бо назардошти муқаррароти илми низоъшиносӣ ва ҳамчунин арзёбии низоъҳои сатҳи минтақа ва ҷаҳон метавон натиҷагирӣ кард, ки ин омил аз ҷониби субъектҳои сиёсӣ ва бо назардошти манфиатҳои онҳо метавонад ҳамчун абзори низоъ ва барҳам задани ваҳдати ҷомеа дар ҳудуди объектҳои сиёсӣ мавриди истифода қарор гирад. Боиси таассуф аст, ки ин ангеза дар ҷомеаи мо бинобар сабаби мавҷуд набудани фазои мусоиди иҷтимоӣ ва тарбиятӣ ҳанӯз ҳам хеле қавӣ аст.

Шахсони таҳсилдидаву шинохта ва кормандони давлатии маҳалҳову минтақаҳо на фақат дар сатҳи сохторҳои давлатии маҳаллӣ, балки ҳатто ҳангоми ҷалб гардидан ба сохторҳои марказии давлатӣ низ ба тариқи пинҳону ошкоро дар андешаи татбиқу роҳандозии ҳадафҳо, яъне сиёсати маҳаллии худ мебошанд. Ин гуна ашхос бо ифои вазифа дар сохторҳои давлатӣ ба масъалаҳо на аз дидгоҳи манфиати умумимиллӣ ва мавқеи давлатӣ, балки аз равзанаи танги манфиатҳои маҳаллии худ менигаранд. Аслан онҳо барои чунин тарзи тафаккур ва фаҳмиши маҳдуди маҳаллӣ доштан худ гунаҳкор нестанд. Сабаби ин гуна шакл гирифтани тафаккури онҳо

маҳз муҳити бемеҳвари таълимиву тарбиятӣ дар ҷомеаи мост. Низоми таълиму тарбия дар тамоми сатҳҳои муассисаҳои таҳсилотӣ ва муҳити хонаводагии мо, мутаассифона, меҳвари миллӣ надорад. Аз ин аст, ки афроди ҷомеаи мо ҳатто дар мавриди дуруст таҳсил кардан ва ҳамчун мутахассиси хуби соҳа ба воя расидан ҳам, мутаассифона, ағлабан як ватанпарасти асилу воқеӣ буда наметавонанд. Ҳангоми таълиму тарбия дар зеҳни афроди миллат арзишҳои умумимиллӣ ҳамчун арзишҳои меҳварӣ ва аслӣ ҷойгузин карда намешаванд. Дар зеҳни намояндагони маҳалҳову минтақаҳои мухталифи кишвари мо ангезаҳои маҳаллӣ хеле қавитар аз ангезаҳои миллист. Ҳангоми бархурди манфиатҳои миллӣ ва маҳаллӣ дар сатҳи мардуми маҳал ҳамеша манфиатҳои маҳаллӣ афзал дониста шуда манофеи миллӣ ба эътибор гирифта намешаванд.

То ин ҳад қавӣ будани ангеза ва омил (фактор)-и маҳаллӣ дар ҷомеаи мо куллан ба нафъи ваҳдати миллии мо нест. Барои нерӯҳои манфиатҷӯи байналмилалӣ ва саҳнасозони бозиҳои геосиёсии ҷаҳон, ки баҳри амалӣ кардани ҳадафҳои худ ҳатто мушкилоти набударо ҳам метавонанд офаранд, мавҷуд будани ин гуна омилҳои ҷиддии ташаннуҷу низоъ дар кишвари мо ба масал «оши пухта»-ро мемонад. Маҳз бо истифода аз ҳамин ду омили фавқуззикр онҳо тавониста буданд, ки дар солҳои 90-уми асри гузашта ба осонӣ дасти моро дар гиребони якдигар гузоранд.

Ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари мо зуҳуроте буд, ки моҳияти ин масъаларо ба таври бисёр возеҳ бозгӯ кард. Аз ин рӯ вақте ки Ғарби исломситез аз ТЭТ ҲНИТ ҳимоят мекунад, мо набояд дар такя ба мантиқи сатҳиву содалавҳонаи худ дар ҳайрат афтем ва аз тааҷҷуб китф дарҳам кашем.

Аз ҷониби гурӯҳҳои ҷудоихоҳ омезиш додану сӯиистифода кардани ин ду омили ташаннуҷ, яъне хурофотпарастии мазҳабӣ ва маҳалсолорӣ, ки ҳар ду дар ҳамбастагӣ ба нерӯи қавии тахрибкор табдил мeёбанд, дар воқеъ барои ояндаи давлатдории миллии мо метавонад хавфи бисёр ҷиддиеро ба вуҷуд оварад. Аммо набояд тасаввур кард, ки таҳдиди ин хавф фақат бо назардошти назарияи эҳтимолият имкон дорад. Дар таърихи кӯтоҳи даврони соҳибистиқлолии кишвар дар амалия

низ аллакай чунин хавфи ҷиддӣ доштани омезишу ҳамоиши ин ду неруи тахрибкор мушоҳида гардидааст.

**Омили сеюми** худбохтагии миллати мо дар инсонгароии тахайюлӣ ва пайравӣ ба ғояҳои шабеҳи космополитизм ва интернатсионализми таҳмилӣ аст.

Ин дидгоҳ ва тарзи андеша агарчанде мисли ду омили аввал дар байни афроди ҷомеаи мо таъсири фарогир надошта бошад ҳам, аммо наметавон аз мавҷудият ва асаргузории он сарфи назар кард.

Дар тӯли таърихи гузаштаи дуру наздик аҷнабиён бо ғояҳои диниву ирфонӣ ва сиёсӣ аз мо ва чун мо миллатҳои худбохта гоҳе "миллати исломӣ" сохтан мехостанду гоҳе "инсонҳои комили вораста аз кулли тааллуқоти дунявӣ" ва гоҳе "инсони шӯравӣ", то ин ки ба ин васила мағзҳои моро бишӯянд ва ғурури ватандориву ҳувият ва худшиносии миллии моро аз байн бубаранд.

Таърихи дирӯзу имрӯзи ҷаҳон ин воқеиятро барои мо ошкор месозад, ки миллатҳои ҳукмрону қудратманд ҳамеша ҳушёрона аз тарғибу талқини ғояҳои космополитизм ба нафъи худ истифода мебурданд. Бо тарғиби чунин ғояҳои зоҳиран башардӯстона аслан ҳадафи онҳо ҷилавгирӣ аз худогоҳиву худшиносии миллӣ ва истиқлолияти сиёсии халқҳое буд, ки зери нуфузашон қарор доштанд.

Айни замон низ аз ҷониби миллатҳои манфиатдору манфиатҷӯ таблиғи ғояҳо ва афкори ба он монанди фиребо дар шаклҳои гуногун ва бо шеваҳои мухталиф идома дорад. Онҳо барои таблиғи чунин ғояҳо кӯшиш мекунанд, ки қаблан аз табақаи рӯҳонӣ ва зиёиёни ҷомеа истифода намоянд. Дар шароити муосир шеваҳои ҷадиди таблиғи чунин ғояҳо бо сӯистифода аз мафҳумҳои "демократия", "ҷомеаи шаҳрвандӣ", "гуманизм", "интернатсионализм" ва амсоли инҳо тавассути созмонҳои байналмилалӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ҳуқуқшиносон ва ҳатто кормандони хидмати давлатӣ мушоҳида мегардад.

Феълан бояд ба ин суол посух гӯем, ки барои заиф кардан ва тадриҷан аз байн бурдани таъсири ин се омили номатлуб, яъне таассуби динӣ, маҳалсолорӣ ва интернатсионализми

таҳмилӣ корро аз чӣ шурӯъ бояд кард? Албатта, барои аз бунёд барандохтани ин омилҳо ва ба таври фарогир бартараф кардани ин зуҳурот зарурат дорад, ки дар ҳамаи самтҳо ва ба вижа самтҳои сиёсиву иҷтимоӣ ба тарзи барномавӣ корҳои назариву амалӣ анҷом дода шаванд, аммо феълан ҳадди ақал дар самти маориф бояд ҳар чӣ зудтар ва фарогиртар корҳои тарбиятӣ барномарезӣ шуда татбиқи он шурӯъ гардад. Аз равзанаи маориф метавон якбора ба ҳар се нишонаи мазкур тир зад ва бо як талош, яъне тарбияи фарди донишманди дорои ғояи милливу тафаккури давлатӣ ин ҳар се мушкилотро аз миён бурд.

Ба шахсе, ки дорои ғояи милливу тафаккури давлатист ва ба арзишҳои миллӣ ҳамчун ба арзишҳои меҳварии ҷомеа эътиқодманд аст, табиист, ки наметавонад афкори мутаассибонаи диниву мазҳабӣ, ё ақидаҳои ҷудоихоҳонаи маҳалсолорӣ ва андешаҳои ҷаҳонмеҳаниву интернатсионализми таҳмилӣ таъсиргузор бошад.

Барои заиф кардан ва тадриҷан аз байн бурдани таъсири омилҳои номатлуби мазкур қабл аз ҳама бояд ба фароҳам овардани муҳити мусоиди тарбиятӣ эътибор дод. Дар ин самт бояд иқрор шуд, ки ҳанӯз услуби мушаххаси пешбурди кор муайян нашудааст.

Барои ба воя расонидани наврасону ҷавонон ҳамчун фарди дорои мафкура ва мавқеи милливу давлатӣ на фақат дар раванди 11-солаи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, балки ҳатто тӯли 4-5 соли таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар низ кори мушаххасу муассир ва натиҷабахши барномавие ба анҷом расонида намешавад. Аз ин аст, ки на фақат мардуми оддӣ, балки ҳатто зиёиёну хидматчиёни давлатӣ низ бо вуҷуди таҳсили бардавоми 15-16 сола ҳанӯз ҳам наметавонанд ҳамчун фарди дорои андешаи миллӣ ва мавқеи давлатӣ ба воя бирасанд.

Чунонки дар навиштаҳои қаблӣ таъкид шуда буд дар низоми маориф бояд ба хотири ташаккули ҷаҳонбинии густурдаи насли наврас омӯзиши фанҳо бо назардошти робитаи мутақобилаи моҳиятии онҳо беҳтар аз пештар ба роҳ монда шавад, зеро таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи

умумиву олии кишвар ва ҳатто омӯзгорони мо агарчи доир ба фанҳои мухталиф маълумоти муайян доранд, аммо ин маълумотро, мутаассифона, аксаран дар зеҳни худ дар шакли парокандаву бенизом ҳифз карда, онҳоро ба ҳам робитаи таҳлилӣ ва моҳиятӣ дода наметавонанд. Онҳо маълумоти зиёди илмӣ доранд, аммо дар амри ба ҳам рабт додани маълумот ва дарки илмии ягонагии ашё ва воқеаҳо мушкилӣ мекашанд. Аз ин аст, ки дар ҷомеаи мо ҷаҳонбинии дурусти фалсафӣ ва илмӣ ба қадри кофӣ ташаккул наёфтааст. Мо толибилмонро бо донишҳои фаннии мухталиф мусаллаҳ менамоем, аммо дар зеҳни онҳо ин донишҳоро ҳамчун як низоми тому мукаммал ба ҳам алоқаманд наменамоем. Илова ба ин интишори иттилоот ва маълумот ҳангоми таълим, мутаассифона, ҳадафмандона сурат намегирад. Аз ҷониби омӯзгорон ғолибан маълумот бидуни ҳадафи муайяни идеологиву сиёсӣ ба таври пароканда ба арзи муҳассилин расонида мешавад. Мо муҳассилинро ҳаддалимкон бо улуми муосир мусаллаҳ мекунем, аммо ҳадафро нишон намедиҳем. Мо онҳоро роҳ рафтан меомӯзем, аммо самти ҳаракатро наменамоем ва иршод намекунем. Аз ин аст, ки ғолибан он нерӯҳоеро, ки мо омода кардаем, дигарон таҳрик медиҳанд ва ба нафъи худу ба зарари мо истифода мекунанд. Барои бартараф кардани ин мушкилот омӯзгорон ва алалхусус масъулини самти идеологӣ бояд дастурамали махсуси корӣ дошта бошанд. Ҳатто аксарияти омӯзгорони фанни таърих ва гузашта аз ин масъулини осорхонаҳову мамнуъгоҳҳои таърихӣ низ иттилооти таърихиро бидуни ҳадафҳои идеологӣ ва созгории он бо ғояҳои миллӣ мавриди корбурд қарор медиҳанд, ки ин аслан ба набудани дастурамали мушаххаси умумӣ дар самти пешбурди корҳои идеологӣ марбут аст. Ҳол он ки қишри мазкури ҷомеа аслан бояд идеологҳои давлат бошанд.

Феълан мо ниёз ба он дорем, ки ҳама афроди ҷомеаи мо афроди ҳадафманд бошанд. Ҳадафҳо ва мақсадҳои созандае дошта бошем, ки ҳамаи моро сарҷамъ кунад, тору пуди миллат ва ҷомеаро ба ҳам орад, моро неруву тавон ва такон бахшад, тамоми нерӯҳои зеҳниву иқтисодии ашхос ва минтақаҳои кишварро ҳамсамту ҳаммаҷро созад ва дар маҷмӯъ ҷомеаи моро муқтадир ва рақобатпазир кунад.

**Тарбияи афроди ҷомеа ва махсусан, насли ҷавону навоини миллат дар ин рӯҳия вазифаи муҳимтарини аҳли маориф аст. Аммо бояд иқрор шуд, ки барои чунин наслро ба воя расонидан ва "истеҳсол" кардан ҳанӯз "қолабҳои истеҳсолӣ"-и мо, яъне тарбиятдиҳандагони мо омода нестанд. Барои дар рӯҳияи миллӣ ба камол расонидани тарбиягиранда бояд қабл аз ҳама худи тарбиядиҳанда чунин рӯҳия дошта бошад. Аз ин рӯ коркарди услуби тарбияи шахсияти миллӣ қадами аввалест, ки дар ин ҷода бояд гузошта шавад. Дар тамоми низоми соҳаи маориф, аз кӯдакистон то муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар бояд талқини ғояи миллӣ ва тафаккури давлатӣ ҳамчун хатти меҳварии тарбиятӣ доимо дар мадди назари ҳар як тарбиядиҳанда қарор дошта бошад. Барои анҷом додани чунин кор қабл аз ҳама ҳар як омӯзгорро огоҳ ва омода бояд кард. Арзишҳои меҳварии омӯзгорони мо бояд арзишҳои милливу давлатӣ бошанд, на арзишҳои диниву мазҳабӣ ва маҳалсолорӣ. Қабл аз ҳама ба ҳар як омӯзгор бояд омӯхт, ки мавқеи давлатӣ, манфиати миллӣ ва арзишҳои меҳварӣ чист. Бидуни ин огоҳӣ ва омодагии омӯзгор корро дар ин самт наметавон шурӯъ кард.**

Албатта, набояд бар он ақида буд, ки пешбурди умури мазкур ва, умуман, раванди ҷомеасозӣ масъулиятест, ки бояд фақат бар дӯши аҳли маориф гузошта шавад. Барои татбиқи босуръати ин ҳадафи умумимиллӣ зарур аст, ки аз тамоми нерӯҳои зеҳнӣ ва имконоти амалии сохторҳои давлативу ҷамъиятӣ, ба вижа бахшҳои идеологии сохторҳои давлатӣ, садову симо, ВАО, Иттиҳодияи киноматографистон, Иттифоқи нависандагон, иттиҳодияҳои динӣ ва дигар сохторҳову ниҳодҳои марбута ба таври барномавӣ, ҳадафмандона ва пурсамар истифода гардад.

Он андешае, ки моро ҳамсамту ҳамтариқ мекунад, ғояи миллӣ ва тафаккури давлатист, мавқеи ақидатӣ ва амалиест, ки мо ба ҳама равандҳову амалҳо ва масъалаҳои иҷтимоиву инфиродӣ ва ҳатто шахсии худ аз он ҷойгоҳ ва дидгоҳ бояд назар кунем ва ба онҳо бо назардошти мавқеи давлат ва манфиати давлат баҳо диҳем. Ҳамзамон фаъолияти шахсии худро на танҳо ба таври назариявӣ, балки дар амалия низ тибқи ин манфиатҳо бояд ба роҳ монем ва аз дигарон низ онро тақозо

кунем, яъне худ ва дигаронро чун як ҷузъи дастгоҳи давлат барои ҳифзи манфиатҳову арзишҳои миллӣ ва рушди ҷомеа масъул донем.



## ҶАҲОН АЗ НИГОҲИ ДИГАР

### ШЕЪР ДАР ҲАЛҚАМ БИМИРАМ

*(Мусоҳибаи ихтисосӣ бо шоири шаҳир устод Бозор Собир)*

*Дар арафаи зодрӯзи Устод Бозор Собир, шоири шаҳири тоҷик, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ин мусоҳибаро дар бораи масоили шеъру шоирӣ анҷом дода,*

*умедворем, ки андешаҳои устод хонандаи нуктасанҷи тоҷикро ба уфуқҳои хаёлангези нави сухан раҳнамун месозад.*

**– Аз нигоҳи Шумо муносибати мардум ба адабиёт дар давраи Шӯравӣ ва имрӯз чӣ гуна аст?**

Аналогичные постулаты, только несколько в «диалектизированной» форме, мы встречаем у Бедиля. Но Бедиль в отличие от других сторонников «вахдати вуджуд» во все эти аргументы вносит чрезвычайно важное дополнение. Прежде всего он сторонник эволюционной теории происхождения вселенной.[45] Эволюция совершается согласно принципу «имтийяз» - «индивидуализации», имеющей место в сфере материального мира. Она представляет собой лишь процесс рождения индивидуализированного духа из лона материи.

Согласно Бедилю, чем выше органическая жизнь на лестнице восхождения, тем ярче проявляется индивидуальность живых существ. Своей кульминации принцип индивидуализации достигает в человеческом облике, Последний выступает «неповторимым» объектом по двум противоположным параметрам - физическим и психическим. Но существенное то что, по мнению Бедиля, усилие Перворазума, от которого исходят процессы эманации и индивидуализации, направлено к «поднятию» индивидуального «Я» до все высших форм. Человек – не заверщающий этап в цепи эволюции; он не отделен от «крыши неба толстым покрывалом, и решительным шагом может вырваться из своей низшей формы и оказаться на пороге высшего начала. Следовательно, неуловимая грань отделяет его от бощественной сущности».[46] Индивидуальность человека, согласно Бедилю, - врожденное явление. Это врожденность, т.е. индивидуальное своеобразие психофизиологии, и есть результат предшествующей (танасухи рух) жизни индивида, следствие его нравственно-психических деяний.[47]

Таким образом, идеи о «божественной природе единичного

[44] Абдулкадыр Бедиль (1644-1721) таджикский мыслитель и поэт, крупнейши представитель «мистического монизма» в суфизме.
[45]См.: Гегегль В.Ф. Философия духа: Энциклопедия философских наук. – М., 1977, Т.3. – С.400.
[46]См.: Бертель Е.Э. История литературы и культуры Ирана. – М., 1988. – С.343-372.
[47] Мирзо Абдулкадыр Бедиль. Куллиёт. – Бомбей, 1881. Газели. – С.160.

человека и «равноправии индивидуумов» с позиции их гармонической целостности на пути постижения высшего разума у Бедиля и Руми, как и других представителей «вахдати вуджуда», были направлены против всякого учения о пророчестве и миссии только отдельного избранного пророка в религии.[48] Не без оснований в учении наиболее прогрессивных суфийских мыслителей категория «инсон» выступает как ограничитель божественной воли. Иными словами, «инсон», или «шахс», благодаря разуму волень в своих действиях, тем самым может ограничивать «божественное предопределение», решая сам свою судьбу. Представители суфизма, как отмечает востоковед Ф.Роузентал, рассматривали «…себя прежде всего как ilm – «систематизированное знание и нечто еще, например, гносис и озарение».[49]

Следует отметить, что монистические идеи названных суфийских доктрин нередко приводили своих изобреталелей к логике рационализма в учении о человеке, но ограниченные рамками времени, они, естественно, были далеки от почвы ограниченного мировосприятия. Однако, обращает на себя внимание тот факт, что вне рамок атомического учения мыслителей как на Западе, так и на Востоке (за исключением итальянских гуманистов) интересовала отнюдь не конкретная индивидуальность в ее целостности, а либо ее дух, либо её телесная субстанция. Именно это имел ввиду И.И.Резвицкий, когда, характеризуя философскую ситуацию раннего средневековья, в свое время отметил, что «…преодолеть разрыв субъекта и объекта, индивидуального и универсального философы так и не смогли…».[50] Так получилось вследствие того, что «…либо наполняли субъект объективным содержанием, либо выводили объективную действительность из глубин индивидуального сознания».[51] Тем не менее дискуссия о природе индивидуальности человека в рамках классического учения «О душе» в пределах монистических и плюралистических доктрин ранней средневековой Европы помимо различных антропологических экстраполяций

[48] Там же. Чор унсур. – С.9.
[49] См.: Одилов Н. Мировоззрение Джалалиддина Руми. – Душанбе, 1974.
[50] Роузенталь Ф. Торжество знания. – С.192.
[51] Резвицкий И.И. Личность. Индивидуальность. Общество. – М., 1984. – С.10. Но этот вывод, на наш взгляд, правомерен в рамках европейской философской традиции.

подготовила почву и для теоретического обоснования методологического статуса принципа индивидуализации реализмом и номинализмом.[52]

[52] Там же. – С.10-11.



**Комил БЕКЗОДА**
*файласуф*

# ОЁ ТОҶИКОН ФАЛСАФАИ МИЛЛӢ ДОРАНД?

*(Таҳқиқи таърихӣ–фалсафӣ)*





**Аҳуромаздо** **Аҳриман**

**Аҳуромаздо**–Худои некиҳо ва **Аҳриман -** Худои бадиҳо аз рӯйи як ривояти ориёии қадим дар як вақт аз як модар зода шудаанд. Модари ҳар дуи онҳо Зарвон, яъне "Замон" ном доштааст. Ҳарду сурати дар боло омада, симои рамзии Аҳуромаздо ва Аҳриманро бо чеҳраи инсонӣ тасвир мекунад.

***

Хулосаи баҳси мо дар мавзӯи: «Фалсафаи асили халқи тоҷик кадом аст?» иборат аз ин нукта мебошад, ки фалсафаи асили

халқи тоҷикро фалсафаи дуализм ташкил медиҳад. Бо ин чанд далел:

**Якум:** Дуализм ҷаҳонбинии фалсафиест, ки падидаҳои оламу одамро дар саҳнаи вуҷуд ҳамеша дар таҳаввулу тағйирот мебинад. Дуализм ба забони фаҳмо ва таъбире равшан ба маънои ҳамкорӣ ва ҳамзистии одам бо олам аст. Яъне ин фалсафа ду асоси реалӣ дорад: Якум: Ҷаҳон; Дуюм: Инсон; Шарти асосии вуҷуди чунин фалсафае вуҷуди Инсон аст. То вақте ки дар Кайҳон Инсони оқил вуҷуд надошт, фалсафаи дуалистӣ ҳам пайдо нагардид. Инсон ба вуҷуд омад ва фалсафаи дуалистӣ ҳам зуҳур намуд. Бо нест шудани одамӣ аз саҳнаи вуҷуд,фалсафаи дуалистӣ низ аз байн меравад.

Фалсафаи дуалистӣ дар бомдоди зиндагии башарӣ дар ҳамаи таълимотҳои қавму миллатҳои ҷаҳон каму беш вуҷуд дошт. Вале дар минтақаи Ориё (Эронвиҷ) ба сабабҳои муайяни ҷуғрофӣ, динӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ фалсафаи дуалистӣ ба шаклу қолаби расмӣ дохил шуд. Дар таърихи минбаъдаи фалсафаи ҷаҳонӣ ин ҷаҳонбинӣ дар шакли дуализми зарвониву зардуштӣ арзи вуҷуд намуд. Дар марҳалаи исломии таърихи фарҳанги мо, фалсафаи дуалистӣ дар шакли пинҳонӣ дар таълимоту ақоиди динӣ, сиёсӣ ва фалсафии монавӣ, маздакӣ, ирфонӣ, тасаввуфӣ, ишроқӣ, шуубӣ, шиӣ, исмоилӣ ва ғайра ҷилвагар гардид.

Ҷавҳари таълимоти дуалистиро Инсон ва ҳаёти заминии Инсон ташкил медиҳад. Инсон, инсоният ва ақл дар фалсафаи дуалистӣ намояндаи Хайр аст. Ҷаҳон ва Кайҳон намояндаи шар мебошанд, зеро ҷаҳони сангу хишт ақлу идрок надорад ва чӣ будани Хайру шарро намедонад. Дар ин муодила ва муқоиса Инсон дар ҷои аввал меистад. Табиат ва Кайҳон дар ҷои дуюм. Ҳарчанд ки ҳар се (Инсон, Ҷаҳон, Кайҳон) дар якҷоягӣ, Ҳастии кулро ташкил медиҳанд. Фалсафаи дуалистӣ аз Эронзамин ба Юнон гузашт. Гераклити юнонӣ онро инкишоф дод. Вале Афлотун онро таҳриф намуда, ба он шаклу симои динӣ ва идеалистӣ дод. Диалектикаи гераклитӣ шакли юнонии дуализми ориёӣ буд.

Аз Юнон ин фалсафа ба олами ислом интиқол ёфт. Дар олами исломӣ фалсафаи дуалистӣ ба таъқиботи шадид гирифтор гардид. Бо вуҷуди ҳамаи мушкилоти воқеӣ ва сохта, фалсафаи

дуалистӣ дар шакли ирфону ишроқ пеш рафт. Шахсиятҳое чун: Ҳаллоҷ, Шамси Табрезӣ, Аттор, Саноӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Суҳравардӣ, Айнулқузот, Садрои Шерозӣ ва дигарон ба таври огоҳона ва нохудогоҳ онро ривоҷ доданд. Дар ҷаҳони муосир ба таври зимнӣ баъзе ҷилваҳои ин фалсафаро дар эҷодиёти шахсиятҳои фарҳангие чун: аллома Иқбол, Ихвони Солис, Кадканӣ, Нудушан, Маҳдии Муҳаққиқ, Касравӣ, Алии Даштӣ, Носируддини Соҳибуззамонӣ, Шаҳобуддини Маҷрӯҳ, Халилуллоҳи Халилӣ, Бориқ Шафей, Нодирпур ва дигарон метавон мушоҳида кард.

**Дуюм:** Дуализм (dualism) ба сифати як биниш, равия, ҷараёни фикрӣ ва мактабу мазҳаби фалсафӣ дар бомдоди рӯзгори инсоният ба вуҷуд омада буд. Вале ба сабаби он ки ҳамеша дар худ сояравшане аз шакку тардид дошт, идеологияҳои дағал ва мутаассиби дунёи қадим ва асрҳои миёна онро напазируфтанд ва ҳамеша дуализмро ҳамчун мактаб ва ҷараёни фалсафии бесубот, ноустувор, машкук, зидди тавҳид ва мухолифи яккахудоӣ мавриди накӯҳиш, фишор ва таъқиб қарор медоданд. Имрӯзҳо вазъи фарҳангии ҷаҳон андаке дигар шудааст. Ҳарчанд ба дуализм, ба мисли пешина таваҷҷуҳе нест, вале бозёфтҳои илмӣ, фалсафӣ, равоншиносӣ, инсоншиносӣ (антропологӣ), физикӣ, табиатшиносӣ, мардумшиносӣ ва ғайра шароитеро фароҳам овардаанд, ки хоҳ-нохоҳ биниши дуалистиро ба доварӣ металабад. Ҷараёнҳо ва мактабҳои маъруфи пешина аз қабили: идеализм, материализм, монотеизм, пантеизм, теизм, прагматизм, индивидуализм, экзистенсиализм, персонализм ва ғайра наметавонанд печидагиҳои улуми мухталиф ва фарҳанги муосири ҷаҳонро дар қолабҳои маҳдуд ва танги худ ғунҷоиш диҳанд. Ҳатто илми Худошиносии муосир ҳам рӯ ба сӯйи биниши плюралистӣ (бисёрҳақиқатӣ) дорад. Ин аст, ки ба назари мо, зарурати таваҷҷуҳ ба мактаби фалсафии дуализм фаро расидааст. Ин тақозои замон ва ниёзи ҷустуҷӯҳои улуми инсоншиносӣ мебошад.

**Сеюм:** Вазъи истилоҳи дуализм (dualism) ба маънои: дугароӣ, дуҳақиқатӣ, дугавҳарӣ, дуаслӣ, дубунёдӣ ва ғайра дар муқоиса бо дигар истилоҳоти фалсафие, аз қабили: идеализм,

материализм, пантеизм, позитивизм, монотеизм, прагматизм ва ғайра хеле ноҳамвор ва буҳронӣ аст.

Сабаб ин буд, ки монизми материалистӣ ва идеалистӣ, ки моҳиятан, ба дуализм мухолифанд, дар таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ ҳамеша дар симои фалсафаи дуалистӣ душмани ғоявии худро медиданд. Чаро ки монизм дар ҳама шаклҳои худ охири охирон ба ҳимояти Худо ва Рӯҳи Мутлақ паноҳ мебурд. Аммо дуализм, ҳамеша ва дар ҳама ҳолат аз мақом ва манзалати Инсони заминӣ дифоъ менамуд ва ҳоло ҳам дифоъ менамояд. Ин аст, ки дар баҳсҳои фалсафӣ майдони мубориза дар ихтиёри ҷараёнҳо ва равияҳои монистӣ ва тавҳидӣ буд. Чаро ки аксарияти сокинони сайёраи Замин ба сабабҳои маълуми таърихӣ аз неъмати илму дониш бебаҳра буданд ва ин нокомии иҷтимоӣ сабабгори равнақу ривоҷи ҷаҳонбиниҳои хурофотӣ мегардид.

**Чаҳорум:** Дар китоби бузурги «Авесто» истилоҳи «дуализм» дар ҳамин шакле, ки мо имрӯз ин вожа (калима)-ро ба кор мебарем, истеъмол нашуда, балки дар «Готҳо»-и Авесто аз ин мафҳум ба таъбири «ду гавҳари ҳамзод» ном бурдаанд. Дар Ясно, ҳоти 30, фақраи 3 омадааст: «Дар оғоз он ду минуи ҳамзод ва дар андеша ва гуфтор ва кирдор яке нек ва дигаре бад бо якдигар сухан гуфтаанд. Аз он ду некогоҳон ростро баргузидаанд ва дужогоҳон (бадогоҳон) бадро». Ҳамин маънӣ дар Ясно, ҳоти 45, фақраи 2 чунин омадааст:

«Инак сухан мегӯем аз ду мину (гавҳар); дар оғози офариниш Спиндомину он дигаре минуи нопокро чунин гуфт: «На маниш, на омӯзиш, на хирад, на бовар, на гуфтор, на кирдор, на дин ва на равони мо ду мину бо ҳам созгоранд» (Авесто, ҷилди 1 саҳ. 20, нашри Ҷалили Дӯстхоҳ, Теҳрон, 1996). Ин маънӣ бо шаклу таъбирҳои гуногун дар бисёр готҳо ё сураҳои Авесто омадааст. Дар маҷмӯъ, ин иборaҳо, ба назари мо, далолаткунандаи он ҳастанд, ки нигоҳи фалсафии китоби Авесто ва адабиёти авестоӣ биниш ва дидгоҳи дуалистӣ аст. Дар баҳсҳои таҳқиқӣ ва фалсафии донишмандони хориҷӣ ва ватанӣ назароте вуҷуд дорад, ки дуализми фалсафии Зардуштро, куллан ва ё қисман, инкор мекунанд. Мехоҳанд исбот намоянд, ки дини Зардушт ҳам ба мисли дигар диёноти бо ном «осмонӣ» (яҳудият, масеҳият ва

ислом) дини тавҳидӣ ва монотеистӣ аст. Вале кашфиётҳои илми таърихи муқоисавии адён бар он далолат мекунад, ки ҳама гуна дин дар ибтидо аз бисёрхудоии мутлақ батадриҷ ба дуализм ва сипас ба монотеизм (тавҳид) расидаанд. Бешак, дини Зардушт ҳам баъди бисёрхудоии мутлақ ба як ҷаҳонбинии зоҳиран тавҳидӣ, вале ботинан ва дар асл, дуалистӣ гироид. Баъдҳо қудратҳои сиёсӣ ва динии давлатҳои сомӣ ақидаҳои монистии динҳои яҳудӣ, масеҳӣ ва исломро бар гардани пайравони диёнати зардуштӣ таҳмил намуданд. Бисёре аз сарчашмаҳои хаттии дини зардуштӣ баъдҳо зери ин фишори ҳамаҷониба ба худ рангу ҷилои тавҳидӣ касб кард. Бисёре аз донишмандони дини зардуштӣ дар марҳалаи исломӣ кӯшиш намуданд, ки аз дини Зардушт як дини тавҳидии ба истилоҳ, «осмонӣ» ба вуҷуд биоваранд. Вале ҳақиқат он аст, ки дини Зардушт дорои зоҳире динӣ ва ботине фалсафӣ мебошад. Фалсафааш - фалсафаи дуалистӣ аст. Чаро ки ба қарибӣ аз бисёрхудоии мутлақ берун омада буд. Аксари муҳаққиқони гузашта ва муосири фарҳанги авестоӣ бар ин ақидаанд, ки ҷавҳари таълимоти Зардуштро ҷаҳонбинии дуалистӣ ташкил медиҳад.

**Панҷум:** Муҳаққиқон ва файласуфони Юнони қадим дар осори худ, он ҷо ки сухан дар боби Авесто, Зардушт ва дини зардуштӣ рафтааст, ҳамагӣ аз ин таълимот бо номи таълимоти дуалистӣ ёдоварӣ намудаанд. Дар он айём дар ҷаҳони сиёсат ва фарҳанг ду ҳарифи варзида дар сатҳи ҷаҳонӣ фаъолият доштаанд: яке Эрон ва дигаре Юнон. Бо гувоҳии сарчашмаҳо, байни Эрон ва Юнон ҷангҳо, созишҳо ва тамосҳои рангоранги сиёсӣ ва фарҳангӣ борҳо рух додааст. Бисёре аз бузургони илму фарҳанги Юнони қадим нисбат ба фалсафаи Эрони бостон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, шахсан, худ ба Эрон рафтаанд. Баъзе аз муаррихон гуфтаанд, ки ду қутби бузурги фалсафаи Юнон: Афлотун ва Арасту нисбат ба фалсафаи Зардушт таваҷҷуҳи хосса доштаанд. Ва гӯё Арасту дар ҷавонӣ дар пайравӣ ва ситоиши фалсафаи Зардушт ду рисола таълиф намудааст. Албатта, баъзе аз ин ақоид аз дидгоҳи муҳаққиқони муосир то андозае муболиғаомез ба назар меоянд ва ба таври ниҳоӣ ба исбот нарасидаанд.

Вале вуҷуди чунин ривоёте, қатъи назар аз воқеӣ ва ё сохта буданашон, гувоҳи он буда метавонанд, ки фалсафаи бостонии Эрон мавриди таваҷҷӯҳи доираҳои фарҳангии миллатҳо ва давлатҳои он рӯзгор қарор доштааст.

**Шашум:** Дар асрҳои миёнаи исломӣ фалсафа ва ақоиди фирқаҳои дини зардуштиро бо истилоҳоти «санавия» - дутогарой, «ас-санавия ал-форсия»-дуализми форсӣ, «ас-санавия ал-ирония» - дутогароии эронӣ ва ғайра ном бурдаанд. Дар ҳар таъбире аз ин таъбирҳо ҳатман калимаи «санавия»-дуализм (дутогарой) ҳамроҳ карда шудааст. Осори муҳаққиқони диншинос ва муаррихони фалсафаи асрҳои миёнаи исломӣ аз қабили: Ибни Надим, Абулҳасани Ашъарӣ, Муҳаммади Шаҳристонӣ, Ибни Қифтӣ ва дигарон борҳо ин истилоҳотро бо сиға ва таъбироти гуногун истифода намудаанд. Хулосаи фикри онҳо ин аст, ки ҷаҳонбинии пайравони Зардушт, асосан ва ҳақиқатан, санавӣ, яъне дуалистӣ будааст. Илми адёни муосир низ назари муҳаққиқони гузаштаро тасдиқ мекунад.

**Ҳафтум:** Дар таҳқиқотҳои муосири шарқӣ, махсусан олами исломӣ роҷеъ ба аслу ҷавҳари фалсафаи қадими мардуми форсу тоҷик ҳамон таъбири асримиёнагии «санавият», яъне: дугарой - дуализмро истеъмол менамоянд. Аз китоби «Сайри фалсафа дар Эрон»-и (1908) аллома Муҳаммад Иқбол то ба «Таърихи фикри арабӣ»-и (1966) доктор Умар Фаррухи араб истилоҳи дуализмро чун истилоҳи дақиқ ва эътирофшуда кор фармудаанд. Маънӣ ва мафҳуми истилоҳи «дуализм» дар таҳқиқотҳои муосири урупой ва шӯравӣ нисбатан муфассал ва печида шарҳ ва эзоҳ ёфтааст. Китобҳои асосҳои илми фалсафа, луғатномаҳои фалсафӣ, доират-ул-маорифҳои улуми инсонӣ ва ғайра мувофиқи имконот ва ғунҷоиши барномаҳои худ истилоҳи «дуализм»-ро тафсир ва таҳлил намудаанд.

А) Дар «Энсиклопедияи фалсафӣ»-и шӯравӣ, нашри соли 1983 дар Москва (саҳифаи 78) зери унвони «дуализм» омадааст: «Дуализм аз калимаи лотинии dualis - «дуалис» ба маънии дугонагӣ ё дугарой гирифта шуда, таълимоти фалсафиеро меноманд, ки ду мабдаъ, яъне: рӯҳ ва модда, идеалӣ ва метериалиро баробарҳуқуқ мешуморад. Аз ин ду мабдаъ яке ба дигаре тобеъ нест. Ҳар ду дар мақоми худ мустақил аст. Дуализм

ба монизм мухолиф мебошад. Дуализм ҳамчунин хилофи мабодии монизми материалистӣ ва монизми идеалистӣ аст. Ин ду монизм яке аз мабодиро асоси дигаре ҳисоб мекунад. Истилоҳи «дуализм» аввалин бор дар илми фалсафа аз ҷониби файласуфи олмонӣ Ф.Волф ворид карда шуд. Ба ақидаи ӯ, дуализм иборат аз эътирофи ду субстансия (гавҳар) мебошад: Субстансияи моддӣ ва субстансияи рӯҳӣ. Файласуфи фаронсавӣ Декарт ҳам ҳастиро ба ду гавҳар (субстансия) тақсим намуда буд: Якум: Гавҳари фикркунанда (рӯҳ); Дуюм: Гавҳари дарозо (модда); Мафҳуми дуализм ба таълимоти зерин ҳам татбиқ мешавад: дуализми Хайру Шар дар монавият; дуализми фалсафаи Кант доир ба ҷаҳони табиат ва ҷаҳони озодӣ.

Фалсафаи материализми диалектикӣ дуализмро рад ва инкор мекунад. Материализми диалектикӣ монизми материалистиро эътироф дорад, ки ҳамаи падидаҳои оламро шаклҳои гуногуни зуҳури моддаи мутаҳаррик мешуморад».

Б) Дар Ҷумҳурии Тоҷикистони демократӣ доир ба масъалаи фалсафаи дуалистӣ, пеш аз ҳама, бояд аз навиштаҳои профессор Муҳаммадқул Ҳазратқулов ва донишманди авестошинос Ҳамдами Мӯъминзода ном бурд. Шояд дар адабиёти фалсафии муосири тоҷик муҳаққиқ  Ҳамдам Мӯъминзода аввалин шахсе бошад, ки бевосита дар заминаи фалсафаи Зардушт ва ҷараёни дуализм ва таносуби он бо монотеизм изҳори назар кардааст.

В) Дар адабиёти фалсафии муосири хориҷӣ, чи дар Шарқ ва чи дар Ғарб зимни таҳқиқотҳои гуногун доир ба ҷараёни дуализм ва муҳтавои фалсафии истилоҳи он назарияҳои гуногуне изҳор шудааст. Бо вуҷуди ин наметавон гуфт, ки доир ба фалсафаи дуализм таҳқиқи нав ва қолибе анҷом гирифта бошад.

Муҳаққиқони урупой чун: Ҷон Ҳерман Рондел, Ҷостус Боклер, Ҷон Луис, Освалд Кулпа, Мери Бойс, Ричард Фрай, Ниберг, Чарлз Дорместетер, Гилднер, Милз, Гейгер, Бенвенист, Ҷексон ... дар ин мавзӯъ осоре таълиф намуда, аз муҳаққиқони муосири Шарқӣ низ чун: Умар Фаррух, Ҷамил Салибо, Абдураҳмон Бадавӣ, Закариё Иброҳим, Тавфиқ ат-Тавил, Ҳусайн Мурувва, Алӣ Асғари Ҳалабӣ, Абдулкарими Суруш, Алии Шариатӣ, Ҷалили Дӯстхоҳ, Ҳошим Разӣ. Дориюши Ошурӣ, Фаридуни Ҷунайдӣ, Маҳдии Фаршод, аллома Муҳаммад Иқбол,

Диншоҳи Эронӣ, Муҳаммад Тақӣ Ҷаъфарӣ, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Эҳсон Табарӣ, Саид Содиқи Гавҳарин, Манучеҳри Ҷамолӣ, Саид Ҳусайни Наср, Саид Нафисӣ, Маҷиди Яктоӣ, Ҷалолуддини Оштиёнӣ, Пури Довуд, Ҳусайни Ваҳидӣ, Қозим Имом, Алии Даштӣ, Носируддини Соҳибуззамонӣ, Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ ва бисъёр дигарон пиромуни ин мавзӯъ изҳори назар кардаанд.

**Ҳаштум:** Фалсафаи дуалистӣ дар байни мактабҳои дигари фалсафӣ мақоми ба худ хос дорад. Таҳқиқотҳои муосири улуми фалсафӣ ба ин натиҷа расидаанд, ки китоби Авесто сарчашмаи асосии аксар фирқаҳои динӣ ва маҳзабҳои фалсафии ҷаҳони қадим будааст. Асрҳои миёна ва олами муосир ҳам нисбат ба фалсафаи Зардушт ва мабдаи дуалистии он таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мекард. Вале баъд аз Авесто ҳеҷ гоҳ фалсафаи дуализм мавриди омӯзиши алоҳида қарор нагирифта буд. Ин ду сабаб дошт: якум: шикасти сиёсии империяи Сосониён, ки дини зардуштӣ дар он дини расмӣ ва давлатӣ ба шумор мерафт;

дуюм: Мояи илмӣ доштани фалсафаи дуалистӣ, ки ба завқи оммаҳои хурофотии дунёи қадим ва асрҳои миёна созгорӣ надошт. Дар даврони муосир муҳаққиқи араб доктор Тавфиқ ат-Тавил ва дар асри XIX донишманди олмонӣ Освалд Кулпа чунин назар додаанд, ки мактаби дуалистӣ нисбат ба ҳамаи ҷараёнҳои фалсафии дигар ҷолибтар, илмитар, дақиқтар ва ҳаётитар будааст.

Муқоисаи сарчашмаҳои гузашта ва ҳозира бар он гувоҳӣ медиҳанд, ки истилоҳи дуализм аввалин бор дар шакли фалсафиаш дар «Готҳо»-и Авесто омадааст. Баъдҳо бо гузашти айём ва ба сабаби аз эътибори сиёсӣ ва динӣ афтодани дини зардуштӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ин истилоҳ аз фалсафа ба ахлоқ интиқол ёфт ва дар шакли Хайру Шар ва неку бад боқӣ монд.

Дар Юнони қадим Анаксагор назариёте шабеҳ ва монанд ба дуализм баён намуда буд. Вале тобишҳои фикрии ӯ бештар ба табиат нигаронида шуда буданд. Дар асрҳои миёнаи масеҳӣ дуализмро дар шакли пайравӣ аз диёнати Монӣ мешинохтанд. Ба монавият гоҳе меҷангиданд ва гоҳе муросо мекарданд.

Дар асрҳои миёнаи исломӣ дуализмро бо истилоҳи «санавият» (дугавҳарӣ) ифода мекарданд. Ин истилоҳ ва ин

ақида дар сурати диниаш дар фирқаҳои ифротии аҳли ташайюъ ба муқобили аҳли суннат  нигаронида шуда буд. Ин фирқаҳои динӣ аз боби забонӣ ва нажодӣ аксар эрониён ва форсизабонон буданд. Дар доираи равшанфикрӣ бузургтарин файласуфҳои дуалисти асримиёнагӣ, яке Муҳаммад Закариёи Розӣ буд, ки бо «қудамои хамса» (панҷ унсури қадим) - и худ олами вуҷудро дар партави ҷаҳонбинии дуалистӣ таҳлил ва тафсир мекард.

**Нуҳум:** Дар дунёи қадим ва асрҳои миёна, ки зимоми маънавиёт ба дасти рӯҳониёни мутаассиб, мардуми авом ва авомфиребон буд, бо номи тавҳид идеологияи куллӣ ва шомиле сохта, ба мисли шутурмурғ дар ҳама ҷо худнамой мекард. Вале дар амал на кори шутурро анҷом дода метавонисту на ҳунари мурғро дошт. Лекин бо вуҷуди ин, ному нишон дошт: монизм; тавҳид; тавҳиди идеалистӣ; модда; идея; Яъне ҳама чиз дар ихтиёраш: ҳам модда ва ҳам рӯҳ! Бо ҳар кадомаш, ки бихоҳад, бозӣ мекунад...худнамоӣ мекунад... риёкорӣ мекунад... фазлфурушӣ мекунад... авомфиребӣ мекунад... фалсафа метарошад... тасаввуф ва ирфон мебофад... Ва боз бисёр чизҳои дигар, ки на дар рӯи заминанду на дар зери осмон! Ана ин буд мақоми тавҳид ва назариёти тавҳидӣ дар дунёи қадим ва асрҳои миёна!

**Даҳум:** Вале дар ҷаҳони имрӯз вазъ андаке дигаргун шудааст. Донишмандон айбу нуқсони мабодӣ ва гавҳарҳои (субстансияҳои) абадиро фош намудаанд. Файласуфон худоҳои тавҳидиро дар ҳолати ҷаниниашон мурда эълом намудаанд (Ф.Нитше)!  Аносири нахустин ва абадиро ҳамроҳ бо худоёнашон аз арши парастиш фаровардаанд. Бояд як интихоби воқеӣ ва асоснок сурат гирад. Ҳама ҷараёнҳои фикрӣ ҳуқуқи иштирок дошта бошанд. Аз ин ҷост, ки мо ба намояндагӣ аз фарҳанги бостонии худ дуализм сухан мегӯем.

Чаро дуализм ва маҳз дуализм? Ҷавоб: Якум: Биниш ва ҷаҳоншиносии дуалистӣ аз ибтидо решаи ҳаётӣ дошт. Чаро ки маҳз худи таърих дар ҷодаи дуалистӣ қадам мезад ва дар ибтидо ва пеш аз ҳама, худи Одамро ба Олам муқобил гузошт. Таззд байни одам ва олам аввалин падидаи фалсафаи дуалистӣ буд. Дуюм: Дар асри бистум ин тазод ба худ шакли дигар гирифтааст: Ҳастӣ ва Нестӣ! Вале Инсон дар куҷост? Инсон дар қисмати

ҳастӣ ба худ паноҳгоҳ ҷустааст. Ин Инсони асри XX мехоҳад, ки Оламро ба нестӣ ҳавола кунад. Гӯё ин ҳадаф, бозёфт, нововарӣ ва кашфиёте бошад! На, ин ҷо кашфиёте нест: Танҳо бозгаштест ба сӯи сарогоз, худфиребӣ ва хурофот!

**Ёздаҳум:** Таҷрибаҳои талхи рӯзгор қавми ориёиро ба он водор намуд, ки арзишҳои маънавӣ ва фарҳангии худро дар кӯраи тафсони зиндагӣ озмояд. Ва озмуд. Натиҷае, ки аз ин озмоиш ба даст овард, дуализм ном дошт. Ин натиҷаро бисту як ҷилд китоби Авесто дар худ сабт кардааст. Пораҳое аз ин китоб то имрӯз боқӣ мондаанд. Ва он пораҳо аз ин маънӣ ҳикоят мекунанд. Ҳикоят мекунанд, ки бунёди ҷаҳони мо дуалистӣ аст. Чаро ки назари дуалистӣ ба воқеияти ҷаҳони ҳақиқӣ (реалӣ) мувофиқтар ва созгортар аст. Дуализми авестоӣ решаи амиқи фалсафӣ дорад. Ибтидои он аз даврони Ҷамшед оғоз гардида буд. Зардушт танҳо ба сифати як пайғамбари ислоҳталаб, ақидаҳои пешинаи бузургони қавми худро ба қолаби дин ва ахлоқи нав даровард. Қолаб нисбатан ҷадид буд, вале мазмун ва муҳтавои онро назариёти устувор ва аз имтиҳони рӯзгор гузаштаи ниёкони қавми ориёӣ ташкил медод. Рӯҳониёни зардуштӣ бештар дар татбиқи ҷанбаҳои догматикии дини худ пофишорӣ менамуданд.

Аз ҷумла назарияи дуалистиро дар бомдоди таърих, ки мардуми ориёӣ ба ҷаҳон нигоҳе воқеъбинона ва реалистӣ доштанд, ба таври возеҳ дарк намуданд, ки масъалаи бузурги одамӣ дар ин олами вуҷуд иборат аз муносибати Одам ва Олам, Зиндагӣ ва Марг мебошад. Барои ҳалли ин масъалаи асосӣ талошҳо намуданд.

Қавмҳои дигар низ дар саҳнаи таърих зуҳур карданд... Онҳо ҳам масъалаҳои муҳим ва асосии худро доштанд. Мунозираҳо ва муборизаҳо давом карданд. Дар ниқобҳои динӣ, ҷабҳагириҳои ақидатӣ ва нажодӣ амалӣ мегашт. Фалсафа ҳам гоҳ-гоҳе аз вуҷуди хеш дарак медод. Асрҳо паси ҳам сипарӣ шуданд... Акнун дар ибтидои асри бисту якуми мелодӣ ба гузаштаи фикрӣ ва фалсафии худ назаре меандозем. Вале чиро мебинем? Мебинем, ки ибтидои мо аз интиҳоямон хеле фарқ мекунад; Мебинем, ки аз худамон дида мо бегонагонро беҳтар ва хубтар мешиносем... Мебинем, ки мероси фалсафии аҷдодони худро бакуллӣ

фаромӯш кардаем... Мебинем, ки аз гузаштаи фарҳангии худ ҳазар мекунем... Дар асрҳои миёнаи исломӣ бисёр аз донишмандони эронинажод кӯшидаанд, ки зардуштиёнро аҳли китоб эълон кунанд ва дини маздоиро дини тавҳидӣ ва яккахудоӣ ба шумор оваранд! Барои чӣ? Барои хушомад задан ба ислом ва идеологияи ҳукмрони замон. Мебинем, ки бо ниқоб гаштану бо ниқоб зистанро одат кардаем ва намехоҳем, ки чеҳраи ҳақиқии моро касе бубинад ва бишносад! Чаро? Барои он ки маҳрумиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии чандсадсола моро гирифтори бемории уқдаи худкамбинӣ (комплекс неполноценности) кардааст. Мебинем, ки боз чандин гирифториҳои дигар моро дар пеш аст, вале мо ба андозаи кофӣ омодаи муқобилият ба онҳо нестем.

Пас, айб ва иштибоҳи фалсафаи дуалистӣ дар чӣ буд? Айбаш дар он буд, ки дар замони худ нисбат ба дигар мактабҳои фикрӣ каму беш воқеъбинона буд. Як муҳаққиқи урупоӣ менависад: «Дар ҳақиқат, аҷибу ғариб аст, ки баъди фаъолияти Арнолд Ҷинк (ба соли 1669 мелодӣ) то имрӯз касе аз фалсафаи дуализм дифоъ намекунад. Яъне на дифои ҷиддӣ мекунанду на онро ба таври амиқ ва дақиқ баён медоранд» (Тавфиқ-ут-Тавил. «Асосҳои фалсафа», Қоҳира-1964, саҳ.191, ба забони арабӣ).

Гуфтем, ки фалсафаи дуалистӣ дар замони пайдоиши худ каму беш илмӣ буд. Чаро ки инсони ориёӣ тавониста буд худ ва шахсияти худро аз табиат ҷудо ва мустақил тасаввур намояд. Ҳамин вазъи таърихӣ, биниши фалсафии ӯро густурда кард. Худро шинохт. Инсон мақоми табиатро дарк кард.

Ҳамчунин медид, ки монеаҳое дар пеш аст: Душманон, бегонагон, ҷаҳл, хурофот, зулм, табиат, сармо, гармо. Инҳоро ҳам донист ва шинохт. Ба ҳамаи ин мухолифини худ як ном дод: Аҳриман! Яъне қувваҳои бадӣ ва харобиовар!

Дар муқобил худро Аҳуромаздо тасаввур мекард! Яъне офаридагори Некӣ ва Хайру адолат! Аз ҳамин ҷо фалсафаи дуалистии қавми ориёӣ оғоз гардид: Ҳам дар фикр ва ҳам дар амал: Дуализм - яъне: Инсон ва Кайҳон; Одам ва Олам; Аҳуромаздо ва Аҳриман; Хайр ва Шар; Некӣ ва Бадӣ; Зиндагӣ ва Марг; Ҷисм ва Ҷон; Тавҳид ва Ширк; Ваҳдат ва Касрат; Ростӣ ва Дурӯғ; Имон ва Куфр; Кова ва Заҳҳок; Худо ва Шайтон; Ҳақ

ва Ботил; Илм ва Ҷаҳл; Озод ва Банда; Ҳастӣ ва Нестӣ; Рушноӣ ва Торикӣ...

Ин аст саргузашти мухтасари фалсафаи ориёӣ - авастоӣ ва зардуштӣ,ки ба забони фалсафӣ онро фалсафаи дуалистӣ меноманд. Ин ибтидои асри бистуяк аст, ки фалсафаи дуалистӣ боз аз нав мавриди таваҷҷуҳи аҳли илм қарор мегирад. Бошад, ки ворисони ин фалсафа сари ин мавзӯъ ба таври ҷиддӣ биандешанд.

Бо як калима, дуализм, ин афзалият додан ба мақоми Инсон ва нигоҳ доштани робитаҳои оқилона бо Олам ва Кайҳон аст.

## Сарчашмаҳо

1. Разӣ Ҳошим. Ҳикмати Хусравонӣ. Теҳрон, 2001 (ба забони форсӣ).
2. Корбен Ҳенри. Равобити ҳикмати ишроқ ва фалсафаи Эрони бастон. Теҳрон, 1947 (ба забони форсӣ).
3. Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. Душанбе, 2001(ба забони тоҷикӣ).
4. Баҳор Меҳрдод. Асотири Эрон. Теҳрон, 1974 (ба забони форсӣ).
5. Лоҳурӣ Иқболи. Сайри фалсафа дар Эрон. Теҳрон 1979 (ба забони форсӣ).
6. Эронӣ Диншоҳ. Фалсафаи Эрони бостон. Теҳрон, чопи панҷум, 1983 (ба забони форсӣ).
7. Паноси Стефан. Таъсири фарҳанг ва ҷаҳонбинии эронӣ бар Афлотун. Интишороти анҷумани ҳикмат ва фалсафаи Эрон. Теҳрон 1978 (ба забони форсӣ).
8. Бекзода Комил. Фалсафаи марг ва зиндагӣ. Душанбе, 2015 - 651 саҳ.
9. Фаррух Умар. Таърихи фикри арабӣ. Бейрут, 1966. (ба забони арабӣ).
10. Крестенсен Артур. Маздопарастӣ дар Эрони қадим. Теҳрон, 1958 (ба забони форсӣ).

11. Муин Муҳаммад. Маздиясно ва адаби порсӣ. Теҳрон, 1985 (ба забони форсӣ).
12. Ниберг Ҳ.С.. Динҳои Эрони бостон. Теҳрон, 1981 (ба забони форсӣ).
13. Ҳалабӣ Алиасғари. Таърихи фалсафаи эронӣ. Теҳрон: Интишороти Заввор, 1973 (ба забони форсӣ).
14. Фаршод Маҳдӣ. Ирфони эронӣ ва ҷаҳонбинии системӣ. Бунёди Нишопур, 1368-1990 (ба забони форсӣ).

❁❁❁❁

**Аслиддин САЛИМОВ**
*устоди ДДЗТ ба номи С.Улуғзода*

## Гузариш ба иқтисоди сабз

Идеяи сиёсатмадорон ва иқтисодчиён, ҳарчанд онҳо ҳақ ҳастанд ва ё иштибоҳ менамоянд, барои ҳамаи давру замон аҳамияти бузург дорад. Зеро ҳаёт бе идеяи онҳо мукаммал буда наметавонад. Дар таърихи ақлонии инсоният ҳеҷ гоҳ монанди имрӯз барои рушд ва инкишоф додани сохтори тафаккуру тасаввур имконият фаро нарасида буд. Бо вуҷуди он ҳама комёбиҳои беназир, боз яккатор муаммоҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ва экологӣ низ бани башарро ба ташвиш оварда, олимону сиёсатмадорони беҳтарин барои бартараф намудани он, идеяҳои рушдро пешниҳод намуда истодаанд. Ҳаёт бе муаммо буда наметавонад, аммо вазифаи илм ва рисолати олим дар он аст, ки барои башарият идеяи роҳи расидан ба «зиндагии хуб»- ро нишон дода тавонад.

Дар асоси модели аҳволи иҷтимоии Тоҷикистон чӣ гуна принсипҳои зарурӣ ва кифояткунанда ва чӣ гуна механизмҳои амалигардонӣ мавҷуданд? Мусаллам аст, ки ҳар як давлат, ҳар як ҷомеа худ бояд нақши роҳи худро ҷиҳати ҳадди ақал интернатсионалӣ гардонидани ҳаёти сиёсӣ-экологии худ ва муттаҳид намудани доираи иқтисодӣ дар фазои ягонаи ҷаҳонӣ фикр намуда барояд. Ҳанӯз аз замони ҳоло фаро нарасидани бӯҳрони экологӣ К.Маркс зимни таҳлилу таркиби маълумоти дастовардҳои таърихӣ гуфта буд, ки «тамаддун агар бо ҳидояти шуур нею бенизом тараққӣ кунад, аз худ биёбонро боқӣ гузорад».

Имрӯз муаммоҳои ба ҳамагон маълуме вуҷуд доранд: болоравии экспансияи мунҷамидгардонидани газ, харобсозии

радиатсия, заҳролуд гардонида шудани қабатҳои ҳаво, ҳодисаҳои тағирёбии ирсият, бӯҳрони экологӣ, тахриботи захираҳои табий, муаммоҳои демографӣ. Олимон пешгӯи менамоянд, ки дар соли 2015 нисфи аҳолии сайёра аз оби нӯшиданӣ танқисӣ мекашанд. Дар ин муддат миқдори аҳолӣ аз 6,1 миллиард то 7,2 миллиард нафар хоҳад расид.

**Неъматҳои ҷамиятӣ**: Бешак ҳақ бар ҷониби Н.Назарбоев аст, ки мегӯяд: «инсоният рӯйи моҳро таҳқиқ кард, ки дар масофаи чандин сад ҳазор километр дур воқеъ аст, вале ҳатто даҳ фоизи қаъри баҳру уқёнусро, ки аз мо чандон дур нест, таҳқиқ накардааст»[1].

Дар маҷрои тавлиди неъматҳои ҷамъмиятӣ давлат на танҳо ба қобилияту омӯзиши манфиати аъзоёни ҷомеа такя мекунад, балки вай худ неъматҳоеро истеҳсол мекунад, ки манфиатҳои бунёдии миллату ҷомеа, ҳастии онро инъикос намуда, устувор мегардонад. Хосатан, дар давраи истиқлол ва марҳилаҳои тарҳрезии заминаҳои он ҳаҷми бузурги тавлиду бунёди неъматҳои ҷамъиятӣ бар дӯши давлат аст. Масъалаи асосӣ ин вазъияти нобасомони экологӣ ва иқтисодист. Тақдири ҳар минтақаро мураккабтарин вазъи экологӣ ва иқтисодӣ муайян хоҳад кард. Бешак, ҳис кардан мумкин аст, ки дорои аҳамияти калони байналхалқӣ будани минтақаи Осиёи Марказӣ дар мавҷудияти канданиҳои фоиданоки табиист. Зеро дар сари роҳи комуникатсияҳои байниқитъавӣ ҷойгир буданаш, ҳамчунин наздик воқеъ гаштанаш ба чунин марказҳои нерӯи байналхалқӣ мисли Чин ва Россия мебошад. К.Маркс дар мақолаи худ таҳти унвони «Британское владычество в Индии» навишта буд, ки дар кишварҳои Осиё, аз давраҳои қадим дар идораи давлатӣ асосан ба се соҳаи муҳим аҳамият медоданд. Соҳаи сеюм, ки асосан ба идораи истифодаи сарфакорона ва ҷамъиятии об шуғл меварзид, ба баҳси мо алоқаи зич дорад.

Бо инкишофи иқтисодии ҷомеа об ба рӯйхати захираҳои нодир ва маҳдуд дохил шуда, ба радифи неъматҳои ҳаётан муҳим ворид мегардад. Бинобарон, дар конфронси Дублин, ки соли

---

[1] Назарбоев Н. Даҳ соли бӯҳронӣ. Душанбе., 2004.

1992 таҳти унвони «Об ва мувозинати экологӣ: масъалаҳои инкишоф дар асри 21» баргузор шуда буд, қайд шудааст: «Об дорои арзиши иқтисодӣ мебошад ва новобаста аз истифодаи мухталиф, онро бояд ҳамчун мол эътироф кард»[2]. Дар ҷумҳурии мо 11,2 фоиз ҳавзаи захираҳои оби Осиёи Марказӣ воқеъ буда, 65 фоизи захираи оби баҳри Арал ташаккул меёбад. Маълум аст, ки ҳамагӣ 20 фоизи захираи обӣ ва ё 11,3 фоизи ҳаҷми Арал истифода мешаваду халос. Дар вилояти Суғд 75 дар сади захираҳои обӣ барои соҳаҳои кишоварзӣ истифода мешавад, ки он 152657 ҳазор метрии мураббаъро ташкил медиҳад.

Дар сатҳи ҷумҳурӣ заминҳои обӣ беш аз 93 фоизи маҳсулоти кишоварзиро ташкил медиҳад. Дар минтақаҳои шимолии кишвар 215,1 ҳазор гектар заминҳои обӣ мавҷуд буда, заминҳои озоди обёришаванда 120 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Олимони соҳа муайян намуданд, ки барои гирифтани 1 тонна гандум 1500 метри мураббаъ ва дар давраи ветатсионӣ як гектар майдони ҷуворимакка 3000 метри мураббаъ, карам 8000 ва шолӣ 12000-20000 метри мураббаъ об сарф мешавад[3].

Тоҷикистон ҳамеша барои пешгирӣ намудани «бӯҳрони экологӣ» роҳҳои бехатариро ҷустуҷӯ менамояд. Кишвари мо бо нишондиҳандаи истеҳсоли пахта ба ҳар як нафар миёни аҳолӣ миёни давлатҳои узви ИДМ ҷои намоёнро мегирад. Пас аз алюминий вай дуюмин ашёи содиротӣ буда, дар боигарии миллии мо мақоми калидӣ дорад. Маҳсулоте, ки аз коркарди пахта ба даст меояд, дар доираи таклифоту талаботи истеъмолӣ ба қатори зарурии аввал дохил мешавад. Таҳлилҳои иқтисодиву таҷрибаи давлатҳои пешрафта исбот кардааст, ки фурӯши содироти маҳсулоти ниҳоӣ даромади калон меорад. Фарзияи иқтисодчиён ин аст, ки дар бозори ҷаҳонӣ як тонна нахи пахта бо арзиши 1200 доллар баҳо дода шуд. Агар онро коркард намоем, пас аз 1 тонна нах 0,88 тонна (880) ришта истеҳсол мешавад, ки нархи он ба 1480-1500 доллар (1 тонна ришта) баробар мешавад. Аз 1 тонна ришта бошад, 6991,9 метр матои

[2] Рӯзномаи «Республика», 28-02-2001.
[3] Захираҳои оби Тоҷикистон ва истифодаи оқилонаи онҳо// Фишурдаи маърӯзаҳои конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. Хуҷанд, 2003.

тайёр ҳосил шуда, ҳар ҳазор метрии онро 450 доллари мехаранд, ҳар метрии онро 45 сентӣ баҳо медиҳанд. Пас, маблағи як тонна нахи пахта, пас аз ба мато табдил ёфтанаш ба 3146,3 доллар мерасад[4].

Агар қофиласолори илми иқтисод А. Смидро ба хотир орем: барои ҷомеа ва давлатро аз зинаи пасти ваҳшоният ба зинаи олии некӯкориву тамаддун ҳидоят намудан, бояд сулҳу ризояти ҷомеа, андози сабуку муътадил ва идоракунии тоқатпазирро фароҳам овардан лозим аст. Омилҳое, ки ба гузариши иқтисоди сабз дар ҷаҳон ва Тоҷикистон монеа эҷод мекунанд.

Якум, имрӯз дар ибтидои садаи 21-ум 142 миллион сокини сайёра ба таври доимӣ марихуана истеъмол мекунанд, 30,5 миллион кас бо доруҳои амфетамин ва маводи мухаддири маснӯӣ худро заҳролуд мекунанд, 134 миллион кокоин ва 8 миллион нафар шаҳрванд симои одамиро гум кардаанд»[5] (7; 115). Дар ҷаҳон асосан ҷавонон ба нашъмандӣ таваҷҷӯҳ пайдо намуданд, бинобар ин дар ҷумҳурӣ барои бартараф кардани нашъамандӣ, ки яке аз сабабҳои бемории сирояткунанда (СПИД, гепатит ва ғ.) гардидааст, корҳои пешгиринамоӣ гузаронида шудааст. Ин буд, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ соли 1997 барои пешгирӣ аз СПИД қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии бемории СПИД» қабул гардид.

Дуввум, масъалаҳои инкишофи технология бо суръати кайҳонӣ. Технологияи мухталиф аз як тараф кулли халқҳоро ба ҳамдигар наздиктар намуда бошад, аз ҷиҳати дигар ба инкишофи яроқу аслиҳа сабабгор шуда истодааст. Мутафаккири маъруф В.И.Вернадский пешомадҳои илму техникаро дар садаи гузашта дурбинона баён карда буд: «Он рӯзе дур нест, ки инсоният энергияи бузурги атомро ба даст дарорад, чунин манбаи қувваеро соҳиб шавад, ки он барои мувофиқи майлу хоҳиши худ дигаргун сохтани ҳаёт имконият меоварад..» Ва олим ба гирдоби фикр фурӯ рафта мепурсад: «Оё инсон… онро барои худкушӣ нею балки баҳри манфиати худ кор фармуда метавонад?... Оё вай ба чунин камолоте расидааст, ки қувваеро,

---

[4] Мирсаидов А. Соҳибистиқлолӣ ва ташаккули иқтисоди миллӣ. Хуҷанд, 2008.
[5] Мирсаидов А. Соҳибистиқлолӣ ва ташаккули иқтисоди миллӣ. Хуҷанд, 2008.

ки илм ногузир ба дасти ӯ хоҳад дод, истифода бурда тавонад?..[6] Ва агар эҷоди кашфиётҳо бо ғаразҳои сиёсӣ пайванд намешуданд он санаи таърихие бо номи «Рӯзи сиёҳи Алберт Эйнштейн» маълум намегардид. Ин рӯзе маҳсуб меёфт, ки хабари ба Хиросима партофта шудани аввалин бомбаи атомиро бузургтарин намояндаи физикаи саддаи ХХ мешунавид. В.И.Ленин боре ба нависандаи англис Ҳерберт Уэлс оқибатҳои таъсири парвозҳои кайҳониро ба ҷаҳонбинии инсон маънидод карда, мегӯяд: «тасаввуроти одамон дар миқёси саёраамон ташаккул ёфтанд; онҳо ба чунин тахмине асос меёбанд, ки патенсиали техникӣ тараққи карда, ҳеҷ гоҳ аз «ҳудуди заминӣ» намебарояд. Агар мо алоқаи байни сайёравиро барқарор карда тавонем, лозим меояд, ки тамоми тасаввуроти фалсафӣ, иҷтимоӣ ва маънавии худро аз сари нав дида бароем…»[7]. Гузашта аз ин дар инкишофи илмҳои техникӣ оқибатҳои вайроншавиии ҳаворо мебинем. Дар воқеият як автомобил ба соате «120 грамм моддаи заҳролудро ба ҳаво пош медиҳад. Як автомобил ҳамагӣ 1000 километр роҳ гашта, он қадар оксигени тозаро фурӯ мебарад, ки вайро одам дар муддати як соли том истеъмол мекунад. Миқдори моддаи заҳролуде, ки як самолёти реактивӣ ба ҳаво пош медиҳад, аз партови як автомобил дида ҳафт ҳазор маротиба бештар аст»[8]. Муносибати ҳозираи инсон бо табиат, муносибати фаъолонаест, ки аз амалиёти дигаргунсозии олам иборат аст.

Саввум, идеяи ҳамроҳ шудан ва ё нашудан ба ҷаҳонишавӣ мебошад, ки кишварҳо онро ба таври мухталиф қабул доранд. Ба ҷаҳонишавӣ ҳамроҳ шудан, барои мухолифин (антиглобалистон) ин на танҳо номи навест, балки барои ифодаи ҳаводиси куҳанмустамликахоҳии навбаромада ва тарафдоронаш далелест, ки танҳо роҳи глобаликунонӣ барои пешрафти куллии илмию техникӣ ва иҷтимоии минтақаҳои то ин дам ақибмонда мусоидат хоҳад кард. Аз назари тадқиқоти Бонки ҷаҳонӣ болоравии сатҳи ҳаёт ва инкишофи иқтисодиёти Хитой, Ҳиндустон ва дигар

[6] Турсунов А. Инсон, Атом, Кайҳон. Душанбе, 1967.
[7] Турсунов А. Инсон, Атом, Кайҳон. Душанбе, 1967.
[8] Турсунов А. Банди фалак. Душанбе, 1976.

кишварҳое, ки бист сол пеш қашшоқ буданд ва ба ҷараёни пешрафти ақлнорас ворид гардидани онон, инкишофи интернет, беҳтаршавии воситаҳои алоқа ва ҳаракат ба тамоми ҷаҳон ва паҳн гардидани беморигии СПИД ва ғ» аз зуҳуротҳои ҷаҳонишавӣ маҳсуб меёбанд[9].

Чорум: Дар асри муосир мубориза барои мафкураи ҷавонон босуръат идома дорад. Нерӯҳои ифротгаро мехоҳанд бо идеяҳои ғаразнок ба ҳадафҳои ниҳоии эгоистиашон ноил гарданд. Одамонро ба фанатизм ҳидоят менамоянд (масалан, таассуби динӣ).Фанатизм бешубҳа иллатовартарин ва харобкунандатарин падидае мебошад, ки инсон, то ҳадди охир ба идеяҳои нодурусти худ як умр тобеъ мемонад ва фикрронии догматикӣ дорад. Бинобарон, Тоҷикистон барои рушди тамоми самтҳои ҷомеа идеяи «ваҳдати миллӣ» ва «таҳаммулгароии фалсафӣ»-ро зарур медонад.

Омилҳое, ки гузариш ба иқтисодиёти сабзро таъмин намуда, табиатро ҳифз менамоянд.

Якум: Ҳамкории иқтисодӣ ё худ «гуфтугӯи тамаддунҳо».

Дар айни замон вазъи ҳозираи экологӣ талаб мекунад, ки қувваи амалипазируфтаи дониш на фақат бо идеалҳои зебой, балки бо он идеалҳои ахлоқӣ, ки дар тӯли қарнҳое чанд гуманистони халқу замонҳои мухталифро илҳоми рӯҳи бахшидаанд, сахт пайваст шавад. Дар замоне, ки назарияҳо, идея ва идеалогияҳои зиёд нуфуз доранд, халқҳо аз ҳарвақта дида ба «гуфтугӯи тамаддунҳо» ниёз доранд. Мутафаккири маъруф С.Хангтинтон (дар асараш «Бархӯрди тамаддунҳо») солҳост инҷониб ба ҷаҳониён ҳушёрие медиҳад, ки ҷаҳон дар оянда зери низои «бархӯрди тамаддунҳо» қарор хоҳад гирифт. Бидуни шак, бархӯрди тамаддунҳо дар ҷаҳон ба «ҷанги сард» миёни давлатҳо боис гардида, дар натиҷа табиату ҷамъиятро беш аз пеш хароб месозад. Ҳар як фарҳанг, ҳар як урфу одат ва ҳар як як тамаддун, қатъи назар аз ақибмондагӣ ва кӯҳнапарастона буданашон, барои дар олами ҳастӣ арзи вуҷуд кардан, ҳуқуқҳои табиӣ

[9] Глобализация, рост и бедность. Изд. ВЕСЬ МИР. М., 2004.

доранд. Давлат-миллатҳо танҳо ба воситаи ҳамкории беғараз метавонанд омилҳои харобиоварро паси сар намоянд.

Ҳамгирой сатҳи мубодилаи иқтисодиёти сабзро баланд намуд. Воридот (импорт) ва содирот (экспорт) метавонад сатҳи камбизоатиро паст намояд, ки барои ин ҳамгирой басо мусоидат хоҳад кард. Олимон тадқиқот бурданд, ки «қариб 3 млрд. нафар одамони кишварҳои рӯ ба инкишоф нав ба ҷаҳонишавӣ ҳамроҳшаванда зиндагӣ мекунанд ва дар ин кишварҳо шумораи одамони сатҳи зиндагиашон қашшоқона дар давоми солҳои 1999- то 1998 ба 120 млн паст фаромад ва бо вуҷуди ин нигоҳ накарда бархе аз кишварҳои қашшоқ бо аҳолии умумии қариб 2 млрд инсон берун аз ҷараёни глобализатсия қарор гирифтанд»[10]. Ҷаҳонишавӣ, умуман сатҳи қашшоқиро бо назардошти коршиносон паст менамояд, зеро ташкил шудани иқтисодиёти ҳамҷояи миллӣ онро тезтар инкишоф хоҳад дод ва ин раванд одатан асоси васеъ дорад. Бар замми ин, интеграсия маҳсулнокии ҳар як намуди фаъолиятро баланд мебардорад. Давлатҳои абарқудрат монеаҳои ҷиддие барои маҳсулоти кишварҳои нисбатан қашшоқ эҷод мекунанд. Дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ мағлубият ва ғолибият ҳамчун дар муносибатҳо байни кишварҳо ва инчунин дар дохили минтақа пайдо мегарданд.

Халқи мо бояд донад, ки аз ин ҷаҳонишавӣ ва ҳамгирой чӣ мегирад ва чӣ дода метавонад. Омилҳои номбаршуда вазъи муаммои муоисири байналхалқиро муайян месозанд. Идеяи сиёсатмадорон ва иқтисодчиён барои бартарафнамоии онҳо кӯмак мерасонад.

Дуввум: нақши давлат-барои аз байн бурдани камбизоатӣ.

Дар инкишофи назарияи танзими иқтисодии давлат идеяҳои Макиавеллӣ, Гобсс, Лок, Кейнс, Гегел, Фукуяма ва дигарон хеле ҷолиб аст. Аз назари Гегел нуқтаи назари фалсафӣ ба давлат ва ҳуқуқ ба он мебарад, ки қонунгузорӣ ва муайянкунии онро дар алоҳидагӣ ва абстрактӣ не, балки ҳамчун элементи як умумият бо алоқамандиии дигар боқимонда муайянкунандаҳо, кадоме, ки

[10] Глобализация, рост и бедность. Изд. ВЕСЬ МИР. М., 2004.

хислати миллат ва давлатро тартиб медиҳад; бо ҳамин муносибат онҳо аҳамияти ҳақиқии худро, инчунин тасдиқи худро ба даст меоранд[11]. Аз нигоҳи системаи ҳуқуқии Гегел бармеояд, ки давлат танзимкунандаи ҳамаи ҳуқуқҳои табиӣ мебошад. Давлат барои он сохта шудааст, ки одамонро аз бадбахтиҳои бузург наҷот диҳад. Давлат барои Гегел ин образи воқеии Худо дар замин мебошад. Барои ташаккули шароитҳои иқтисодӣ давлат метавонад имкониятҳои махсус фаро орад.

«Давлат,- менависад Вебер,- ҳамон ҷамияти одамоне мебошад, ки дар ботини соҳаи муайян ҷойгузин аст. Бо комёби ба монополияи зӯроварии қонунии ҷисмонӣ даъвогари менамояд»[12]. Яъне давлат барои он қувваи маҷбурнамоиро истифода менамояд, ки иддаи гурӯҳҳои манфиатҷӯ барои талаботҳои худ мардумро фиреб медиҳанд.

Асосгузори назарияи бозорӣ А.Смит меҳисобад, ки «*вазифаи шоҳ ё давлат барпо кардани чунин муассисоти ҷамъияти оянда, ки мумкин ба дараҷаи баланд барои ҷамъияти васеъ умуман фоидаовар шуда наметавонад, лекин бо фоидаи худ хароҷоти шахсони алоҳида ё гурӯҳи хурди одамонро пӯшонад. Бинобарон, интизорӣ кашидан, ки шахси алоҳида ё гурӯҳи хурди одамон онҳоро асос гузоранд ё хӯронанд*»[13]. ғайриимкон мебошад. Смит чунон моделеро нишон медиҳад, ки одамон бояд аз қудрати имкониятҳои хеш истифода намоянд ва давлат манфиатҳои фардии онҳоро ҳифз менамояд.

Фукуяма дар асари машҳури худ «Сильное Государство»[14] муаммоҳои байналхалқиро зери таҳлилҳои илмӣ мегирад ва роҳи ҳалли онҳоро ба «давлати абарқудрат» мегузорад. Давлат агар қудрати худро ба система даровარда, онро истифода карда тавонад, онгоҳ мушкилотҳои бузургро ҳал мекунад. Аз назари Фукуяма, муаммои сусти дастгоҳи давлатӣ ва зарурати сохтори давлати абарқудрат ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар муддати бисёр солҳо вуҷуд дошт ва ҳуҷуми 11-уми сентябри соли 2001 дар Ню-

[11] Гегелъ Г. Философия права. М.,1990
[12] Вебер М. Избр. Произв. М.,1990.
[13] Смит А. Иследование о природе и причинах богатсва народов.т 2. М.-Л. 1935.
[14] Фукуяма Ф. Сильное Государство М., 2009.

Йорк вайро хеле равшантар нишон дод ва ин ҳодиса нишонаи сустии системаҳои идоракунии давлатӣ буд. Фукуяма меҳисобад, ки давлати суст наметавонад дар пешорӯи муаммоҳо истодагирӣ намояд. Давлат тавонмандии бунёди имконияцҳоеро дорад, ки метавонад он ба пастшавии қашшоқӣ орад.

Сеюм: Рушди инсон-пешрафти иқтисод аст.

Ҳанӯз китоби С.Давлатов бо номи «Ману пул» ҳамчун рушдиҳандаи идеяи индивидуалии соҳибкорӣ рӯи кор омад. Ин китоб тавонист таваҷҷуҳи зиёди шаҳрвандонро соҳиб гашта, боиси пешрафти тафаккури ҳаводоронаш гардад. Китоби мазкур як навъ кӯшишҳои идеалиест, ки дар садаи нав фаро расидани озодии иқтисодиро нишон медиҳад. Ӯ сабабгори хушбахтӣ ва бадбахтии инсонро аз кӯшишҳояш медонад.

Ҳар гуна ҳаёти воқеӣ маҳсули хирад, омӯзиш ва рӯҳияи инсон мебошад. Одамон маҳсули идеяҳояшон буда, сарватҳои онон дар кадом сатҳ қарор доштанашонро муайян мекунад. Аз ин рӯ дарки қобилият ва истеъдод сарчашмаи ҳар гуна хушбахтӣ ва комёбиҳои иқтисодӣ мебошад. Аз назари муаллиф дар олам «зиёда аз 3 миллиард одамон дар як рӯз бо 1 доллар ҳаёт ба сар мебаранд, 2 миллиард одамони дигар савод надоранд, 1 миллиард одамон азоби гуруснагӣ мекашанд»[15]. Ҳамаи фикру андешаи одамон натиҷаи китобҳои мутолиа кардаашон аст. Бояд одамон ба идеяи худсозӣ ва шинохти воқеияти ҳаёт гузаранд. Камбизоатиро бо гузоштани пасандоз ва сармоягузорӣ метавон аз байн бурд. Агар мардум маблағашонро ҳар рӯз «1 долларӣ бо 8 фоизи солонааш пасандоз намоянд, он дар 30 сол тахминан 1,800-2 миллион доллар мешавад». Рафтори хирадмандонаи одамон метавонад зиндагии онҳоро тағйир диҳад. Одамон дар ҳаёт пеш аз ҳама бояд мақсадҳояшонро муайян намоянд. Тасаввуроти воқеи метавонад дар амал иҷро шавад. Барои наҷот аз камбизоати одамон бояд рӯҳияашонро дигаргун сохта ба ақл ва ирода бояд такя намоянд.

Чорум: Одамон баробар офарида шудаанд.

[15] Давлатов С. Ману пул. Душанбе., 2011.

Ҳанӯз Ҷон Лок эълон карда буд, ки одамон табиатан озод офарида мешаванд ва ҳамаи онҳо ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ ва моликиятро доранд. Ҳамаи одамон бояд имкониятҳои баробар дошта бошанд ва давлат онро таъмин менамояд. Гузашта аз ин Ҷ.Роулз дар асараш «Назарияи адолат» ҳанӯз ғояи баробарии имкониятҳои иқтисодиро маънидод карда буд. Одамон ҳама баробаранд ва бояд ҳиссиёти баробар будан бо дигаронро дошта бошанд. Агар дар ҷомеа ҳама аз рӯи принсипҳои баробарӣ амал намоянд, он гоҳ адолат ҳосил хоҳад шуд. Агар одамон эҳсоси идеяи ахлоқ, озодӣ, баробарӣ, виҷдон ва ғайраро надошта бошанд, ҳеҷ гоҳ адолати иҷтимоӣ зуҳур нахоҳад кард. Аз ин рӯ «хиради ноосферӣ» хеле муҳим мебошад. Бахт он гунае, ки барои мо муқаддас аст, набояд фаромӯш шавад, ки барои дигарон низ ҳамин тавр аст. Ҳисси бахтҷӯии дигаронро эҳтиром бояд кард. Дар ниҳоди рафтору тамоилҳои одамон – эгоизм, алтруизм ва манфиати ҷомеа, модели анъанавии бозор аст ва танҳо манфиати ғаразноки субъективиро аз худ кардааст, ки он манфиати бегонагонро табиатан инкор мекунад.

Бунёди ҷомеаи баробарпараст, ки дар он ҳар як фард нақши иҷтимоии воқеӣ дошта бошаду шахсият гашта, ба рушди комили худ бирасад, талаботи таълимоти ноосферӣ ва инкишофи иродаи озод, умуман нахуст талаботи замони муосир мебошад.

Хулоса: Дар айни замон фаҳмидани он душвор нест, ки марҳилаҳои вобаста ба ҳамдигар будани халқҳо ҳар лаҳза эҳсос мешавад. Муаммоҳои муосири экологӣ ва иқтисодӣ на фақат ба ҳамдигар, балки ба рафти ташаккули муносибатҳои сиёсӣ, динӣ, фарҳангӣ ва ғайра наздики доранд. Ва маҳз барои ҳамин мо бештар худро дар ҳолати омодашавӣ қарор диҳем, то хатарҳои таъкиднамудаамон ба сарнавишти халқамон таъсири манфи нагузорад. Дар ин рафти таърих ба мо лозим аст, ки ба идеяи худсозӣ ва иқтидори рӯҳиву захиравии кишварамон такя намоем. Бештари муаммоҳо ба тамоми сайёра маълуманд ва ҳамаи давлатҳо барои бартарафнамоии онҳо мубориза мебаранд. Ташакули иқтисоди сабз вобаста ба ҳимояи манфиатҳои миллии мо мебошад. Ҳар қадар ҳисси ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар ботини мардум зуҳур намояд, ҳамон қадар сатҳи камбизоатӣ паст мефарояд. Дар тамоми тӯли ҳаёти

худ одамон на танҳо бо сабаби таҳаввулотҳои ҷисмонӣ ҷаҳонро дигаргун намуданд, балки асосӣ тағйирёбии олам аз инкишофи рӯҳиву зеҳнӣ ва дарк намудани идеяи озодӣ буд. Инсоният ҳуқуқи эҷод намудани арзишҳоро дорад, аммо ихтирооте, ки башарро «як қадам ба пеш, сад қадам ба қафо мебарад» ҳаргиз набояд даст занад. Агар инсоният бо сулҳ зиндаги намуданро наомӯзад, ҳатман ҷои онро ба ҷанг медиҳад. Агар халқҳо ба сарнавишти ояндагон беэътибор бошанд, ҳаргиз бахшида намешаванд. Ташаккули иқтисоди миллии Тоҷикистон ба таври эволютсиони ҳаракат дорад ва дарку қадр намудани неъматҳо боиси тавлидшавии неъматҳои дигар мегардад. Инсоният бояд дарк намояд, ки ҳар амали нисбати табиат анҷомдодааш рӯзе ба худаш бармегардад. Ин ҳақиқати баҳснопазир аст.

Адабиёт

1.Вебер М. Избр. Произв. М.,1990.
2.Гегелъ Г. Философия права. М.,1990.
3.Глобализация, рост и бедность. Изд. ВЕСЬ МИР. М., 2004.
4.Давлатов С. Ману пул. Душанбе., 2011.
5.Захираҳои оби Тоҷикистон ва истифодаи оқилонаи онҳо// фишурдаи маърӯзаҳои конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. Хуҷанд. 2003.
6.Зубайдов У, Раҳимов М, Шарипов И. Инсоният ва экология. Душанбе., 2011.
7.Мирсаидов А. Соҳибистиқлолӣ ва ташаккули иқтисоди миллӣ. Хуҷанд, 2008.
8.Назарбоев Н. Даҳ соли бӯҳронӣ. Душанбе., 2004.
9.Рӯзномаи «Республика», 28-02-2001.
10.Смит А. Иследование о природе и причинах богатсва народов.Т 2. М.-Л., 1935.
11.Турсунов А. Инсон, Атом, Кайҳон. Душанбе., 1967.
12.Турсунов А. Банди фалак. Душанбе., 1976.
13.Фукуяма Ф. Сильное Государство. М., 2009.

## БОЗЁФТ ВА КАШФИЁТ



# *ҲИДРОГЕН - ҲОМИЛИ ОЯНДАДОРИ ЭНЕРГИЯ*



**Илолов М.И.**
*Академик АН РТ*

**Аҳмедов Х.М.**
*Академик АН РТ*

Яке аз омилҳои асосие, ки дараҷаи пешрафти ҷомеаро муайян мекунад, бо энергия таъмин будани он мебошад. Энергетикаи муосир сӯзишвориистифодабаранда буда, ба истифодаи маъданҳои табиӣ аз қабили нафт, газ, ангишт ва маҳсулоти коркарди онҳо, ки захираашон дар замин ва сайёра беохир нест, асос ёфтааст. Аз ин сабаб ҷустуҷӯи манбаъҳои нави энергия ва дар асоси онҳо ба даст овардани сузишвории синтетикӣ тақозои замон мебошад. Бузургтарин сарчашмаи энергия Офтоб маҳсуб мегардад.

Ҳидрогенро бо сабаби доштани захираҳои номаҳдуд, энергияи зиёд, қобилияти технологӣ ва тозагии экологии равандҳои табдилёбии энергия, ҳамчун ҳомили ояндадори энергия бояд баррасӣ намуд.

Имконияти истеҳсоли васеъи ҳидроген ва истифодабарии минбаъдаи он ҳамчун ҳомили энергия, сӯзишворӣ ва реагент пеш аз ҳама соҳаҳоеро, ки ба истеъмоли энергия, ба монанди нақлиёт, саноат, соҳаҳои маишиву коммуналӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ алоқамананд, хеле пурсамар мегардонад.

Иқтисодиёт ва бехатарии энергетикии бисёри давлатҳои дунё аз таъминоти устувори захираҳои нафту газ, ки аксарияти онҳо ба давлатҳои Шарқи Миёна ва Наздик, Авроосиё ва Амрикои Лотинӣ тааллуқ доранд, вобастагӣ дорад.

Дар замони ҳозира 85% талаботи ҷаҳонии захираҳои энергетикӣ аз ҳисоби сӯзишвории маъданӣ, ки тамомшаванда ва барқарорнашаванда мебошанд, таъмин карда мешавад. Ғайр аз ин, афзоиши хориҷшавии газҳои парникӣ (гулхонаӣ) ба атмосфера ба иқлими сайёра таъсири бебозгашт мерасонад.

Энергетикаи нав, алалхусус барои шаҳрҳои калон лозим аст, ки дар онҳо аз ҳаҷми умумии партовҳо то 90% партовҳоро нақлиёт ба вуҷуд меорад. Аз рӯи нишондодҳо то соли 2030 дар сайёра шумораи автомобилҳо ба 1,6 млрд мерасад. Бо назардошти дастури (директиваи) Иттиҳоди Аврупо доир ба 90 г/км маҳдуд кардани партовҳои гази карбон ($CO_2$) барои нақлиёт, метавон тахмин кард, ки аз ҳисоби ин миқдор автомобилҳо ба атмосфера чӣ қадар гази карбон ва дигар газҳо хориҷ шуда метавонанд.

Гузаронидани нақлиёти автомобилӣ ва дастгоҳҳои электрикии саноатӣ ба истифодаи сӯзишвории тозаи экологӣ, вазъи экологии муҳити зистро, хусусан дар шаҳрҳои калон, қатъиян дигаргун мекунад.

Афзоиши босуръати талаботи нерӯи барқ ба сабаби зиёдшавии шумораи аҳолӣ ва болоравии истеъмоли миёнаи энергия аз тарафи онҳо, хусусан дар давлатҳое, ки дорои сатҳи пасти даромад мебошанд, метавонад ба бахши энергетика сарбории зиёд оварад.

Камшавии захираҳои нафту газ ба пастшавии ногузири истеҳсоли онҳо, ки дар навбати худ ба баста шудани ботадриҷи фаъолияти корхонаҳои саноати нафту газ ва озодшавии ҷойҳои зиёди кории мардум оварда мерасонад, боиси болоравии бекорӣ ва ноорамиҳои иҷтимоӣ шуда метавонад.

Рушди ҳамзамони энергетикаи ҳидрогенӣ бо роҳи таъсис додани саноате, ки бо истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқолдиҳӣ, истифодабарии ҳомилони ҳидрогенӣ ва истеҳсоли намудҳои гуногуни элементҳои сӯзишвориистифодабаранда алоқаманданд аст, метавонад муттахасисони аз кор озодшуда ва дигар табақаи аҳолиро бо кор таъмин гардонад ва бо ҳамин шиддатнокии иҷтимоиро паст намояд.

Истеҳсол, коркард ва интиқоли канданиҳои сӯзишворӣ рӯз ба рӯз гаронтар меафтад ва барои таъмини бахши энергетика

ҳиссаи афзояндаи меҳнат ва сармоягузорӣ харҷ мешавад. Алҳол энергетикаи ҳидрогенӣ аз манбаҳои анъанавӣ гаронтаранд, вале аз рӯи пешбиниҳо дар оянда он дар қиёс бо гаронтаршавии канданиҳои сӯзишвории табиӣ босуръат арзон мегардад.

Дастовардҳои илмию техникии асри XX, яъне ихтироот, корҳои илмӣ ва технологияҳои нав имкон медиҳанд, ки сӯзишвории ҳидрогенӣ ба андозаи зарурӣ ба даст оварда шавад ва элементҳои сӯзишвори истифодабарандаи конструксияҳо ва модификатсияҳои гуногун истифода шаванд.

Яке аз мақсадҳои асосии ҷорӣ намудани энергетикаи ҳидрогенӣ ин коҳиш додани партови газҳои парникӣ мебошад. Истифодабарии чунин манбаъҳои барқароршавандаи энергия, ба монанди нерӯгоҳи обӣ, нерӯгоҳи маддӣ (приливные), нерӯгоҳи офтобӣ, нерӯгоҳи бодӣ ва нерӯгоҳи геотермалӣ имкон медиҳанд, ки ба воситаи электролизи об ҳидроген истеҳсол карда шавад.

Истеҳсоли ҳидроген ба воситаи электролизи об пештар низ истифода мегардид. Ин усул истифодаи саноатии худро дар бахши озуқаворӣ ва дигар соҳаҳо, ки дар онҳо миқдори муътадили ҳидроген зарур аст, пайдо кардааст.

Дар айни замон дар тамоми ҷаҳон миқдори зиёди дастгоҳҳо ва корхонаҳои истеҳсоли ҳидроген бо электролизи об аз ҳисоби энергияи электрикии аз неругоҳи обӣ гирифташуда, фаъолият мекунанд. Имрӯзҳо ин роҳи нисбатан коркардашуда ва камхарҷи истеҳсоли ҳидроген ба ҳисоб меравад ва дар кишварҳое, ки канданиҳои сӯзишвории кам ва захираҳои бои гидроэнергетикӣ доранд (ба монанди Норвегия ва Япония), васеъ истифода мешавад. Андозаи имконпазири истеҳсоли ҳидроген дар ин сурат бо иқтидори гидроэнергетикии дарёҳо муайян карда мешавад.

Агар аксарияти мутлақи корхонаҳои истеҳсоли аммиак ҳидрогенро, ки на бо роҳи электролизи об, балки аз канданиҳои карбогидриддор (нафт, газ), истифода баранд, пас корхонаҳои озуқавориву дорусозӣ усули электролитиро васеъ истифода мебаранд, зеро он имкон медиҳад ки ҳидрогени тозаи дараҷаи баланд - 99.99% ба даст оварада шавад.

Барои як қатор вазифаҳои мушаххас мувофиқатии «электролизер-элементи сӯзишвориистифодабаранда», ки усули

беҳтарини захиракунии энергия аст, муҳим мебошад. Дар оянда истифодаи электролизёрҳо дар пойгоҳҳои гази ҳидрогенӣ, барои пур кардани воситаҳои нақлиёти бо элементҳои сӯзишвориистифодабаранда коркунанда муҳим аст.

Электролиз назар ба усулҳои дигари ба даст овардани ҳидроген як қатор афзалиятҳоро дорост, аз ҷумла: тозагии баланди ҳидроген то 99,99%; соддагӣ ва пайвастагии раванди технологӣ, имконияти худкоргардонӣ, набудани қисмҳои ҳаракаткунанда дар электролизёр; ба даст овардани маводҳои муҳим – оксиген ва оби вазнин; мавҷудияти миқдори номаҳдуди ашёи хоми арзон – об; мӯҳлати дарози истифодабарии электролизёрҳо; имконияти афзоиши тавоноии дастгоҳҳо бо доираи васеъи самаранокии истеҳсоли ҳидроген аз як литр то садҳо метри муккааб ҳидроген дар як соат.

Саҳми асосиро дар арзиши ҳидрогени электролизӣ ки ба 70-90% баробар аст, хароҷоти ба энергияи электрикӣ вобаста ташкил медиҳад. Арзиши истеҳсоли ҳидроген ба манбаи энергияи электрикии барои ҷудокунии об истифодашаванда вобаста буда, то 3-6 маротиба назар ба истеҳсолкунии ҳидроген аз гази табиӣ зиёдтар мебошад. Барои ҷудокунии об ба ҳидроген ва оксиген энергияи зиёдтаре назар ба энергияе, ки ҳангоми сӯзиши ҳидроген ҷудо мешавад, лозим аст. Аммо чунин нақша дар ҳолатҳое, ки арзиши аслии энергияи электрикӣ кам буда, истифодабарии ҳидроген ҳаётан муҳим аст, комилан асоснок мебошад. Ҳамзамон дар мавриди мавҷуд будани энергияи электрикии арзон, ки дар нерӯгоҳи обӣ ё энергияи электрикии «барзиёд (зиёдатӣ)» дар вақти шабона ё дар мавсими тобистон истеҳсол мешавад, метавонад ба истеҳсоли ҳидроген равона шавад ва истеҳсоли электролитии ҳидроген манфиатнок гардад. Аммо омили асосии муайянкунандаи рақобатпазирии электролизер на арзиш, балки самаранокӣ, яъне зариби кори фоиданоки он мебошад.

Тайи солҳои охир аз сабаби захираҳои калон ва тозагии экологӣ доштани офтоб, ғояи (консепсияи) энергетикаи офтобии ҳидрогенӣ оммавӣ ва оқилона гардида истодааст, ки он ба табдилдиҳии энергияи офтоб ба энергияи химиявӣ дар натиҷаи ҷудошавии об асос ёфта, тамоми афзалияти ҳидрогенро ҳамчун

сӯзишвории синтетикӣ ва энергияи офтобро ҳамчун манбаи аввалаи энергия дарбар мегирад.

Дар бисёр кишварҳо миқдори энергияи офтобие, ки ба бомҳо ва деворҳои бино меафтад, аз истеъмоли энергияи солонаи сокинони ин хонаҳо зиёд аст. Истифодабарии нури офтоб ва гармии он яке аз усулҳои оддитарин ва аз ҷиҳати экологӣ тозатарини истеҳсоли гармӣ ва энергияи электрикӣ аз тарафи сокинони сайёра мебошад. Бо ёрии коллекторҳои офтобӣ хонаҳои зист ва биноҳои тиҷоратиро гарм ва онҳоро бо оби гарм таъмин кардан мумкин аст.

Ҳангоми истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия барои тавлиди ҳидроген ба воситаи электролизи об, аввал энергияи электрикиро (аз батареяҳои офтобӣ, генератори бодӣ, биомасса ё манбаи геотермалӣ) истеҳсол намуда, сипас онро дар дастгоҳҳои электролизӣ барои истеҳсол кардани ҳидроген аз об истифода мебаранд.

Нерӯгоҳҳои фотоэлектрикии офтобӣ ҷоришавии кафолатноки энергияро бевосита дар ҷои истеъмоли он таъмин мекунанд ва дар ин ҳолат пардохт барои сӯзишворӣ ва интиқоли он, ки арзишаш рӯз то рӯз зиёд мегардад, вуҷуд надорад. Технологияи истеҳсоли табдилдиҳакҳои офтобӣ ва электрохимиявӣ бо суръати баланд вусъат меёбад ва арзиши онҳо сол то сол паст мегардад. Бинобар ин нерӯгоҳҳои офтобӣ ва шамолӣ бо захиракунаки энергияи ҳидрогенӣ дурнамои хуб доранд.

Миқдори энергияи офтобие, ки ба замин меояд, аз захираҳои ҷаҳонии нафт, газ, ангишт ва дигар захираҳои энергетикӣ якчанд маротиба зиёдтар аст. Истифодабарии танҳо 0.0125% энергияи Офтоб талаботи имрӯзаи ҷаҳонро ба энергетика ва истифодабарии 0.5% энергияи офтоб бошад, талаботи энергетикии аҳолии ҷаҳонро дар оянда ба пуррагӣ таъмин карда метавонад[1].

Аммо миқдори энергияи офтобие, ки ба сатҳи замин меояд, аз ҳолати атмосфера, давомнокии рӯзи офтобӣ, вақти рӯз ва

[1] Назаров С.К. Сезонное аккумулирование возобновляемых источников энергии. «Молодой ученый», 2012, т.40, №5, с. 50-52.

мавсими сол вобастагӣ дорад. Падидаи асосии атмосферӣ, ки муайянкунандаи миқдори радиатсияи офтобии то ба сатҳи замин расанда мебошад ин абр аст. Дар ҳар нуқтаи Замин радиатсияи офтобие, ки ба сатҳи Замин меояд, бо зиёдшавии абрнокӣ паст мегардад.

Камшавии шиддатнокии энергияи офтобӣ дар мавсими тирамоҳу зимистон истифодабарии мавсимии дастгоҳҳои офтобии энергия- истеҳсолкунандаро кам мекунад. Бо роҳи ҷудокунии об ба ҳидроген ва оксиген бо истифодабарии энергияи Офтоб ва шамол мушкилии мавсимии захиракунии энергияи офтобӣ ва шамолиро, ки аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад, метавон ҳаллу фасл намуд.

Системаҳои ҳидрогении захиракунии энергия барои баланд бардоштани самаранокии истифодабарии манбаъҳои анъанавӣ ва барқароршавандаи энергия, барои мувофиққунии нобаробарии реҷаи истеҳсол ва истеъмоли энергия, барои баробар намудани реҷаи шабонарӯзии истеъмолкунандагон дар шабакаҳои электрикии маишӣ ва саноатӣ, барои кам кардани сарбории экологӣ ба табиат лозим мебошанд. Системаҳои ҳидрогении захиракунии энергия экологӣ ва бесадо буда, дорои имконоти зиёд ва зариби кори фоиданоки нисбатан баландро соҳиб мебошанд.

Самти асосии коркардҳои муосир доир ба истифодабарии ҳидроген дар бахши энергетика – генераторҳои электрохимиявӣ, яъне элементҳои сӯзишвори истифодабаранда, мебошанд.

Элементи сӯзишвори истифодабаранда – ин дастгоҳи электрохимиявии ба дастгоҳҳои галваникӣ монанд мебошад, вале бо он фарқ мекунад, ки моддаҳо барои реаксияи электрохимиявӣ аз берун дода мешаванд (бар хилофи ба миқдори энергияи маҳдуд, ки дар элементи галваникӣ ё аккумулятор захира шудаанд). Элементҳои сӯзишвори истифодабаранда ба мисли мошинҳои бо сӯзишвори коркунанда маҳдудияти зариби кори фоиданокро надоранд. Бинобар ин онҳо метавонанд зариби хеле баланди табдилёбии энергияи химиявӣ ба энергияи электрикиро дошта бошанд.

Таваҷҷуҳи бештар ба элементҳои сӯзишвори истифодабаранда тавассути омилҳои зерин ба вуҷуд омадааст:

- бад шудани вазъи экологӣ дар тамоми шаҳрҳои калони ҷаҳон дар натиҷаи якбора зиёд шудани парки автомобилӣ. Дар ин ҷо қайд кардан зарур аст, ки миқдори партовҳои хоси моддаҳои заҳролуд аз дастгоҳҳои энергетикӣ дар асоси элементҳои сӯзишвориистифодабаранда дар баробари беовоз фаъолият карданашон, аз партовҳои дастгоҳҳои энергетикии анъанавӣ то 1.5-2.5 дараҷа пасттар мебошад;
- зарурати зиёдкунии мӯҳлати кори бафосилаи дастгоҳҳои электронии андозаашон хурд, ба монанди телефонҳои мобилӣ, компютерҳои дастӣ, таҷҳизоти маишии электронии андозааш хурд ва ғайра бо роҳи ивазкунии батареяҳои оддӣ ва аккумуляторҳо дар онҳо ба манбаъҳои таъминкунандаи энергияи ғунҷоишашон нисбатан васеъ;
- вобаста ба зариби баланди кори фоиданоки дастгоҳҳои энергетикӣ дар асоси элементҳои сӯзишвориистифодабаранда, ки аз 40 то 70%-ро ташкил медиҳад ва аз тавоноии муқарраршуда ва сарборӣ кам вобастагӣ дорад, дар ҳоле, ки зариби кори фоиданоки мошинҳои бо сӯзишворикоркунанда (муҳаррикҳои дарунсӯз, муҳаррикҳои дизелӣ ва ғайра) аз 40% зиёд намебошад.

Элементҳои сӯзишвориистифодабаранда кайҳо ва бо муваффақият дар киштиҳои кайҳонӣ барои истеҳсоли энергия ва об барои кайҳоннавардон истифода мешаванд. Дар Ҷопон зиёда аз 30 сол мешавад, ки нерӯгоҳи бо элементи сӯзишвориистифодабарандаи тавоноиаш 4.5 МВт бо муваффақият кор мекунад.

Элементҳои сӯзишвориистифодабарандаи ишқорӣ бештар коркард шуда, дар шабақаҳои энергетикии мустақил (автономӣ) дар кайҳоннавардӣ, ва флоти ҳарбии баҳрӣ васеъ истифода бурда мешаванд.

Элементҳои сӯзишвориистифодабаранда бо пардаҳои (мембранаҳои) протонӣ ҳамчун электролит ба сабаби андозаи хурд ва истифодабарии қулай метавонанд дар дастгоҳҳои энергетикии андозаашон хурд ва миёна, аз ҷумла дар воситаҳои нақлиёте, ки бо ҳидроген кор мекунанд ва мӯҳлати хизмати онҳо 30 ҳазор соат аст, бо муваффақият истифода шаванд.

Дар айни замон зариби кори фоиданок ЗКФ-и элементҳои сӯзишвориистифодабаранда, ки бо ҳидроген кор мекунанд, барои автомобилҳои сабукрав тақрибан 40%-ро дар муқоиса бо 25-30 фоизи муҳаррикҳои дарунсӯз, ки бо бензин кор мекунанд, ташкил медиҳад. Ҳангоми фаъолияти нопурра, системаҳо бо элементи сӯзишвориистифодабаранда нисбат ба фаъолияти пурра зариби кори фоиданоки баландтар доранд, ки ҳангоми истифодабарии онҳо дар воситаҳои нақлиёте, ки дар доираи шаҳр бо сарборӣ кор мекунанд, хеле зарур аст. Ғайр аз ин, автомобилҳо бо элементи сӯзишвориистифодабаранда, ки бо ҳидроген кор мекунанд, афканиши сифрии газҳои парникӣ ва ҳангоми ҳаракат дараҷаи пасти садоро доро мебошанд. Ҳамчунин ҳангоми мавҷудияти сӯзишвории иловагӣ воситаҳои наклиёти ҳидрогендор дар назди хона истода, метавонанд ҳамчун генератори энергияи электрикӣ низ кор кунанд.

Дастгоҳҳои энергетикӣ дар асоси элементҳои сӯзишвориистифодабаранда метавонанд истеъмолкунандагони зеринро бо қувваи барқ, гармӣ ва оби нӯшокӣ таъмин созанд [2]: нақлиёти автомобилӣ (автобусҳо, автомобилҳои боркаши калон, самосвалҳо (худпартоҳо)); нақлиёти роҳи оҳан (маневрӣ, магистралӣ (шоҳрой)); нақлиёти обӣ (дарёӣ ва баҳрӣ); хоҷагии қишлоқ (деҳотҳо, коттеҷҳо, хоҷагиҳои парандапарварӣ ва чорводорӣ); манбаъҳои таъминкунандаи дастӣ (телефонҳои мобилӣ, компютерҳо, техникаи электронии маишӣ); хоҷагии коммуналӣ (хонаҳо ва маҳаллаҳои хурди шаҳрҳои калон, шаҳракҳои деҳмонанд ва шахрмонанд); шаҳракҳои вахтагӣ (газгар, нафтчӣ ва геологҳо); дастгоҳҳои пармакунанда (рӯизаминӣ ва баҳрӣ); истеҳсолоти химиявӣ (бо маҳсулоти ҳидрогендоштаи ғайриасосӣ).

Барои истифодабарӣ дар нақлиёти автомобилӣ элементҳои сӯзишвориистифодабарандаи сахтполимерӣ хеле мутобиқанд. Ба ин навъ элементҳои сӯзишвориистифодбаранда заҳролудкунии (ифлоскунии) муҳити зист хос нест. Самаранокии баланди мусоидаткунандаи сарфаи сӯзишворӣ ва сатҳи пасти ҳарорати корӣ имкон медиҳад, ки система зуд ба кор даромада, реҷаи корӣ барояд. Элементҳои сӯзишвориистифодабарандаи сахтполимерӣ ҳатто ҳангоми суръати пасти ҳаракати автомобил, (40 км/соат),

мӯҳлати хизмати то 50 ҳазор соатро доранд. Элементи сӯзишвориистифодабаранда метавонад тақрибан дар масофаи 2 млн. км муҳаррики автомобилро бо сӯзишворӣ таъмин намояд. Азбаски мӯҳлати хизмати элементи сӯзишвориистифодабаранда нисбат ба мӯҳлати хизматрасонии бордони автомобил хеле зиёд аст, он вақт элементҳои сӯзишвориистифодабаранда метавонанд барои насб дар автомобилҳои нав боз истифода шаванд.

Ширкати Ballard Power System-и Канада элементҳои сӯзишвориистифодабарандаро барои истифодабарӣ дар воситаҳои нақлиёт истеҳсол мекунад. Автобусҳое, ки бо элементи сӯзишвориистифодабарандаи ин ширкат кор мекунанд, ҳидрогени фишурдаро ба сифати сӯзишворӣ истифода мебаранд. Дар автобусҳо муҳаррикҳои иқтидорашон 275 қувваи асп, ки муҳити атрофро тамоман заҳролуд намесозанд, насб карда шудаанд. Автобусҳо нишондиҳандаҳои хеле хуб дошта, дар суръати ҳаракати максималӣ 95 км/соат дарозии то 580 км роҳро тай мекунанд [3].

Ширкатҳои Daimler – Benz-и Олмон, авиагигантҳои Ford, Mazda ва General Motors миқдори маҳдуди автомобилҳои боркашро, ки дар асоси элементҳои сӯзишвориистифодабаранда фаъолият доранд, истеҳсол мекунанд. Намудҳои автобилҳои самаранок ба монанди EV 1-и ширкати General Motors метавонанд 180 км роҳро бо сарфаи 14 кВт.с энергияи электрикӣ тай кунанд, ки он аз 1 кг ҳидрогене, ки дар гидриди массаи на кам аз 100 кг захира шудааст, метавонад истеҳсол шавад. Корпоратсияи Boeing пешгӯӣ кардааст, ки элементҳои сӯзишвориистифодабаранда дастгоҳҳои ёрирасони энергетикиро дар авиатсия тадриҷан иваз хоҳанд кард. Институти тадқиқотии роҳи оҳани Ҷопон қатораро дар асоси элементҳои сӯзишвориистифодабарандаи ҳидрогенӣ санҷидааст, ки суръати то 120 км/соат дошта, то 300 км роҳро тай мекунад[2].

Дар Олмон киштиҳои зериобии навъи U-209 бо ду элементи сӯзишвориистифодабаранда истеҳсол мешаванд, ки ҳар яки онҳо бо тавоноии 120 кВт истеҳсоли Siemens AG буда, дар асоси

[2] Полякова Т.В. Состояние и перспективы водородной энергетики в России и в мире. Аналитическая записка. Центр глобальных проблем ИМИ.-М.: 2012, 37 с.

ҳидроген кор мекунанд. Киштӣ тамоман бе овоз кор карда, дар қувваҳои мусаллаҳи Олмон истифода мешавад.

Аввалин истифодаи амалии элементҳои сӯзишвориистифодабаранда дар киштии кайҳонӣ рух додааст, ки талаботи асосӣ дар онҳо на арзиш, балки эътимоднокии техникӣ мебошад. Элементҳо дар асоси ҳидроген ва оксиген кор мекарданд, ки захираи онҳо аллакай дар киштии кайҳонӣ барои эҳтиёҷоти дигар вуҷуд дошт. Дар баромади элементҳои сӯзишвориистифодабаранда оби нӯшокие, ки барои кайҳонавардон хеле зарур аст, ҳосил мешуд. Фаъолияти бепартови элементҳои сӯзишвориистифодабаранда ҳангоми истифодабарии ин дастгоҳҳо чи дар олотҳои хурди зериобӣ ва чи дар киштиҳои зериобии калон хеле муфид мебошад.

Элементҳои сӯзишвориистифодабаранда тозагии баланди экологӣ доранд. Маводи хароҷотӣ барои элементҳои сӯзишвориистифодабаранда танҳо зарфҳои сӯзишворӣ ва маводи асосии реаксия - оби муқаррарӣ мебошад. Ивазкунии батареяҳо ва аккумуляторҳои имрӯза ба элементҳои сӯзишвориистифодабаранда имкон медиҳанд, ки ҳаҷми партовҳои дорои моддаҳои заҳролуд ва барои муҳити зист зарарноки дар батареяҳо ва аккумуляторҳо мавҷуда ва коркарди онҳо хеле кам карда шавад.

Элементҳои сӯзишвориистифодабаранда нисбат ба автомобилҳои бо сӯзишвории анъанавӣ коркунанда як қатор афзалиятҳо доранд, аз ҷумла[3]:

- набудани овоз (садо) дар вақти кор;
- набудани олудагии муҳити атроф;
- имконияти баланд бардоштани иқтидор ва истеҳсоли васеъ ба туфайли сохтори модулии онҳо;
- имконияти ҷойгиршавӣ ва истифодашавӣ дар минтақаҳои истиқоматии сераҳолӣ, ки сарфаи калони хатҳои интиқоли барқро медиҳад (набудани зарурати кашидани хатҳои интиқоли барқ);

[3] Нетрадиционные возобновляемые источники энергии. Сост. В.Д.Плынкин. Ижевск, «Удмурский университет». 2013, 172 с.

- имконияти истифодабарии гармии партофташуда бо мақсади таъминкунии гармӣ дар ҳолати ҷойгиршавии нерӯгоҳҳои барқӣ бо элементҳои сӯзишвориистифодабаранда дар ҷойҳои аҳолинишин;
- имконияти тавлиди нерӯи барқ бо истифодаи ҳарорати баланди газҳое, ки аз баъзе намуди дастгоҳҳои энергетикӣ бо элементи сӯзишвориистифодабаранда хориҷ мешаванд;
- андозаҳои хурд, яъне миниатурии дастгоҳҳои энергетикӣ (таносуби хурди вазн ва ҳаҷми дастгоҳ ба иқтидори истеҳсолшаванда);
- эътимоднокии баланд ва хароҷоти ками истифодабарӣ.

### *Соҳаҳои истифодабарӣ ва сохтори истеъмоли ҳидроген*

То худи соли 1960-ум ҳидроген дар бисёр кишварҳо дар шакли гази маишӣ барои равшаннамоии кӯчаҳо ва инчунин барои эҳтиёҷоти рӯзгор (пухтупаз, гармӣ ва чароғон кардани кӯчаҳо) истифода мешуд.

Ҳидроген барқароркунандаи хуб буда, дар технологияи химиявӣ, филизкоркарди хокагӣ, мошинсозӣ ва микроэлектроника васеъ истифода бурда мешавад[4]. Дар байни ҳамаи газҳои маъмул ҳидроген дорои гармигузаронии баландтарин, ки дар ҳарорати хона ва фишори атмосфера ба 0.182 Вт.м/К баробар аст, часпакии хеле паст ($8.92 \cdot 10^{-5}$Пас) ва гармихориҷкунии зиёд (120.7 МД/кг баробар ба 33.5 кВт./кг. ё 3 кВт./м$^3$ ҳидроген) мебошад. Часпакии пасти ҳидроген имкон медиҳад, ки онро барои камкунии соиш дар қисмҳои ҳаракатноки турбогенераторҳои энергетикаи гармоӣ (ҳароратӣ) ва атомӣ самаранок истифода кунанд. Дар ҷадвали 1 гармоии сӯзиши намудҳои гуногуни сӯзишвориҳо оварда шудаанд[5].

*Ҷадвали 1*

---

[4] Кулик О.Н., Чернышев Л.И. Основные направления развития водородной энергетики (Обзор). НАН Украины, Ин-т проблем материаловедения им. И. Н. Францевича.- Киев, 2013, 40 с.

[5] Гамбург Д.Ю., Семенов В.П., Дубовкин Н.Ф., Смирнова Л.Н. Водород. Свойства, получение, хранение, транспортировка, применение. Справочник. Под. ред. Д.Ю. Гамбурга., Н.Ф. Дубовкина.- М.: Химия, 1989, 672 с.

Гармоии сӯзиши намудҳои гуногуни сӯзишвориҳо

| **Сӯзишворӣ** | **Энергия, ккал./г** |
|---|---|
| Ҳидроген | 34.0 |
| Нафт | 10.3 |
| Ангишт | 7.8 |
| Равғани беданҷир (касторовое масло) | 9.1 |
| Чӯб | 4.2 |

Аз ҷадвали 1 бармеояд, ки ҳидрогенро метавон сӯзишвории оянда шумурд, зеро он сӯзишвории аз ҳама сабуки дорои энергияи зиёдтарин дар воҳиди масса мебошад. Гармии сӯзиши ҳидрогенро ба осонӣ ба энергияи химиявӣ, механикӣ ва электрикӣ бо зариби кори фоиданоки баланд метавон табдил дод. Зариби кори фоиданоки истифодабарии ҳидроген дар автомобилҳо 60%-ро ташкил медиҳад, дар мавриде, ки сӯзишвории бензинӣ 25%-ро ташкил медиҳад.

Дар расми 1 (а, б) ва дар расми 2 сохтори коркард, истеъмол ва истифодабарии ҷаҳонии ҳидроген нишон дода шудааст[6].

[6] Тарасов Б.П., Лотоцкий М.В. Водородная энергетика: прошлое, настоящее, виды на будущее. -Рос. хим. ж. 2006, т.1, №6, с. 5-18.




Расми 1. Сохтори коркард (а) ва истифодабарии (б) ҷаҳонии ҳидроген.



Расми 2. Истифодабарии ҳидроген: 1 – истеҳсоли нуриҳои минералӣ; 2 –истеҳсоли кислотаи хлорид; 3 – ҳамчун сӯзишвории автомобилҳо; 4 – ҳамчун сӯзишворӣ дар муҳаррикҳои мушакҳо (ракета); 5 – ҳангоми кафшер ва буриши филизҳо (металл); 6 – ҳангоми ҳосил кардани филизҳои мушкилгудоз; 7 – барои гирифтани равғани сахт (маргарин); 8 – ҳангоми синтези спирти метилӣ ва дигар маҳсулотҳои органикӣ.

Аз расмҳо дида мешавад, ки истеъмолкунандагони фаъоли ҳидроген саноати химиявӣ ва коркарди нафт (95%) мебошанд. Ҳидроген дар истеҳсоли нуриҳои минералӣ, истеҳсоли аммиак ва дар раванди сершумори синтези органикӣ (истеҳсоли метанол, кислотаи хлорид ва азот) реагенти муҳим мебошад. Дар коркарди нафт ҳидроген ҷои махсусро ишғол менамояд (ҳидрокрекинг, ҳидротозакунӣ). Истифодабарии он дараҷаи коркарди нафти хомро боло бардошта сифати маҳсулоти пастсифатро (сӯзишвории карбогидридӣ) баланд мебардорад[7].

Нисфи зиёди ҳидрогени истифодакардашудаи ҷаҳон то ба имруз ҳамчун ашёи хом истифода мешавад. Қисми дигар дар равандҳои техникӣ, ки бо иштироки ҳидроген (ҳидрогенизатсия, туршшавӣ ва ғайра) ҷорӣ мегарданд истифода мешавад. Таъсири туршшавии ҳидроген дар филизкоркарди хокагӣ, коркарди филизӣ, истеҳсоли шиша, ёқутҳои синтетикӣ, барои ҳосил кардани молибден, волфрам ва дигар филизҳо ҳангоми кафшери оксигенӣ–ҳидрогенӣ ва атомӣ-ҳидрогенӣ, буриши газӣ ва лаҳим кардан ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Истифодаи ҳидроген дар микроэлектроника асосан ба истеҳсоли силитсий бо роҳи барқароркунии $SiCl_4$ алоқаманд аст[8].

Истеъмолкунандаи асосии ҳидроген ҳамчун сӯзишворӣ кайҳоннавардӣ мебошад. Мувофиқат дар элементҳои сӯзишвориистифодабаранда «ҳидрогени моеъ (сӯзишворӣ) – оксигени моеъ (оксидкунанда)» ҷудокунии максималии

---

[7] Тарасов Б.П., Лотоцкий М.В. Водородная энергетика: прошлое, настоящее, виды на будущее. -Рос. хим. ж. 2006, т.1, №6, с. 5-18.

[8] Маляренко В.А., Федоренко Г.М., Губин С.В., Яковлев А.И. Изучаем земной и космический водород. Часть1- Альтернативные источники энергии, 2013, №1, с.40-48.

Melis A., Happy T. Hydrogen production: Green algae as a source of energy//Plant Physioljgy.-2001, vol.127, p.740-748.

энергияро ба воҳиди вазн таъмин месозад, ки ин омили муайянкунанда дар кайҳоннавардӣ мебошад.

Ҳидроген дар саноати хурокворӣ ҳангоми гидрогенизатсияи равғанҳои растании табиӣ, дар тиб (перекиси ҳидроген), дар метрология истифода бурда мешавад.

Ҳудудҳои васеи афрӯзиши ҳидроген 4.7-74% (ҳаҷ.) дар муқобили 0.5-6.0% (ҳаҷ.) барои бензин онро барои муҳаррикҳои дарунсӯз сӯзишвории беҳтарин мекунад. Суръати сӯзиши омезиши ҳидрогени ҳавоӣ дар муҳаррик 3 маротиба зиёдтар, вале энергияи афрӯзиш 14 маротиба нисбат ба омезиши изооктани ҳавоӣ камтар мебошад ва дар ин ҳолат зариби кори фоиданоки нисбатан баландтар ба даст меорад[9] [11-13].

Чунин хусусиятҳои ҳидроген онро ҳатто ба сифати илова барои истифода дар муҳаррикҳои дарунсӯз фавқулодда самаранок мегардонад.

Муҳаррикҳои дарунсӯзи муосир бе тағйироти қатъии банду баст ва системаҳои афрӯзишӣ метавонанд ба муҳаррикҳои ҳидрогенӣ бо тавоноии хуруҷии хеле калон табдил дода шаванд. Илова бар ин муҳаррикҳои дарунсӯз бо сӯзишвории ҳидрогенӣ имкон медиҳанд афрӯзиш тавассути тафсондан ба ҷои афрӯзиши шарорадори гаронарзиш истифода бурда шавад. Сӯзишвории ҳидрогенӣ ба муҳаррик қабати карбонӣ ё сурбӣ намедиҳад. Маҳсулоти сӯзиши химиявӣ зараровар нестанд, аз ин ҷиҳат фарсудашавии муҳаррик ва истеъмоли равған ҳангоми амалиёт хеле кам мешавад. Париши ҳидроген (летучесть водорода) дар якҷоягӣ бо қобилияти афрӯзишии он имкон медиҳад, ки муҳаррик зуд ба ҳаракат дароварда шавад, ин бошад ҳидрогенро ба сӯзишвории беҳамто дар шароитҳои сард, бахусус дар сардии қутбӣ (шимолӣ) табдил медиҳад.

---

[9] Афанасьев А.Н., Бортиков Л.Н., Кирилов В.А., Кузьмин В.А., и др. Использование водорода и водородосодержащих газов в двигателях внутреннего сгорания. Труды II Международного симпозиума по водородной энергетике. - М.: 1-2 ноября 2007, с. 113-115.

Hodson M., Marvin S. Technology Characterisation of the Hydrogen Economy. Work. Pap.1, May 2004, Centre for Sustainable Urban and Regional Futures. [Электронный ресурс]. Режим доступа, сайт: http://www.surf.salford.ac.uk.

Радченко Р.В., Мокрушин А.С., Тюльпа В.В. Водород в энергетике: Учебное пособие. – Екатеринбург.: Изд-во Урал. ун-та, 2014, 229 с.

Ба афзалиятҳои ҳидроген ҳамчун ивазкунандаи сӯзишвории минералӣ дар оянда инҳо дохил мешаванд[10]:

- дараҷаи паҳншавии васеъи об дар уқёнусҳо, ки барои гирифтани миқдори зарурии ҳидроген кофист;
- ифлоснашавии муҳити зист ҳангоми гирифтани энергия.

Ҳангоми сӯхтани ҳидроген дар оксиген ихроҷҳои заҳролуд ғоибанд, вале ҳангоми сӯхтан дар ҳаво назар ба муҳаррикҳои дарунсӯз, ки бо бензин кор мекунанд, хеле каманд. Ғайр аз ин таҳқиқотҳои зиёд нишон доданд, ки ба туфайли фаъолияти физикию химиявии баланди ҳидроген 5-10%-и иловаи он ба бензин кифоя аст, ки заҳролудии газҳои ихроҷӣ то 75% ва сарфи сӯзишворӣ то 40% кам карда шавад. Истифодаи ҳидроген яке аз камбудиҳои асосии муҳаррикҳои автомобилӣ, пастшавии якбораи зариби кори фоиданокро аз 30% то 10% дар сарбориҳо қисман дар шароити амалиёти шаҳрӣ бартараф мекунад. Илова намудани 10%-и ҳидроген ба бензин сарфаи сӯзишвориро то 30-40% дар сарбориҳои қисмӣ баланд мебардорад. Ин ба он вобаста аст, ки (тавре дар боло нишон дода шуд) бузургии интиҳоии афрӯзиш барои ҳидроген фосилаи назар ба бензин васеътарро дорад.

- миқёси васеъи истеъмоли он дар саноат ҳамчун реагенти химиявӣ;
- қобилияти баланди гармидиҳӣ дар воҳиди масса, ки ба 120.7 МДҷ/кг баробар аст. Пуррагии сӯзиш дар саросари доираи таносуби сӯзишворӣ/оксидкунанда, ҳарорати баланди шӯъла ва зариби кори фоиданоки гармидиҳӣ, ки барои муҳаррикҳои дарунсӯз 30-50% нисбат ба кори он бо бензин баландтар аст[11];
- дурнамои истифодабарии манбаъҳои мустақили энергия бо элементҳои сӯзишвориистифодабаранда асос ёфта, ки дар онҳо ҳидроген ҳамчун барқароркунанда истифода мешавад;
- идорашавандагӣ. Дар ҳарорати муҳити атроф, реаксияи

[10] Виноградов Д.В. Современное состояние водородной энергетики. Вопросы атомной науки и техники. Серия: Вакуум, чистые материалы, сверхпроводники, 2006, №1, с.153-155.

[11] Понамарев Степной Н.Н. Атомно-водородная энергетика.- Атомная энергия, 2004, т.96, вып.6, с.412-425.

ҳидроген бо оксиген хеле оҳиста мегузарад. Бо ёрии катализатор суръати реаксияро дар доираи васеъ идора кардан мумкин аст.

То имрӯз ҳидроген дар бозори ҷаҳонӣ зиёда аз 150 млн т.-ро ташкил медиҳад, ки аз он 75 млн. т дар ИМА истеҳсол мешавад. Истифодаи ҳидроген дар техникаҳои мушакӣ (ракетагӣ), масалан дар ракетаи РКК «Энергия», ки дар онҳо ҳидроген ҳамчун сӯзишворӣ дар муҳаррикҳои ракетии моеъ истифода бурда мешавад, омӯхта шудааст[12].

Роҳҳои зерини ояндадори истифодабарии ҳидроген мавҷуданд:

- сӯзишворӣ барои воситаҳои нақлиёти заминӣ ва баҳрӣ махсусан ҳангоми истифодаи элементҳои сӯзишвориистифодабарандаи пурсамар;
- сӯзишворӣ барои дастгоҳҳои калони парвози ҳавоӣ ва кайҳонӣ, ба туфайли баланд будани таносуб байни энергияи дохилӣ ва массаи ҳидроген ҳангоми ҳароратҳои криогенӣ;
- сӯзишворӣ барои истихроҷи гармӣ ва энергияи электрикии мутамарказ ва маҳалӣ;
- ҳомили энергия барои интиқоли энергия ба масофаҳои дур.

Тиҷоратикунонии техникаи ҳидрогенӣ, технология ва системаҳои энергетикии ҳидроген дар замони ҳозира дар ҷаҳони тараққиёфта, ки дар ҳалли бо муваффақияти технологияи муайян асос ёфтааст, метавонанд дохилшавии воқеии иқтисоди ҳидрогениро дар солҳои наздик дар ҳаёти кишварҳои пешрафта таъмин намоянд.

Илова бар ин, нигоҳдорӣ, интиқол ва истифодабарӣ ба миқдори зиёд бо як қатор мушкилиҳо алоқаманд аст. Масалан, ҳангоми истифодаи ҳидроген ҳамчун сӯзишвории синтетикӣ дар муҳаррикҳои дарунсӯз массаи он аз массаи балоне ки ҳидроген дар он ҷойгир аст, танҳо 1%-ро ташкил медиҳад. Ин мушкилиро тавассути истифодаи хӯлаи баъзе филизҳо, ки ҳаҷми калони

[12] Виноградов Д.В. Современное состояние водородной энергетики. Вопросы атомной науки и техники. Серия: Вакуум, чистые материалы, сверхпроводники, 2006, №1, с.153-155.

ҳидрогенро бозгарданда мепайвандад, ҳалл мекунанд. Ҳамин тавр, қулаҳои лантан никелӣ ва Fe – титанӣ метавонанд то 100 ҳаҷми ҳидрогенро ба 1 ҳаҷми хӯла бозгарданда пайванданд[13].

То имрӯз монеаи асосӣ барои истифодаи амалии ҳидроген ҳамчун сӯзишвории синтетикӣ арзиши баланди он мебошад.

Бо дарназардошти он ки ҳидроген ҳомили энергияи баландтехнологӣ мебошад ва омӯзиши он ба дастовардҳои пешрафтаи илмҳои бунёдӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтааст, ин барои пешрафти васеъи илмию техникӣ шароит фароҳам меоварад ва мамлакатҳоеро, ки дар барпокунии технологияи ҳидрогенӣ иштирок мекунанд, ба қатори кишварҳои тараққикарда ворид мекунад.

Дар айни замон зарурати дигаргунии қатъии сиёсати энергетикӣ дар самти кам кардани истеъмоли ҳомилҳои энергетикии карбогидридӣ – нафт, гази табиӣ ва ангишт вазифаи хеле муҳим буда, чи манфиатҳои умумибашарӣ (иқлим ва муҳити зист) ва чи манфиатҳои иқтисодӣ ва сиёсии кишварҳои воридгари сӯзишвории карбогидридиро дар бар мегирад. Барои ҳалли ин мушкилот бояд ба коркард ва ҷорӣ намудани технологияҳои сарфаи энергия ва дигаргуниҳои сохторӣ дар соҳаи энергетика диққати афзалиятнок дода шавад, ки ба баланд бардоштани ҳиссаи истеҳсоли энергия дар асоси захираҳои энергетикии барқароршаванда равона шудаанд ва вобаста бо ин, ба кам кардани партови $CO_2$ ба атмосфера алоқаманданд. Роҳи асосии тағйирдиҳии инфрасохтори энергетикӣ дар самти дилхоҳ ин амаликунии системаҳои энергетикии ҳидрогенӣ мебошад.

## Имконияти истеҳсоли ҳидроген ва дурнамои истифодаи он дар Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бойи обӣ мебошад. Тақрибан 133 000 $км^2$ қитъаҳои кӯҳии Тоҷикистон аккумулятори об дар шакли пиряххо ва барфтӯдаҳо мебошанд. Ҳаҷми миёнаи солонаи оби дарёҳо дар ҳавзаи баҳри Арал 115.6 $км^3$-ро ташкил

[13] Балашов К.П. Фотокаталитическое преобразование солнечной энергии. -Соровский образовательный журнал, 1998, № 8, с.58-64.

медиҳад, ки аз онҳо ба ҳисоби миёна 64.0 км$^3$ ё 55.36% дар ҳудуди Тоҷикистон ташаккул меёбад (ҷадвали 2)[14].

*Ҷадвали 2*

Ташаккулёбии сатҳи дарё дар ҳавзаи баҳри Арал

| Кишварҳо | Амударё | | Сирдарё | | Ҳамагӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | км$^3$ | % | км$^3$ | % | км$^3$ | % |
| Қазоқистон | - | - | 4.50 | 12.12 | 4.50 | 3.89 |
| Қирғизистон | 1.90 | 2.42 | 27.40 | 73.77 | 29.30 | 25.35 |
| Тоҷикистон | 62.90 | 80.17 | 1.10 | 2.96 | 64.00 | 55.36 |
| Туркманистон (бо Эрон) | 2.78 | 3.54 | - | - | 2.78 | 2.40 |
| Узбекистон | 4.70 | 5.99 | 4.14 | 11.15 | 8.84 | 7.65 |
| Афғонистон | 6.18 | 7.88 | 00.00 | 0.00 | 6.18 | 5.35 |
| Ҳамагӣ | 78.46 | 100.00 | 37.14 | 100 | 115.60 | 100.00 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки имконияти васеи рушди

[14] Нуралиев К., Абдусамадов М., Латипов Р.Б. Водные ресурсы Таджикистана: инициативы, ситуация и перспективы. –Душанбе.: «Азия-Принт» , 2011, 220 с.

гидроэнергетикӣ дар мамлакатҳои минтақаҳои ташаккулёбии ҳавзаи баҳри Арал - дар Тоҷикистон ва Қирғизистон мавҷуданд. Тавре ки сохтори умумии захираҳои энергетикии Осиёи Марказӣ нишон медиҳад (ҷадвали 3), онҳо аз кишварҳои дигари минтақа дар ин бобат ба таври ҷиддӣ пешрафтаанд[15].

Чуноне, ки аз ҷадвали 3 бармеояд, дар Тоҷикистон дигар захираҳои энергетикии имконпазир амалан вуҷуд надоранд ва Тоҷикистон ба ғайр аз рушди гидроэнергетика дигар алтернатива надорад. Дар расми 3 хуб нишон дода шудааст, ки дар муқоиса бо ҷадвали 3 сохтори захираҳои энергетикӣ дар шакли муқоисашуда – дар ҳаҷми захираҳои солонаи намудҳои алоҳидаи онҳо оварда шудааст.

*Ҷадвали 3*

Потенсиали захираҳои энергетикӣ дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ

| Кишварҳо | Қазоқистон | | Қирғизи-стон | | Тоҷики-стон | | Туркман-истон | | Узбеки-стон | | ОМ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Захираҳои энергетикӣ | 2000 | 2020 | 2000 | 2020 | 2000 | 2020 | 2000 | 2020 | 2000 | 2020 | 2000 | 2020 |

[15] Петров Г.Н., Ахмедов Х.М. Комплексное использование водно-энергетических ресурсов трансграничных рек Центральной Азии. Современное состояние, проблемы и перспективы развития. –Душанбе.: Дониш, 2011, 234 с.

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ангишт, млрд. т | 34,1 | 34,1 | 1,34 | 1,27 | 0,67 | 1,0 | Кам | Кам | 4,0 | 4,0 | 40,4 | 40 |
| Нафт, млрд. т | 2760 | 2760 | 11,5 | 10,2 | 5,4 | 10 | 75 | 75 | 81 | 81 | 2932,9 | 2936 |
| Газ, млрд. м$^3$ | 1841 | 1841 | 6,54 | 6,2 | 9,2 | 10 | 2860 | 2860 | 1875 | 1875 | 6591, 7 | 6592 |
| Уран, ҳазор. т | 601 | 601 | Кам | Кам | Кам | Кам | Кам | Кам | 83,7 | 83,7 | 684,7 | 684,7 |
| Потенсиали обӣ ТВт. с/сол | 27 | 27 | 52 | 99 | 317 | 317 | 2 | 2 | 15 | 15 | 413 | 460 |
| МБЭ бо назардошти НБО хурд, ТВт. с/сол | 66 | 66 | Кам | Кам | 18,4 | 18,4 | М.н | | М.н | | 84,4 | 84,4 |

Чи тавре, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, асоси рушди иқтисодии ҳар як кишвар энергетика мебошад. Дар байни онҳо вобастагии бевосита вуҷуд дорад.

Тоҷикистон аз дигар кишварҳои ҷаҳон дар робита бо рушди бахши энергетикаи худ ақиб мемонад. Илова бар ин дар Тоҷикистон самаранокии истифодаи энергия хеле паст аст.

Сохтори солонаи захираҳои энергетикии Тоҷикистон




Расми 3. Сохтори солонаи захираҳои энергетикии дар Тоҷикистон

Дар натиҷа имрӯзҳо дар Тоҷикистон мушкилии ҷиддии норасоии шадиди энергияи электрикӣ ба миён омадааст. Шадидияти асосии он дар қатъшавии таҳвили мутамаркази сӯзишвории маъданӣ аз кишварҳои ҳамсоя ва бартарафкунии схемаи мубодилаи зимистона ва тобистонаи энергияи электрикии қаблан вуҷуддошта бо онҳо мебошад. Оқибати ин, норасоии энергияи электрикӣ дар ҷумҳурӣ дар фасли зимистон, ки тақрибан 1.5 млрд кВт.с аст ва пайдо накардани харидор барои энергияи зиёдатӣ дар ҳаҷми 3-4 млрд кВт.с дар фасли тобистон гардидааст[16].

Аз сабаби доштани захираҳои калони обӣ (ҷадвали 2) Тоҷикистон имкониятҳои калони рушди гидроэнергетикаро дорост. Захираҳои умумии саноатӣ беш аз 317 ТВт-соатро дар як сол ташкил медиҳанд (ҷадвали 3), ки аз ҳаҷми истеъмолшавандаи энергияи электрикии имрӯзаи кишварҳои минтақа қариб се маротиба зиёд аст.

Ҳангоми ба кор даромадани НБО-и Роғун, истеҳсоли энергия

[16] [Электронный ресурс]. Сайт Рогунской ГЭС. Режим доступа: http://rogunges.tj

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як сол ба 31-33 млрд. кВт.с мерасад. Дар ҳолати талаботи дохили ҷумҳурӣ тахминан (то соли 2030) 23-25 млрд. кВт.с дар як сол, зиёдатии энергияи электрикӣ метавонад 8-10 млрд. кВт-с-ро ташкил кунад. Бояд қайд кард, ки гидроэнергия дар муқоиса бо дигар намудҳои манбаъҳои энергия аз ҷиҳати экологӣ комилан тоза ва аз ҷиҳати иқтисодӣ арзонтар, метавонад на танҳо эҳтиёҷоти худ, балки ниёзҳои тамоми кишварҳои ҳавзаи баҳри Арал, аз он ҷумла Афғонистон, ғарби Чин ва шимоли Покистонро бо қувваи барқ таъмин намояд[17].

Ноилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиқлолияти энергетикӣ имкон медиҳад, ки на танҳо фаъолияти мунтазами тамоми корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ таъмин гардад ва иқтисодиёти он босуръат рушд ёбад, балки корхонаҳои нав низ бунёд ёбанд ва ба кор андохта шаванд. Аз ин сабаб мувофиқи мақсад мебуд, агар дар корхонаи электрохимиявии Ёвон, ки айни замон ба воситаи электролиз содаи каустикӣ ва хлори моеъ истеҳсол мекунад, истеҳсоли ҳидроген ба воситаи электролизи об ба роҳ монда шавад. Алалхусус, ҳангоми истеҳсоли содаи каустикӣ дар корхона маҳсулоти ғайриасосӣ ин ҳидрогене мебошад, ки пештар истифода намешуд, аммо онро метавон ба даст овард ва мувофиқи мақсад истифода бурд.

Маълум аст, ки барои ҳосил кардани нурии минералӣ - карбамид гази карбон ва аммиак лозиманд. Барои ҳосил кардани аммиак бошад ҳидроген зарур аст. Азбаски ҳидрогенро дар ҶСП «ТоҷикАзот» аз гази табиие, ки аз Ҷумҳурии Узбекистон ворид мешавад, ҳосил мекунанд, он гоҳ онро бо ҳидрогене, ки бо усули электролиз дар корхонаи электрохимиявии Ёвон истеҳсол мешавад, иваз кардан мумкин аст. Барои интиқоли газ қубури газро аз корхонаи шаҳри Ёвон то корхонаи шаҳри Сарбанд (масофа тақрибан 120 км) бунёд кардан зарур меояд. Бино ба арзишиҳои ҳозира сохтмони 1.6 км қубури газ 1 млн. долларро

[17] Концепция водородной энергетики. Курс лекций. Уральский государственный университет им. А.М.Горького. Екатеринбург, 2008 , 132 с.

ташкил медиҳад.

Илова бар ин, дар заминаи корхонаи электрохимиявии Ёвон истеҳсоли элементҳои сӯзишвориистифодабарандаи то 20 кВт-аи мобилии хурдиқтидорро ба роҳ мондан мумкин аст, ки метавонанд ба таври васеъ дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама дар бахши нақлиёт, дар корхонаҳои хурд, дар соҳаи коммуналиву маишӣ ва дар баъзе ноҳияҳои дурдаст ҳамчун манбаи мустақили энергияи электрикӣ ва гармӣ истифода шаванд.

Энергетикаи ҳидрогенӣ алалхусус барои шаҳрҳои калоне лозим аст, ки дар онҳо аз ҳаҷми умумии партовҳо то 90%-и онҳоро нақлиёт ба вуҷуд меорад. Гузаштани воситаҳои нақлиёт ва корхонаҳои энергетикӣ ба намуди сӯзишвории аз ҷиҳати экологӣ бехатар вазъиятро хусусан дар шаҳрҳои калон ба таври қатъӣ тағйир хоҳад дод[18].

Масалан, тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи нишондоди соли 2015 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - 430139 адад нақлиёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла мошинҳои сабукрав -371280 адад, боркаш-40590 адад, автобусҳо-13845 адад, нақлиёти махсус - 4424 адад ва - 405826 адад воситаҳои нақлиёти хусусӣ, ки дар байни онҳо - 361506 адад сабукрав, - 31692 адад боркаш, - 11653 автобусҳо ва - 975 адад нақлиёти махсус мавҷуданд, истифода шудаанд[19]. Барои таъмини ин шумораи нақлиёт бо сӯзишворӣ, ба кишвар тақрибан 194 000 тонна бензини автомобилӣ ворид шудааст[20].

Маълум аст, ки ҳангоми сӯзиши ҳидроген дар оксиген газҳои заҳрнок хориҷ намешавад, ва ҳангоми сӯзиш дар ҳаво хуруҷи онҳо назар ба хуруҷи газҳо аз муҳаррикҳои дарунсӯз пастар

---

[18] Концепция водородной энергетики. Курс лекций. Уральский государственный университет им. А.М.Горького. Екатеринбург, 2008 , 132 с.

[19] Мавҷудият ва кори нақлиёти автомобилӣ, дарозии роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистн, - Душанбе, 2016.

[20] Сведения об импорте нефтепродуктов в Республику Таджикистан в 2016 году. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. В сб. Внешэкономическая деятельность Республики Таджикистан, данные за 2016г.

мебошад[21]. Дар баробари ин аз сабаби қобилияти баланди физикию химиявии ҳидроген 5-10%-и он барои илова кардан ба бензин кофӣ аст, то ки заҳрнокии газҳои хориҷшаванда то 75%, ва истеъмоли сӯзишворӣ то 40% кам карда шавад. Ин имкон медиҳад воридоти бензин ба кишвар хеле кам гардад ва маблағи сарфашуда ба рушди соҳаҳои дигари иқтисодиёт равона шавад. Илова бар ин, гузаронидани тақрибан 20% парки автомобилӣ ба муҳаррикҳои электрикӣ, ки бо элементҳои сӯзишвориистифодабаранда фаъолият мекунанд, инчунин ба паст кардани воридоти бензин ва беҳтар кардани экология хусусан дар шаҳрҳои калон мусоидат хоҳад кард. Инчунин қайд кардан зарур аст, ки истифодаи ҳидроген барои бартараф намудани яке аз камбудиҳои асосии муҳаррики автомобилӣ – пастшавии якбораи зариби кори фоиданок аз 30% то 10% дар сарбориҳои қисмӣ дар шароити истифодабарии шаҳрӣ имконият медиҳад.

Гарчанде арзиши истеҳсоли ҳидроген ба воситаи электролизи об аз манбаи энергияи электрикӣ, ки барои ҷудокунии об истифода мешавад, имрӯзҳо назар ба истеҳсоли ҳидроген аз гази табиӣ 3-6 маротиба зиёдтар аст, вале афзалияти электролитии истеҳсоли ҳидроген ин вобастагӣ надоштан аз захираҳои сӯзишвории карбогидридӣ, воридкунандагон, нархи он ва таваққуф дар таҳвили он мебошад.

Фарқиятро дар арзиши ҳироген, ки аз истифодаи энергияи НБО истеҳсол шудааст, бо истифода аз энергияи арзони шабона то 2-3 маротиба кам кардан мумкин аст.

Чи тавре дар боло зикр шуд, Тоҷикистон захираи кофии ашёи табиии карбогидридӣ надорад (ҷадвали 3). Ҳамзамон захираҳои калони гидроэнергетика (ҷадвали 2), дар муддати кӯтоҳ то 10 млрд кВт.с коркард шудани энергияи электрикии барзиёд ва паст будани арзиши аслии истеҳсоли элекроэнергия дар НБО-и Тоҷикистон (0.5сент 1кВт.с) метавонад истеҳсоли электролитии ҳидрогенро фоиданок созад.

[21] Виноградов Д.В. Современное состояние водородной энергетики. Вопросы атомной науки и техники. Серия: Вакуум, чистые материалы, сверхпроводники, 2006, №1, с.153-155.

*Ҷадвали 4*

Захираҳои манбаъҳои барқароршавандаи энергияи Тоҷикистон, млн т.с.ш. дар як сол*

| Захираҳо | Потенсиали умумӣ | Потенсиали техникӣ | Потенсиали иқтисодӣ |
|---|---|---|---|
| Энергияи об, умумӣ | 179.2 | 107.4 | 107.4 |
| аз он ҷумла хурд | 67.2 | 20.3 | 20.3 |
| Энергияи офтобӣ | 4790.6 | 3.92 | 1.45 |
| Энергияи биомасса | 4.25 | 4.25 | 1.12 |
| Энергияи шамол | 163 | 10.12 | 5.06 |
| Энергияи геотермалӣ | 0.045 | 0.045 | 0.045 |
| Ҳамагӣ (бе НБО-и калон) | 5020.595 | 38.635 | 28.015 |

*Арзёбии муаллифон.

Бо сабаби доштани захираҳои калон ва тозагии экологӣ истифодабарии энергияи офтобӣ ва дигар намудҳои энергияи барқароршаванда барои ҷудо кардани об ба ҳидроген ва оксиген дар солҳои охир бештар ва бештар оммавӣ ва оқилона мегардад[22].

Тоҷикистон дорои потенсиали бузурги захираҳои барқароршаванда мебошад[23]. Дар ҷадвали 4 захираҳои

[22] Нетрадиционные возобновляемые источники. Составитель В. Плыкин. -Ижевск.: Изд-во «Удмуртский университет», 2013, 172 с.

[23] Ахмедов Х.М., Каримов Х.С. Солнечная электроэнергетика. -Душанбе, Дониш,

манбаъҳои барқароршавандаи энергияи Тоҷикистон нишон дода шудаанд.

Аз ҷадвали 4 бармеояд, ки захираҳои аз ҷиҳати техникӣ имконпазири танҳо энергияҳои офтобӣ, шамолӣ ва биомасса – 3.3 маротиба ва аз ҷиҳати иқтисодӣ мақсаднок то 1.4 маротиба аз энергияи электрикии ҳарсола дар Тоҷикистон истеҳсолшуда (16.5 млрд кВт = 5.6 млн т.с.ш.) зиёдтар аст. Энергияи элекетрикии аз батареяҳои офтобӣ, генераторҳои шамолӣ ва биомасса истеҳсолшударо метавон дар дастгоҳҳои электролизӣ барои ҳосил кардани ҳидроген аз об истифода кард.

Дар рӯзҳои офтобӣ нерӯгоҳҳои фотоэлектрикӣ истеҳсоли энергияи кафолатнокро бевосита дар ҷойҳои истеъмоли он таъмин менамоянд. Вобаста ба ин пардохти сӯзишворӣ ва бурдарасонии он, ки арзишаш ҳар сол зиёд мешавад, нест мегардад. Технологияи истеҳсоли табдилдиҳакҳои офтобӣ ва электрохимиявӣ босуръат ривоҷ ёфта, арзиши онҳо ҳар сол кам мегардад, бинобар ин такя ба нерӯгоҳҳои офтобӣ ва шамолӣ бо захиракунакҳои ҳидрогении энергия дурнамои хуб дорад, зеро бо роҳи электролизи об ба ҳидроген ва оксиген бо истифода аз энергияи Офтоб ва шамол метавон ба ҳалли мушкилоти мавсимии захирасозии энергияи офтобӣ ва шамолӣ, ки аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ доранд мусоидат кард.

Дар Маркази рушди иноватсионии илм ва технологияҳои нави АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба захираи мавсимии энергияи офтоб корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ бурда мешаванд. Ба ин мақсад батареяҳои офтобиро истифода мебаранд ва барқе, ки тавассути ин батареяҳо тавлид мегардад, барои истеҳсоли ҳидроген бо усули электролизи об равона мегардад. Ҳидрогени истеҳсолшуда ҳамчун сӯзишвории газӣ дар бахши маишӣ ва элементҳои сӯзишвориистифодабаранда барои тавлиди барқ ва гармӣ бефосила дар тамоми мавсими сол истифода шуда

2007, 179 с.

Солнечная энергетика. Состояние, возможности использования и перспективы развития. Составители: Ахмедов Х.М., Сакис Галигалис, Эльназаров А. – Душанбе.: Дониш, 2007, 114 с.

Каримов Х.С., Ахмедов Х.М. Солнечная теплоэнергетика. –Душанбе.: Дониш, 2008, 156 с.

метавонад.

Ноилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиқлолияти энергетикӣ ба корхонаҳои мавҷудбудаи химиявӣ ва электрохимиявӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар имкон медиҳад, ки онҳо бо тамоми иқтидор ба кор даромада, миқдори кофии маводи лозимиро, ки барои рушди хоҷагии халқ зарур аст, истеҳсол намоянд, корхонаҳои нави истеҳсоли маводи инноватсионӣ таъсис дода шаванд ки барои ба вуҷуд овардани ҷойҳои кори иловагӣ шароит фароҳам оварда, шиддати иҷтимоиро паст кунанд ва воридоти муносиби андозро ба буҷети давлат таъмин созанд.



**Пирмаҳмад НУРОВ**
*ходими пешбари илмии Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави АИҶТ*

# ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ВА РУШДИ ИЛМИЮ ТЕХНОЛОГИИ МАМЛАКАТ

*(мушкилот ва дурнамо)*

Фаъолияти инноватсионӣ фаъолияте мебошад, ки ба истифода ва тиҷоратигардонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва коркардҳои илмӣ барои беҳтар кардани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда (молҳо, хизматрасониҳо), такмили технологияҳои тайёр намудани онҳо бо минбаъд татбиқ ва амалисозии самарабахши онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ нигаронида шудааст. Дар ин маврид истифодаи амалии натиҷаи илмӣ, илмӣ-технологӣ ва неруи зеҳнӣ имкон медиҳад, ки маҳсулоти истеҳсолшавандаи нав ва технологияҳои истеҳсоли он ба даст оварда шуда, талаботи истеъмолкунандагон ба молу хизматрасониҳои баландсифат қонеъ гардонида шавад ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ такмил ёбад.

Воқеан, сатҳ ва суръати рушди илмию технологии ҳар як давлатро имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии он нисбат ба амалисозии фаъолияте муайян мекунад, ки ба таъмини амалкарди илм ва технология ҳамчун системаи ягонаи алоқаманд ба истеҳсолот равона карда шудааст. Натиҷаи асосии ин фаъолият ба вуҷуд овардани донишҳои нави илмӣ ва амалисозии минбаъдаи онҳо дар технологияҳои нав ва ё маҳсулоти нави тавассути ин технологияҳо истеҳсолшуда мебошад. Навъҳои нави технология ва ё маҳсулоти нав навсозӣ ё навгониҳое мебошанд, ки самараи иҷтимоию иқтисодииро танҳо пас аз ёфтани татбиқи амалӣ, яъне дастрас кардан ба истеъмолкунанда ва табдил шудан ба инноватсияҳо таъмин менамоянд. Мисолҳои хоси навгониҳо намунаҳои нави технологияҳо барои истеҳсоли маҳсулот ва ё намунаҳои

таҷрибавии маҳсулоти нав барои ба роҳ мондани истеҳсоли минбаъдаи силсилавии онҳо мебошанд. Инноватсия бошад, натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ мебошад, ки фаъолияти сегонаи; а) илмию технологӣ (ба вуҷуд овардани донишҳои нави илмӣ ва навсозиҳои технологӣ); б) истеҳсолӣ (ба вуҷуд овардани маҳсулоти нави тайёр ба истеъмол); в) тиҷоратӣ (фӯрухтани маҳсулоти истеҳсолшуда, яъне, то истеъмолкунанда дастрас намудани он)- ро дар бар мегирад.

Ҳамбастагии муайян байни фаъолияти инноватсионӣ ва рушди илмию технологӣ мавҷуд аст. Аз як тараф, рушди илмию технологӣ бе рушди фаъолияти инноватсионӣ, ки ҳоло шарти зарурӣ ва қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди устувори иқтисодӣ мебошад, имкон надорад. Суръатгирӣ ва натиҷаҳои басифати фаъолияти инноватсиониро суръат ва сатҳи рушди илмию технологӣ муайян мекунад. Аз тарафи дигар, натиҷаҳои рушди илмию технологӣ рушди фаъолияти инноватсиониро, ки ба дастовардҳои илм ва технология такя мекунад, такон мебахшад. Дар ин маврид донишҳои нави илмию технологӣ манбаи ғояҳои инноватсионӣ мебошанд.

Субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ навъҳои гуногуни ташкилотҳои инноватсионӣ, яъне ташкилотҳое мебошанд, ки бевосита ба ин гуна фаъолият машғуланд ва ё ба амалишавии он мусоидат менамоянд. Субъекти махсуси фаъолияти инноватсионӣ давлат мебошад, ки сиёсати давлатиро дар самти фаъолияти инноватсионӣ муайян менамояд ва раванди минбаъдаи онро ба танзим медарорад.

Хушбахтона тайи солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри рушди фаъолияти инноватсионӣ дар мамлакат, ташаккули низоми самараноки инноватсионӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи технологӣ ва рақобатпазирии истеҳсолот, ба бозори дохиливу хориҷӣ баровардани маҳсулоти инноватсионӣ, афзоиши молҳо ба ивази молҳои воридотӣ, суръатбахшии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии миллӣ мусоидат менамояд, заминаҳои ҳуқуқӣва иқтисодиро муҳайё намудааст. Заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти инноватсиониро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», «Стратегияи рушди

инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020» ва «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» ташкил медиҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин як қатор қонунҳое қабул гардидаанд, ки баъзе намудҳои фаъолияти инноватсиониро ба танзим медароранд, аз ҷумла, «Дар бораи намунаҳои саноатӣ», «Дар бораи ихтироот», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ», «Дар бораи нишонаҳои молҳо ва нишонаҳои хизматрасониҳо», «Дар бораи Парки технологӣ» ва ғайра.

Яке аз шартҳои ба роҳ мондани фаъолияти инноватсионӣ ин ба вуҷуд овардани инфрасохтори зарурии инноватсионӣ мебошад. Инфрасохтори инноватсионӣ ташкилотҳо (муассисаҳо)-е мебошанд, ки қобили амалӣ кардани фаъолияти инноватсионӣ доранд, яъне ба инноватсия ва таъмини шароити ҷорӣ кардани раванди инноватсионӣ хизмат мерасонанд. Ба ин гуна инфрасохтор марказҳои инноватсионӣ-технологӣ, инкубаторҳои технологӣ, технопаркҳо, марказҳои таълимӣ ва ташкилотҳои дигари махсусгардонидашуда дохил мешаванд.

Барои пурзӯр намудани фаъолияти инноватсионӣ, ки ҷузъи пайвасткунандаи илм ва истеҳсолот мебошад, бояд шароите фароҳам оварда шавад, ки ҷузъи инноватсионӣ дар соҳаи иқтисодиёт ба таври доимӣ афзоиш ёфта, ба пешрафти мамлакат ва болоравии некӯаҳволии халқ таъсири бештар дошта бошад. Дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати инфрасохтори инноватсионӣ муассисаҳое таъсис дода шуданд, ки ҳоло ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд. Аз ҷумла, бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011 бо мақсади амалисозии «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» ва ташкилу гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, ҳамчунин таҳияву амалисозии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва технологияҳои наве, ки барои рушди мамлакат аҳамияти муҳим доранд, Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави АИ ҶТ, соли 2017 бошад, бо мақсади мустаҳкам намудани алоқаи илм бо истеҳсолот ва дар истеҳсолоти ватанӣ татбиқ намудани коркардҳои илмии олимон Маркази таҳқиқоти технологияҳои

инноватсионии назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуданд. Дар сохтори Академияи илмҳо ҳамчунин Маркази инноватсионии соҳаи биология ва тиб низ фаъолият менамояд. Дар баъзе аз донишгоҳҳои ҷумҳурӣ паркҳои технологӣ низ таъсис дода шудаанд.

Шурӯъ аз соли 2011 дар доираи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 олимони соҳаҳои физика, химия, маводшиносӣ, биология ва дигарсоҳаҳои илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва техникӣ ба таҳияву татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки ба коркарди технологияҳои истеҳсоли молу мавод нигаронида шудаанд, машғул мебошанд. Аз ҷумла, айни замон технологияи истеҳсоли нитрогени моеъ барои соҳаҳои кишоварзӣ ва тиб, технологияи асбобҳои гуногуни криогенӣ барои ҷарроҳӣ дар соҳаи тиб, технологияи истеҳсоли кристаллҳои сунъӣ, технологияи коркарди пектин аз партовҳои саноати хӯрокворӣ, технологияи коркарди пектинҳо барои тиб ва соҳаи дорусозӣ, технологияи истеҳсоли маводҳои химиявӣ (атсетат ва нитрати селлюлоза) аз партови коркарди пахта, коркарди технологияи истеҳсоли малҳамҳои табобатии «Сино», «Фитосуман», «Ромит», технологияи коркарди маъдани тилло ва нуқрадор дар конҳои ҷумҳурӣ, технологияи истеҳсоли обгармкунакҳои офтобӣ аз алюминии аввалияи худӣ, истеҳсоли кремнийи техникӣ дар асоси ашёи ватанӣ, ки барои сохтани коллекторҳои офтобӣ зарур аст, технологияи истеҳсоли инулин, пектин, селлюлоза, биоэтанол ва биогаз аз растании топинамбур, технологияҳои парвариши навъи нави картошкаи беҷурм ва гандуми ба сардӣ тобовар, технологияи коркарди доруҳои ватанӣ ва монанди инҳо коркард шуда, барои татбиқ дар истеҳсолот ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод шудаанд. Ғайр аз ин миқдори зиёди патент барои ихтироот ба даст оварда шудааст.

Мутаассифона, таҷриба нишон медиҳад, ки айни ҳол аз тарафи вазорату идораҳои дахлдор ва корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ва соҳибкорони ҷумҳурӣ ҷиҳати татбиқ намудани технологияҳои пешниҳодшаванда ва тавассути онҳо ба роҳ мондани истеҳсоли силсилавии молу маҳсулоти ватанӣ таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир карда намешавад. Дар ин маврид

сабаби асосие, ки вазорату идораҳои дахлдор нисбат ба истифодаю татбиқи технологияҳои коркардшудаву коркардшаванда пеш меоранд, ин надоштани имконияти молиявӣ мебошад.

Воқеан, дар баробари омилҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ, омили дигари муҳими рушди фаъолияти инноватсионӣ омилҳои молиявӣ мебошанд. Лоиҳаҳои инноватсионӣ барои коркарди технологияҳои истеҳсоли молу маводи ватанӣ айни ҳол, масалан, дар муассисаҳои илмии Академияи илмҳо танҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷетии ба Академияи илмҳо ҳар сол ҷудошаванда иҷро карда мешаванд. Албатта, танҳо бо маблағҳои буҷетӣ амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар самти фаъолияти инноватсионӣ душвор аст. Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 дар ин самт муҳайё намудани муҳити мусоиди инвеститсионӣ, ҷудо намудани инвеститсияҳои мустақими давлатиро барои амалисозии лоиҳаю барномаҳои инноватсионӣ, ҳамчунин пешниҳоди қарзҳои имтиёздор ба сармоягузорони ватанию хориҷӣ ва дигар кафолатҳоро пешбинӣ кардааст.

Бояд зикр намуд, ки дар дигар давлатҳои тараққикарда ва тараққикунанда дар самти фаъолияти инноватсионӣ саҳми соҳибкорон, корхонаҳои хурди истеҳсолӣ, ширкатҳои венчурӣ ва монанди инҳо хеле назаррас аст. Дар ин давлатҳо, хусусан соҳибкории иноватсионӣ, яъне тоҷироне, ки байни навҷӯй (новатор)-ҳо – муаллифони маҳсули илмии амалӣ, аз ҷумла дар самтҳои истеҳсол ва истеъмол баромад мекунад, хеле ривоҷ ёфтааст.

Умуман, ба назари мо, барои минбаъд пурзӯр намудани фаъолияти инноватсионӣ ва афзун намудани ҳиссаи молу маҳсулоти инноватсионӣ дар иқтисодиёти кишвар зарур аст, ки масъалаҳои муҳим ва таъхирнопазири зерин ҳал карда шаванд:

1) пеш аз ҳама, ба вуҷуд овардани системаи миллии инноватсионӣ, ки он шароитро барои татбиқи самарабахши дастовардҳои илмию техникӣ ва технологӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии технологияҳо ва маҳсулоти инноватсионӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, маҳсулоти хом ва инвеститсионӣ, муваффақ шудан ба амнияти иқтисодӣ,

энергетикӣ, озуқаворӣ ва экологӣ, ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ, афзоиши некӯаҳволӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ таъмин менамояд;

2) таъсис додани фонди инноватсионии мамлакат, яъне фонди захираҳои молиявӣ, ки бо мақсади маблағгузории коркардҳои навтарини илмию техникӣ ва лоиҳаҳои иноватсионӣ таъсис дода мешавад. Манбаъ (сарчашма)-и маблағгузории онҳо бояд дар баробари маблағҳои давлатӣ, ҳамчунин саҳмияҳои спонсории соҳибкорон, корхонаҳои истеҳсолӣ, ширкату бонкҳо бошанд;

3) дастгирӣ ва таъсис додани ширкатҳои венчурӣ, яъне ташкилотҳои хурде, ки дар соҳаҳои илмталаби иқтисодиёт амал мекунанд, таҳқиқоти илмӣ, коркардҳои муҳандисӣ анҷом медиҳанд, тибқи фармоишҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ ва давлат инноватсияҳо ба вуҷуд меоранд ва онҳоро татбиқ менамоянд.

4) таъсис додани Фонди дастгирии бахши хусусии иқтисодиёт ва корхонаҳои хурди истеҳсолӣ дар самти ба роҳ мондани истеҳсоли молу маҳсулоти инноватсионӣ, ки аз тарафи ташкилотҳои инноватсионӣ пешниҳод мешавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки аксари ғояҳои навоварӣ маҳз дар ширкатҳои хурди инноватсионӣ ба таври воқеӣ то тиҷоратикунонӣ расонида мешаванд. Соҳибкории хурди инноватсионӣ ин қисми бештар ҳаракатманди иқтисодиёти инноватсионӣ мебошад, ки қобили оҷилан эҳсос кардани талаботи бозор ба маҳсулоти баландтехнология, арзёбии ҳолати мавҷуда, аз худ кардани технологияҳои нав ва бо истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир равона намудани истеҳсолоти худӣ мебошад. Мебояд, ки таҷрибаи муфиди давлатҳои дигар оид ба дастгирии ширкатҳо ва корхонаҳои соҳибкории хурд ва миёна, ки маҳз онҳо ҳиссаи зиёди маҳсулоти инноватсиониро истеҳсол карда, ба бозор мебароранд, омӯхтаву истифода карда шавад.

5) дар назди Академияи илмҳо таъсис додани Корхонаи муҷтамаи илмию технологӣ ва истеҳсолӣ. Ин корхона ҷиҳати дар истеҳсолот татбиқ намудани коркард ва технологияи бавуҷудовардаи олимон намунаи озмоишии молу маҳсулотро истеҳсол мекунад ва технологияи истеҳсоли онҳоро барои истеҳсоли минбаъдаи силсилавӣ ба вазорату корхонаҳо,

корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ва ташкилотҳои тиҷоратӣ пешниҳод мекунад.

6) ташкил намудани як навъ ташкилоти татбиқкунандаи инноватсияҳо. Ин ташкилоти тиҷоратии миёнараву машваратӣ буда, корҳои асосии зеринро иҷро менамояд: таҳлили ташхисии фаъолияти ташкилот ва асосноккунии илмии самтҳои асосии рушди истеҳсолот ва хизматрасонӣ бо пешниҳоди инноватсияҳои дахлдор; рекламаи инноватсияҳо ва таҳқиқи маркетингӣ барои амалисозии самарабахши онҳо;

7) яке аз ҷузъҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи инноватсия ва такмилу баланд бардоштани ихтисоси онҳо дар самти фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Зарур аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ низоми муосири тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ташаккул дода шавад. Дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд мутахассисоне тайёр карда шаванд, ки дар азхудкунии асосҳои соҳаи иқтисодии соҳибкории инноватсионӣ, идоракунии лоиҳаҳо, тиҷоратикунонии технологияҳо, менеҷменти технологӣ, маркетинг, назария ва амалияи ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ дониш ва малакаҳои касбӣ дошта бошанд;

8) ба роҳ мондани ҳамкории инфрасохторҳои соҳаи инноватсияи ҷумҳурӣ бо сохторҳои донорӣ, ки дастгирии лоиҳаҳои инноватсиониро амалӣ менамоянд. Ба сифати чунин донорҳо ҳоло Фонди «Новая Евразия» (The New Eurasia Foundation – FNE), Шӯрои таҳқиқоти байналмилалӣ ва мубодилаҳои илмӣ – АЙРЕКС (IREX–International Research and Exchanges Board), Фонди мусоидат ба рушди шаклҳои хурди корхонаҳо дар соҳаи илмӣ-техникӣ («Фонд Бортника»), Фонди рушди технологии Россия, TACIS Relations with the New Independent States (NIS) and Mongolia, Фонди Сорос ва ғайра хизмат мекунанд.

**Обидов Ф.У., Маркаев А.Ғ., Ғаниев И.Н., Бадалов А.Б.**
*Муассисаи давлатии илмӣ- таҷрибавӣ ва истеҳсолии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## РОҲҲОИ ДУР НАМУДАНИ БИОҲОСИЛАҲО ВА ТАКШОНҲОИ КИМИЁВӢ ДАР ИСТЕҲСОЛОТИ БО ОБҲОИ ГАРДИШӢ ХУНУКШАВАНДА

Дар Ҷаласаи пленарии Ассамблеияи генералии Созмони Миллали Муттаҳид 21 декабри соли 2016 бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2018-2028 даҳсолаи Байналмиллалии «Об барои рушди устувор» эълон шудаанд.

Дар ин мақола моҳияти душвориҳо, ки дар вақти истифодаи системаҳои обтаъминкунандаи гардишӣ пайдо мешаванд ва инчунин роҳҳои дур намудани ин душвориҳо мухтасаран оварда шудаанд.

Системаҳои бо обҳои гардишӣ таъминкунанда яке аз элементҳои асосии комплексҳои технологии аксар корхонаҳои саноатӣ мебошанд. Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда, сифати он, сарфи ашёи хом ва энергия бо кори пурсамари ин ситемаҳо зич алокаманд аст. Лекин самаранокии кори ин системаҳо дар протсесси истифодабариашон бо сабаби ҳосилшавии ҳар гуна

биоҳосилаҳо ва такшонҳо дар таҷҳизотҳои гармимубодилакунанда, қубурҳои обгузаронанда, инчунин дар таҷҳизотҳои бо обхунуккунанда (градирняҳо) хело паст мешаванд.

Ҳосилаҳои биологӣ маҷмуи организмҳое мебошанд, ки дар сатҳҳои гармшавандае, ки бо об хунук карда мешаванд ҷой мегиранд ва рушд меёбанд. Ин организмҳо ба системаҳои гармимубодилакунанда ба воситаи об аз манбаъҳои обтаъминкунӣ ворид мешаванд ва дар шароитҳои барояшон муносиб (оби гарм, бисёрии моддаҳои хурокаи зарурӣ ва оксигени ҳалшуда) бо суръат зиёд мегарданд.

Пайдошавии биоҳосилаҳо дар сатҳҳои гармшаванда гармидиҳӣ ва самаранокии кори градирняҳоро паст мекунад. Дар сатҳҳои дохилии қубурҳо ҳар гуна такшонҳое ҳосил мешаванд, ки хосияти гузаронидани обро паст намуда, сарфи энергияро зиёд менамоянд. Дар баъзе ҳолатҳо миқдори обсабзҳо он қадар зиёд мегарданд, ки роҳҳои обгузаронии системаро тамоман маҳкам мекунанд. Аз ҳамин сабаб бо гузаштани вақти муайян зарурат ба миён меояд, ки биоҳосилаҳо дур карда шаванд.

Тоза намудани оби гардишӣ аз биоҳосилаҳо бояд аз манбаи обтаъмикунӣ оғоз ёбад. Барои ин ба манбаи об моддаҳои кимиёвӣ, масалан, гербисидҳои ғайриорганикӣ ворид месозанд, ки дар тамоми ҳаҷми об обсабзҳоро маҳв месозанд.

Биоҳосилаҳо дар градирняҳо имконияти хунуккунӣ, ва самаранокии кори онҳоро суст менамоянд, ки дар маҷмӯъ маҳсулнокии таҷҳизоти асосии технологӣ ва сифати маҳсулот паст мегарданд.

Дар замони ҳозира барои мубориза бар зидди биоҳосилаҳо роҳҳои кимиёвӣ, механикӣ, гидромеханикӣ ва дигар роҳҳо истифода мегарданд. Роҳи аз ҳама маъмули кимиёвӣ ва дар амал усули ягонаи пурсамар ин хлоронидани обҳои гардишӣ мебошанд.

Коркарди об бо воситаи хлор одатан бо усули муттамарказ, яъне воридкунии хлор дар як нуқта, бисёр вақт дар воридкунии хлор дар зарфи (резервуари) асосии градирня амалӣ кунонида мешавад. Коркарди об ба воситаи хлор бо роҳи даврӣ одатан аз

1 то 3 маротиба, вобаста аз суръати рушди биоҳосилаҳо гузаронида мешавад. Қайд кардан лозим аст, ки микроорганизмҳо (биоҳосилаҳо) бо гузаштани вақти муайян метавонанд ба як намуди реагент одат кунанд, барои ҳамин ҳам, иваз намудани реагентҳо мувофиқи мақсад аст.

Ба ғайр аз хлор, инчунин мумкин аст, ки диоксиди хлор ва купороси мис истифода шаванд. Миқдори зарурии диоксиди хлор 0,1 мг/л-ро ташкил медиҳад. Хлоронидани анъанавӣ дар ҳароратҳои баланд ва баланд будани бузургии pH самаранок нест. Коркарди оби гардишӣ ба воситаи диоксиди хлор ба эффекти бактериостатикии дурудароз (то 48 соат) овარданаш мумкин аст, бинобар ин, бо мурури вақт миқдори ӯ тағир дода мешавад. Ба ғайр аз ин, дар амал барои дур намудани биоҳосилаҳо дар градирняҳо коркард ба воситаи маҳлули пасти кислотаи гидрогенхлорид (HCI) натиҷаи хуб медиҳад.

Дар вақти истифодабарии системаҳои бо обҳои гардишӣ таъминкунанда бисёр вақт душвориҳое ба миён меоянд, ки сабабашон пайдошавии ҳосилаҳои карбонатӣ ва сулфатӣ мебошанд. Ин ҳосилаҳо, ки дар сатҳҳои гармиивазкунанда пайдо мешаванд, маводҳои иншоотҳо ва таҷҳизотҳоро вайрон месозанд, гармидиҳиро суст мекунанд ва дар натиҷа маҳсулнокии системаро паст мекунанд.

Ҳоло дар бораи ҳосилаҳои карбонатӣ, сулфатӣ ва роҳҳои дур намудани онҳо маълумоти мухтасар меоварем.

1. Ҳосилаҳои карбонатӣ дар системаҳои бо обҳои гардишӣ таъминшаванда.

Ҳосилаҳои карбонати калсий дар сатҳҳои гармидиҳанда ва гармигирандаи системаҳои бо обҳои гардишӣ таъминшавандааз сабаби вайроншавии баробарвазнии туршии карбонатӣ пайдо мешаванд. Ин ҳосилаҳо махсусан ҳамон вақт баръало зоҳир мегарданд, ки агар об ишқорнокӣ ва дуруштии баланд дошта бошад.

Роҳҳои пешгирии ҳосилаҳои карбонатӣ.

1.1 Туршкунонӣ.

Ин усул барои дар система таъмини баробарвазнии туршии карбонатӣ истифода мешавад. Дар вақти коркарди об бо туршӣ (гидрогенхлоридӣ ё ки сулфатӣ) қисми намакҳои дурушти

карбонатӣ дошта, ба миқдори мутаносиби (эквивалентии) намакҳои дуруштии ғайрикарбонатӣ дошта, ки дар шароитҳои муқарарӣ дар об хуб ҳал мешаванду такшон намешаванд, гузаронида мешаванд.

1.2 Коркарди об ба воситаи полифосфатҳо (фосфатикунонӣ).

Моҳияти усул дар он аст, ки ба протсесси кристаллшавии карбонати калсий ба воситаи полифосфатҳотаъсир расонида мешавад. Хусусияти муҳимми ин усул он аст, ки полифосфатҳо хосияти агрессивӣ (вайронкунӣ) надоранд ва ба сустшавии коррозия оварда мерасонанд.

1.3 Нармкунии (умягчение) реагентӣ.

Ба сифати реагентҳои такшонкунанда оҳаки пухта ва нопухта, ишқори натрий инчунин сода истифода мешаванд. Ин реагентҳо метавонанд, ки ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар шакли омехтаҳои гуногун истифода шаванд. Барои коркарди об маҳлулҳои обии онҳо истифода мешаванд.

1.3.1 Нармкунии мубодилавӣ-ионӣ.

Одатан усули катионитии нармкунӣ истифода мешавад, ки дар хусусияти катионитҳо ба мубодилаи ионӣ бо намакҳои дар об ҳалшуда даромадан аст.

2. Ҳосилаҳои сулфатӣ дар системаҳои бо оби гардишӣ таъминкунанда.

Яке аз роҳҳои асосии роҳ надодани пайдоиши ҳосилаҳои сулфатӣ интихоби дурусти нишондиҳандаи режими обӣ мебошад, ки бо туфайли он дар системаи гардишӣ консентратсияи сулфати калсий дар система аз ҳадди ҳалшавӣ дар ҳарорати муайян пасттар нигоҳ дошта мешавад.

3. Вайроншавии маводҳои иншоотҳо ва таҷҳизотҳо бо туфайли коррозия.

Барои системаҳои бо оби гардишӣ таъминшаванда протсессҳое, ки ба вайроншавии маводҳои коструксионӣ оварда мерасонанд хосанд. Ин пеш аз ҳама, протсесси коррозияи таҷҳизоти гармимубодилакунанда ва конструксияҳои градирняҳои металлӣ мебошад. Дар ин ҳолат бузургии pH ва миқдори оксигени дар об ҳалшуда ба рафти коррозия таъсири калон доранд.

Усулҳои пешгирии коррозия.

3.1 Ингибиторҳои коррозия.

Таъсири ингибиторҳо дар суст намудани суръати протсессҳои электрокимиёвии анодиву катодӣ асос карда шудааст.Ҳамаи ингибиторҳо дар сатҳи металл қабати тунуки ҳифзкунандаи ҳалнашаванда ҳосил мекунанд. Ба сифати ингибиторҳои коррозия миқдори калони пайвастагиҳо: фосфатҳо, шишаи моеъ, нитрити натрий, ингибиторҳои бисёркомпонента, органикӣ ва ғайра истифода мешаванд.

3.2 Қабатҳои ҳифзкунанда дар асоси маводҳои ба коррозия тобовар.

Фарқи қабатҳои ҳифзкунанда аз ингибиторҳо, ки бефосила ба система дохил мешаванд дар он аст, ки қабатҳои ҳифзкунанда дар якчанд сол  як бор рупӯш карда шуда металлро хуб ҳифз мекунанд.

Қабатҳои ҳифзкунанда ба ду гурӯҳи асосӣ: болакрангшаванда ва металлӣ тақсим мешаванд.

3.3 Дур намудани оксиген аз об  бо роҳи кимиёвӣ.

Ин усул бештар дар системаҳои обгардишкунандаи ғайрикушода истифода мешавад. Дур намудани оксиген аз об ба воситаи реагентҳо дар пайвастани оксигени дар об ҳалшуда бо моддаҳое, ки дар шароити маҳлули обӣ бо оксиген пайвастшавии фаъоли кимиёвӣ доранд асос шудааст. Ба ин гунна моддаҳо сулфити натрий ва гидразин мансубанд.   Намакҳои дар об ҳалшуда ба протсесси коррозияи пӯлод таъсири духела доранд: аз як тараф баланд шудани консентратсияи намакҳо бо туфайли баланд гаштани ҷараёнгузаронии об коррозияи электрокимиёвиро метезонад ва аз тарафи дигар ҳалшавандагии оксигенро суст намуда, ба пастшавии фаъолияти коррозионии об оварда мерасонад.

Бо ҳамин тариқ, омода намудани об барои объектҳои энергетикӣ масъалаи мураккаб ва серфунксионалӣ мебошад. Интихоби технологияи омода намудани об аз бисёр факторҳо вобастагӣ дорад: хусусияти худи объект (системаи кушода, ки дар таркибаш градирня дорад ва системаи ғайрикушода), таркиби об, режими ҳароратӣ ва ғайра.

**Тавсияҳо:**

- Об барои ба система додан бояд, ки аз дарё бошад.

- Барои пешгирии рушди ҳосилаҳои биологии бактериалӣ дар таҷҳизотҳои гармимубодилакунанда ва қубурҳои обгузар бояд оби гардишӣ хлоронида шавад.

- Дар ҳолати беҳад дуру дароз будани қубурҳои обгузаронандаи системаи обтаъминкунандаи гардишӣ илова намудани хлороб алоҳида дар якчанд ҷойҳо ва якчанд нуқтаҳои система қобили қабул дониста мешавад.

- Бо мақсади пешгирии градирняҳо аз ҳосилшавии обсабзҳо бояд, ки дар вақтҳои муайян коркарди оби хунуккунанда бо маҳлули купороси мис гузаронида шавад. Консентратсияи купороси мис дар маҳлул дар зарфи маҳлулдошта бояд 2-4%-ро ташкил кунад.

- Барои пешгирии ҳосилаҳои биологии градирняҳо, бояд, ки ҳар замон пеш аз иншоот хлоронидани об гузаронида шавад.

- Зарфҳо, новҳо, қубурҳои обгузаранда, таҷҳизот ва арматураҳо, ки бо маҳлули купороси мис дар расишанд бояд, ки аз маводҳои ба коррозия устувор сохта шаванд.

Дар охир ҳамин нуктаро бояд таъкид кард, ки илму техникаи муосир доимо дар инкишофу пешравист ва аз натиҷаҳову навовариҳои он васеъ истифода бояд кард.



**Фарҳод ШОКИРОВ**
*номзади илмҳои физикаю математика*

## КОМПЮТЕРҲОИ КВАНТӢ

**Сарсухан**

Рушди бесобиқаи сатҳи техникаи рақамӣ ва дастовардҳои назаррас махсусан дар технологияи татбиқи амалии натиҷаҳои назариявии физикаи квантӣ дар интиҳои асри XX ва ибтидои асри XXI бевосита имконпазир будани яке аз лоиҳаҳои бемисли маҳсули тафаккури инсони – таҳияи компютерҳои квантиро исбот намуд. Ҳоло намунаҳои шартии компютерҳои квантӣ аллакай истеҳсол шуда, мавриди истифода қарор доранд. Вале, дар назар аст, ки ояндаи наздик кор карда баромадани намунаи

мукаммали он – ба ҷаҳиши бузурги глобалӣ ва илмиву технологии тамаддуни инсонӣ оварда мерасонад.

Барои таҳлили мавзуи мазкур, дар ибтидо ба таври мухтасар оид ба рушди соҳаи компютерҳои анъанавӣ ёдрас мешавем.

### Технологияи компютерҳои анъанавӣ

Барои ҳосил намудани маълумоти умумӣ оид ба рушди технологияи компютерҳои анъанавӣ, ҳамчун намуна, фаъолияти ширкати асосии истеҳсолкунандаи простессорҳои ҳисоббарор – Intel-ро дида баромадан мумкин аст.

Соли 1965 яке аз асосгузорони ширкати мазкур Гордон Мур дар асоси мушоҳидаҳо собит намуд, ки миқдори транзисторҳо дар протсессорҳои ҳисоббарор дар як сол 2 маротиба зиёд мешавад. Таносуби мазкур (1:2) дар оянда ҳамчун «Қонуни Г.Мур» шинохта шуд. 10 сол пас ӯ қонуни худро тағйир медиҳад: 2:2, яъне мувофиқи он миқдори транзисторҳои протсессор дар 24 моҳ 2 маротиба меафзояд (баъдан таносуб боз тағйир меёбад – 18-24:2). Вале, афзоиши экспоненсиалии бузургиҳои физикӣ ҳадду канор дорад ва оғоз аз ибтидои асри ҷорӣ ширкати Intel барои таъмини иҷроиши қонуни мазкур муаммоҳои мураккаби технологиро ҳал карда истодааст. Масалан, навъҳои охирини протсессорҳои силсилаи Core i7 насли 6 (SkyLake, 2015) ва 7 (Kaby Lake, 2016), ки дар асоси технологияи 14 нанометрӣ (андозаи транзистор) истеҳсол шудаанд ва насли 8 (Cannonlake, 2017), ки дар асоси технологияи 10 нанометрӣ истеҳсол шудааст ба таносуби қонуни Г.Мур бо кӯшишҳои зиёд мувофиқ омаданд. Ибтидои соли ҷорӣ бошад, ширкати Intel барои ба роҳ мондани технологияи 7 нанометрӣ ба мукаммал намудани коргоҳҳои худ оғоз намуд, ки бояд ояндаи наздик ба анҷом расад.

Ёдрас мешавем, ки аз ибтидо электроникаи рақамии протсессорҳои марказии компютерҳои анъанавӣ дар асоси (ё платформаи) кремний (Si) кор карда баромада мешавад. Дар 35 соли охир миқдори транзисторҳои дохили чунин микропротсессорҳо зиёда аз 5 дараҷа афзуд ва ҳоло беш аз $10^{10}$ адад мебошад. Дар ин муддат зуддии тактии микропротсессорҳо (миқдори амалиёт дар сония) низ (аз 5-10 МГц) ба якчанд дараҷа

афзуда, солҳои 2003-2004 то ба 4ГГц расид (ҳадди назариявӣ 10ГГц). Вале пас аз он дигар мо афзоиши зудди тактии микропротсессорҳо мушоҳида накардем. Сабаби асосӣ – ин баланд шудани ҳарорат дар дохили микропротсессор мебошад. Масалан, микропротсессорҳое, ки 40 сол қабл истеҳсол мешуданд ба радиаторҳо мӯҳтоҷ набуданд, зеро дар дохили онҳо ҳамагӣ то 25-30 ҳазор транзистор фаъол буда, ҳарорати назаррас ба вуҷуд намеомад. Вале солҳои 2003-2004 миқдори транзисторҳо мутаносиб ба тартиби $10^7$ адад шуд, ки ин теъдод ҳадди ниҳоӣ барои таҷҳизотҳои хунуккунии ҳавогӣ мебошад. Бинобар он, дар солҳои оянда (пас аз 2004) истеҳсолкунандагон на дар самти зиёд намудани миқдори транзисторҳои ядрои микропротсессор, балки дар самти зиёд намудани ядроҳо фаъолият бурданд (рушди горизонталӣ).

Ин буд, маълумоти мухтасар оид ба дастовардҳо, муаммоҳо ва ҳолати ҳозираи технологияи истеҳсоли микропротсессорҳои ҳисоббарори компютерҳои анаъанавӣ дар мисоли протсессорҳои ширкати Intel. Қайд менамоем, ки ширкати мазкур ба таври анъанавӣ тақрибан аз чор се ҳиссаи сектори бозори микропротсессорҳои компютериро дар ҷаҳон ишғол менамояд. Боқимонда (амалан то 22-23%) ба ширкати AMD тааллуқ дорад.

Ҳоло, як қатор роҳҳои ҳалли муаммои ҳарорати баланд мавриди таҳқиқ қарор дорад, ба монанди – хомӯш намудани исми ғайрифаъоли микропротсессор (dark silicon), истеҳсоли микропротсессорҳои алоҳида барои масъалаҳои ҷудогона, татбиқи технологияҳои нави паст намудани ҳарорат, мантиқи реверсивии адиабатӣ (adiabatic computing) бо истифода аз принсипи Р.Ландауэр, архитектураи катакчаҳои квантӣ (QCA-технология) ва ғ.

Дар ин радиф, ба таври алоҳида муҳокима намудани технологияи ба таври куллӣ фарқкунанда, ки идеяи он ҳанӯз дар асри гузашта баён шуда, 15-20 соли охир олимон барои амалӣ шудани он ҷидду ҷаҳд менамоянд, бамаврид мебошад.

### Технологияи компютерҳои квантӣ

Қабл аз ҳама бояд қайд намоем, ки мувофиқи маълумотҳо ҳоло компютери квантӣ ба маънои аслиаш кор карда баромада

нашудааст. Умуман гирем, кор карда баромадани компютери квантии мукаммал – яке аз масъалаҳои амалӣ ва муҳими физика ва техникаи асри 21 мебошад. Дар назар аст, ки чунин компютерҳо асосан суперпозитсияи квантӣ, параллелияти квантӣ, ҳолати омехтаи квантӣ, телепортатсияи квантӣ, хосияти нақбӣ ва боз як қатор хусусиятҳои назарияи квантиро барои интиқол ва коркарди иттилоот истифода мебаранд. Ҳамин тавр, протсессорҳои квантӣ таҷҳизотҳое мебошанд, ки асосан дар бурриши илмҳои компютерӣ, физика ва химияи квантӣ таҳия мешаванд.

Расман идея ва роҳҳои амалигардонии ҳисобкуниҳои квантӣ ва компютерҳои квантӣ шурӯъ аз ибтидои солҳои 80-уми асри гузашта аз ҷониби як қатор олимони соҳаи физика ва математика, аз ҷумла Ю.И.Манин (Узви вобастаи АИ ИҶШС ва АИ Россия, ҳоло профессори донишгоҳ дар штати Иллинойси ИМА), Р.Ф.Фейнман (ҷоизадори мукофоти Нобелӣ дар соҳаи физика, яке аз асосгузорони электродинамикаи квантӣ), П.Бенев, П.Шор, Л.Гровер (ИМА), Д.Дойч (Британияи Кабир) ва дигар мутахассисони соҳа пешниҳод шудааст.

Шояд саволҳое пайдо шаванд, ки кор карда баромадани компютерҳои квантӣ барои инсоният аз кадом ҷиҳат муфид аст ва барои чӣ то ҳоло чунин компютерҳо истеҳсол нашудаанд, кадом монеаҳо ва муаммоҳо мавҷуданд.

Барои равшанӣ ворид намудан ба саволҳои мазкур, дар ибтидо, мухтасар оид ба самтҳои татбиқи технологияи ҳисобкуниҳои квантӣ маълумот меорем.

**Криптография.** Дар назар аст, ки компютерҳои квантӣ аз ҳисоби иқтидори бемисли худ дар масъалаи санҷиши яквақтаи миқдори зиёди маълумоти ададӣ беҳамто мебошанд. Яъне агар кодгузории ягон маълумот ба таври криптографияи анъанавӣ иҷро шуда бошад, компютери квантӣ онро ҳатман мекушояд. Зеро масалан, ба таври назариявӣ ҳисоб шудааст, ки агар барои ҳалли ягон масъалаи криптографӣ ба компютери муосири анъанавӣ миллиардҳо сол лозим бошад, барои компютери квантии тавоноиаш 1000 кубит танҳо якчанд дақиқа (ё сония) кифоя мебошад. Аз ин намуна, то кадом андоза нотавон будани шифргузории анъанавӣ дар назди иқтидори компютерҳои

квантӣ равшан аён мегардад. Ҳоло муассисаҳои муайянкунандаи стандартҳо руйхати методҳои криптографии устувор ба ҳисобкуниҳои квантиро таҳия намуда истодаанд. Масалан, ҳоло муасисаҳои молиявӣ ба таври фаъол имкониятҳои криптографияи квантиро таҳқиқ намуда истодаанд, ки он бояд мунтазам ҷойи криптографияи анъанавиро ишғол намояд. Криптографияи квантӣ аз ҷумла имконият медиҳад, ки дар ҳолати кӯшиши рахнакунии система дарҳол онро ба қайд гирифта чораҳои мувофиқи бехатарӣ ба роҳ монда шавад.

**Моделсозии молекулавӣ.** Яке аз масъалаҳои марказии соҳаи мазкур ин ба таври дақиқ таҳия намудани модели компютерии таъсироти байниҳамдигарии молекулаҳо дар реаксияҳои химиявӣ мебошад. Ҳанӯз солҳои 80-уми асри гузашта Р.Фейнман низ қайд карда буд, ки агар рӯзе компютерҳои квантӣ кор карда баромада шаванд табиӣ аст, агар онҳоро дар навбати аввал дар ҳисобкуниҳои химияи квантӣ истифода намоем. Реаксияҳои химиявӣ табиатан ҳолатҳо ва натиҷаҳои имконпазири бениҳоят зиёдро дар бар мегиранд ва ҳолатҳои омехтаи суперпозитсияи квантиро ба вуҷуд меоранд. Идора намудан ва гузаронидани таҳқиқу ҳисобкуниҳои дақиқ дар ин ҳолат бо иқтидори компютерҳои анъанавӣ имкон надорад. Дар назар аст, ки компютерҳои квантӣ барои ҳалли масалаҳои ин соҳа хизмати нотакрор менамоянд.

**Моделсозии молиявӣ.** Дар ин соҳа яке аз системаҳои мураккабтарин ин бозорҳои муосир мебошанд. Гарчанде маҷмӯи услубҳо ва воситаҳои илмӣ кор карда баромада шудаанд, вале то ҳоло унсурҳои эҳтимолӣ дар ин майдон ғолиб меоянд. Ҳоло сармоягузорон ва таҳлилгарони ин соҳа барои ҳалли муаммоҳои касбиашон ба ҳисобкуниҳои квантӣ муроҷиат намуда истодаанд. Зеро муваффақияти амалиёти молиявӣ аз миқдори бениҳоят калони ҳолатҳо вобаста мебошад ва барои ба назар гирифтану идора кардани онҳо қудрати компютерҳои анаъанавӣ кифоя нест.

**Пешгӯии дақиқи обу ҳаво.** Умуман, ба таври расмӣ, пешгӯии илмии обу ҳаво аз нимаи дуюми асри 19 оғоз шудааст. Вале, бо вуҷуди он то ҳоло саҳеҳияти ҳалли ин масъала яке аз муаммоҳои марказии илмӣ боқӣ мемонад. Ба ҳама маълум аст, ки аз

пешгӯии дақиқи обу ҳаво кулли масъалаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла корҳои саҳрой, истеҳсоли маводҳои озуқаворӣ, нақлиёт, пешгӯии боришоти зиёд, саривақт огоҳӣ ёфтан аз офатҳои табиӣ (сунами, заминларза, гирдбодҳои шадид, обхезӣ) ва ғ. вобаста мебошад. Гарчанде олимон дар ин масъала доимо таҳқиқот мебаранд, муодилаҳои ҳосилшуда миқдори зиёди тағйирёбандаҳоро дар бар мегиранд, ва моделсозии таҳаввулли обу ҳаво аз ҷиҳати техникӣ душвор мегардад. Барои дар компютерҳои анъанавӣ ҳал намудани ин муодилаҳо мутахасисони соҳа маҷбур мешаванд, ки миқдори тағйирёбандаҳоро ба таври сунъӣ ихтисор намоянд, ки бевосита ба комилан дақиқ будани натиҷаҳо таъсири манфӣ мерасонад.

**Тафаккури сунъӣ.** Принсипи асосии фаъолияти тафаккури сунъӣ ин худомӯзӣ дар асоси мустақилона ҳосил намудани таҷриба мебошад. Раванди мазкур аз рӯи ҳисобҳои назариявӣ мунтазам афзун гардида, бояд рӯзе аз миқдор ба сифат ҷаҳиш намояд, яъне ба таври сунъӣ тафаккур ҳосил гардад. Ҳоло баъзе намудҳои роботҳо кор карда баромада шудаанд, ки зоҳиран ба монанди мавҷудоти бошуур сӯҳбат менамоянд (масалан, робот бо номи София аз ширкати Hanson Robotics). Мутахассисони соҳа ақида доранд, ки шояд солҳои наздик онҳо мустақилона дар худ тафаккур ҳосил намоянд. Вале мувофиқи маълумотҳо тафаккури сунъӣ ҳоло ба маънои томаш кор карда баромада (ё ҳосил) нашудааст. Агар ба таври оддӣ баён намоем, барои ҳосил шудани тафаккур бояд дар навбати аввал маҷмӯи алоқаҳои мураккаби унсурҳои фикрӣ бунёд гардад. Ин амал аз ҳисобкуниҳои бениҳоят зиёди эҳтимолиятҳо ва натиҷаҳои имконпазир вобаста мебошад, ки компютерҳои анъанавӣ қудрати иҷроиши чунин ҳаҷми корро надоранд. Дар назар аст, ки бо пайдоиши компютерҳои квантӣ масъалаи мазкур ҳалли худро меёбад.

**Физикаи зарраҳои элементарӣ (физикаи энергияҳои фавқулбаланд).** Моделҳои физикаи зарраҳои элементарӣ, ки дар асоси қонуниятҳои назарияи квантии майдон таҳия мешаванд, дар аксарияти ҳолатҳо бениҳоят мураккаб мебошанд. Дар ин маврид, бевосита оид ба фаъолияти худ дар ин масъала ёдрас шуда метавонам. Мо як гурӯҳи илмии сектори физикаи

назариявии Институти физикаю техникаи ба номи С.У.Умарови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти роҳбарии академик Ҳ.Ҳ.Муминов зиёда аз 15 сол мешавад, ки бо моделсозии квазизарраҳо машғул ҳастем. Масалан, барои ҳосил намудани модели 15-20 сониягии сеченаи фазову вақт, ки дар куби иборат аз миллиардҳо нуқта таҳаввулоту динамикаи зарраҳои субядроиро инъикос менамояд компютерҳои 8 ядрой (сатҳи Intel Core i7) ин маҷмӯъро зиёда 100 соат ҳисоб менамоянд. Чунин суръати ҳосилшавии модели микроолам бо назардошти то ҳадди имкон ихтисор намудани тағйирёбандаҳо ба даст оварда мешавад. Албатта бо як таҷриба модели дақиқ ҳосил намешавад ва барои ҳосил намудани модели саҳеҳ, садҳо чунин таҷрибаҳоро гузаронидан лозим аст. Муаммои асосӣ дар ин ҷо кифоя набудани суръати микропротсессор, хотираи фаврӣ ва доимии компютери анъанавӣ мебошад, ки муддати таҳқиқотро зиёд менамоянд. Бо вуҷуди ин, ҳоло маҷмуи моделҳои динамикии квазизарраҳоро ба даст оварда шудаанд. Бо дастрасӣ ба компютерҳои квантии одитарин мо имконият пайдо менамоем дар як муддати кӯтоҳ таҷрибаҳое гузаронем, ки бо компютерҳои анъанавӣ барои ин на кам аз даҳсолаҳо ва садсолаҳо лозим мебошанд.

Ин буд намунаҳои хеле ҳам мухтасар аз маҷмӯи васеи соҳаҳои истифодабарии компютерҳои квантӣ. Дар ин қатор, инженерияи генӣ, соҳаи тиб ва дорусозӣ, соҳаҳои автоматика, робототехника ва мошинсозӣ, наномаводҳо ва технологияи рақамӣ, биотехнология ва биологияи квантӣ ва умуман тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонро қайд намудан мумкин аст, ки компютерҳои квантӣ саҳми нотакрори худро дар рушди соҳаҳои мазкур гузошта метавонанд.

Акнун бармегардем ба саволе, ки – **барои чӣ то ҳоло компютерҳои квантӣ кор карда баромада нашуданд**.

Яке аз муаммоҳои марказӣ – ислоҳ намудани хатогиҳо мебошад. Воҳидҳои анъанавии иттилоот дар компютерҳои квантӣ кубитҳо (бити квантӣ) мебошанд, ки табиати квантӣ дошта ба муҳити атроф хеле ҳассос мебошанд. Яъне камтарин таъсироти табиӣ кифоя аст, ки раванди декогеренсия ҷорӣ шуда алоқаҳои дохилии системаи квантӣ вайрон шаванд. Барои ҳалли

ин масъала микропротсессори квантиро аз таъсироти муҳити атроф ба пуррагӣ ҳифз намудан лозим аст, ки худ як масъалаи мураккаби технологӣ ба ҳисоб меравад.

Инчунин ба қатори муаммоҳои соҳа ба ҳолати муайяни ибтидоӣ овардани кубитҳо, муттаҳид намудани онҳо ба системаи омехта, сабту хониши натиҷаи ҳисобкунии квантӣ дохил мешаванд. Ғайр аз ин, масъалаи интихоби базаи элементӣ барои кор карда баромадани кубитҳо мавҷуд аст ва ҳоло бо якчанд вариантҳо таҷрибаҳо гузаронида шуда истодаанд.

Вобаста ба ин, дар Институти физикаю техника гурӯҳи кории мо, инчунин оид ба муаммои амалӣ намудани ҳисобкуниҳои квантӣ дар асоси унсурҳои бисёрсатҳии квантӣ бо истифодабарии назарияи ҳолатҳои когерентии умумишуда таҳқиқотҳо рафта истодаанд. Мақсад аз он кор карда баромадани назарияи компютерҳои квантии идеалӣ мебошад, ки бо муҳити атроф мубодила намекунанд ва аз равандҳои декогерентизатсияи квантӣ озод мебошад. Дар раванди таҳқиқот кор карда баромадани калидҳои асосии ҳисобкуниҳои квантӣ ва криптографияи квантӣ пешбинӣ шудааст, ки на дар асоси кубитҳо, балки дар асоси кутритҳо (трити квантӣ дар фазои $H_3$) амал менамоянд. Қайд менамоем, ки амалигардонии системаҳои мазкур дар асоси истифодабарии резонанси магнитии квадруполии ядроӣ имконпазир мебошад.

Ҳамчунин, бояд зикр намоям, ки соли 2005 роҳбари гурӯҳи кории мо академик Ҳ.Ҳ.Муминов ба Институти технологии Массачусетси ИМА барои гузаронидани таҳқиқот дар соҳаи компютерҳои квантии бисёрсавиягӣ даъват шуданд. Онҷо дар гурӯҳи кории профессорон Дэвид Кори ва Тим Хэвел давоми ним сол дар ҳамҷоягӣ фаъолият намуда, оид ба системаҳои квантии бисёрсатҳӣ маҷмӯи масъалаҳои соҳаро таҳқиқу баррасӣ намуданд. Аз рӯйи натиҷаҳои фаъолияти чунин гурӯҳи байналмилалӣ силсилаи лексияҳо омода гардида, барои мутахассисон ва донишҷӯёну унвонҷӯёни хориҷиву ватанӣ пешниҳод гардид.

Дар интиҳо шиносоӣ бо баъзе намунаҳои ибтидоии компютерҳои квантӣ муфид мебошад.

**Намунаҳои ибтидоии компютерҳои квантӣ**

**Компютери адиабатии ширкати D-Wave Systems (Канада)**

Дар даҳсолаи охир ширкати мазкур пайдарпай навъҳои гуногуни маҳсулоти худро таҳти унвони «компютери квантӣ» пешниҳод намуда истодааст. Аслан компютерҳои ширкати мазкур дар асоси принсипи релаксатсияи квантӣ фаъолият намуда, барои ҳалли гурӯҳи хеле хурди масъалаҳо мувофиқ мебошанд. Бо вуҷуди он, ки компютерҳои D-Wave ба маънои томаш ҳоло компютери квантӣ нестанд, вале дар онҳо баъзе хосиятҳои квантӣ истифода шуда, ширкати мазкур тиҷорати худро бомуваффақият ба роҳ мондааст. Масалан, ибтидои соли ҷорӣ D-Wave фурӯши компютери 2000-кубитии худро (D-Wave 2000Q) бо арзиши 15 миллион доллар оғоз намудааст.

Вале, бояд қайд намоем, ки гарчанде компютери мазкур ҳамчун 2000-кубитӣ муаррифӣ мешавад, он албатта ба маънои дигар омадааст. Яъне на ба маънои регистри ягонаи квантии иборат аз 2000 кубит (мазмуни аслии компютери квантӣ), балки маҷмӯи регистрҳои квантии зиёде, ки ҳар кадоме иборат аз якчанд кубит мебошанд.

**Компютери 50-кубитии ширкати Google.** Солҳои охир ба раванди таҳқиқу истеҳсоли компютерҳои квантӣ ширкати машҳури Google низ шомил гардид ва аллакай намунаи кории компютери 6-кубитии худро кор карда баромадааст. Ҳоло бошад мутахассисони ширкат дар асоси компютери 6-кубитии худ технологияи микропротсессори 50-кубитиро таҳия намуда истодаанд, ки дар айни замон пуриқтидортарин компютер ҳисоб рафта метавонад. Агар ин нақшаи онҳо амалӣ гардад, ширкати мазкур аввалин шуда аз «монеаи афзалияти квантӣ» гузашта метавонад. Бо ин мафҳум сатҳи технологияи компютерҳои квантиро ишора мекунанд, ки пас аз он маҳсулнокии микропротсессори квантӣ аз иқтидори супперкомпютерҳои анъанавии мавҷудбуда якчанд дараҷа боло меравад.

Бояд қайд намоем, ки мувофиқи ҳисобҳои қаблӣ, бо дастрасӣ ба компютерҳои квантии сатҳи 300-кубитӣ зарурият ба суперкомпютерҳои анаъанавӣ ба пуррагӣ аз байн меравад.



**Санавбарбону ВОХИДОВА**
*доктор исторических наук*

# ГОСУДАРСТВЕННО-ПРАВОВОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО ТАДЖИКИСТАНА И ГЕРМАНИИ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

Таджикистан, расположенный в самом сердце Центральной Азии, с провозглашением государственной независимости стремится возродить свою богатую древнюю культуру, занять достойное место в мировой цивилизации и в современном сообществе народов мира.

Давний интерес Федеративной Республики Германии с провозглашением независимости Республики Таджикистан стал приобретать интенсивный и официально государственно-правовой характер, Свидетельством тому являлся визит бывшего министра иностранных дел ФРГ Йошки Фишера и возобновление технического сотрудничества между Германией и Таджикистаном.[1]

Благодаря публикациям немецких ученых о Таджикистане официальные круги Германии смогли ознакомиться с историей и культурой таджиков особенностями государственного и в целом общественно-политического развития Таджикистана.

Бесспорно, все это сыграло немаловажную роль в том, что Германия стала первым и единственным западноевропейским государством, которое, признав государственную независимость Республики Таджикистан, 28 февраля 1992 года установило дипломатические отношения в лице Чрезвычайного и Полномочного Посла Германии в Таджикистане молодого и опытного дипломата Александра Бекманна.[2]

---

[1] "Вохидова С. Тамаддуни эрониёну- тсиъикон дар таърихнигории мамолики олмонизабони Аврупо (карни XVI- аввали XXI) Душанбе, 2007, -С.9.

[2] Вохидова С., Сотрудничество во имя мира и прогресса// Бизнес и политика// 3 мая . 2002. -С.6

Вслед за этим добрым актом государственной важности Республика Таджикистан в марте 1994 г. также открыла свое посольство в Бонне. Благодаря активной деятельности двух посольств Германии и Таджикистана в августе 1995 г. был подписан ряд договоров и соглашений в области культуры, здравоохранения, образования и науки, а также меморандум в области малого и среднего бизнеса.[3] Были достигнуты договоренности о взаимовыгодном сотрудничестве во имя мира и прогресса по конкретным направлениям и проектам.

Известно, что высокий авторитет Германии в Европе и во всем мире определяется не только ее огромным потенциалом и экономической мощью, но духовным культурным наследием. Поэтому, говоря о сотрудничестве, мы имеем ввиду не только торгово - экономические связи, но и взаимный обмен в области культуры и искусства, образования и науки. Именно научные исследования, объясняющие прошлое, характеризующие настоящее и дающие прогноз на будущее стран и народов Центральной Азии станут основой сотрудничества между народами и государствами. Таким образом, наступает эпоха ренессанса в развитии отношений Таджикистана и Германии, что безусловно, будет способствовать развитию научной деятельности ученых обеих стран.[4]

Следует особо подчеркнуть проект по внедрению ряда производственных линий в пищевой промышленности РТ, с фирмой «Ферросталь» по поставкам технологического оборудования для строительства туннеля «Уштур» и минеральных удобрений на нужды сельского хозяйства Таджикистана. Восейский сользавод приступил к реализации проекта с немецкой фирмой «Шлафхорст», строительство прядильно-ткацкой фабрики в Кулябе. Отрадно отметить, что стороны осуществили совместный проект по модернизации телефонной сети и коммуникационной системы. Что касается технической помощи, Германия оказала Агентству по контролю за наркотиками при Президенте РТ материально-техническую помощь в размере 100000 долларов США. Оказание такой

[3] ВохидоваС. Указ. раб. -С-6

' Вохидова С., Тамаддуни эрониёну точикион дар таърихнигории мамолики олмонизабони Аврупо. (карни ХУ1-аввали XXI) Душанбе, 2007, -С. 237

технической помощи со стороны ФРГ является продолжением помощи Таджикистану, о которой говорил Вице- президент Федерального ведомства Уголовной полиции господин Фольк во время своего визита в Душанбе.

Необходимо отметить деятельность «Германской Агроакции», которую можно назвать «Акцией мира». Она была основана в 1962 г. в рамках международной компании ООН по борьбе с катастрофами, бедностью и с голодом на основе частной инициативы, находится под патронажем Президента ФРГ.[5]

Одной из последних ее акций мира являлся помощь в размере 100 млн. евро на ликвидацию последствий наводнения в Аштском районе. Помогает семенами картофеля, пшеницы и других сельхозкультур населению Таджикистана. Это способствовало большему сближению и взаимопониманию двух народов, во имя мира и прогресса, оказание безвозмездной экономической и гуманитарной помощи Германии Таджикистану, в которой так нуждался Таджикистан.[6]

Говоря о различных узах сотрудничества Таджикистана и Германии, вспоминается осень 1996 г., когда впервые в Душанбе проводились дни культуры искусства Германии в Таджикистане. Бывший Федеральный министр иностранных дел Германии Клаус Кинкель по случаю проведения в 1996 г. дней культуры Федеративной Республики Германии в Центральной Азии, в частности в Таджикистане говорил: «Дни культуры Федеративной республики Германии проходят в регионе, который издревле является перекрестком различных культур.[7] Со времен легендарных империй вдоль Великого шелкового пути народы Центральной Азии открыто воспринимали влияние чужих культур. В этом регионе неудержимо продвигается вперед процесс общественного и экономического обновления».[8]

Публика Таджикистана с интересом слушала народный немецкий ансамбль «Зингер Пур Брасс оф зе мувинг имидж»,

[0] .Вохидова С. Биснес и политика... -С.6.
[6] Вохидова С. Там же.
[7] Grusswort des Bundesminister des Auswartigen anlasslich der Kulturwochen BRD in Zentralasien// Kulturwochen der Bundesrepublik Deutschland// Frankfurt am Mein/ 1996? S.7.
[8] Kulturwochen ... Узазаннаяработа. S.7-8.

немецких рок музыкантов, а также детский театр «Кеттуркат». Важным моментом является то, что посольство Германии передало в дар национальной библиотеке им. Фирдоуси фотовыставку «История культуры Центральной Азии», 27 фотографий показывают сцены обычаев, традиций, культуры и повседневной жизни таджиков и других народов Центральной Азии.

Эти фотографии были сделаны немецкими учеными, путешественниками этнографами в начале этого века. Отныне она является составной частью национальной библиотеки, так как библиотека располагает богатейшим фондом немецкоязычной литературы. В настоящем времени Центральная научная библиотека им. Индиры Ганди ежемесячно получает литературу по естественным наукам из Германии.

Германия стремится создать предпосылки так называемого «культурного диалога» с государствами-партнерами. В этом плане является очень важной деятельность Института им. И. В. Гете, Фонда им. А. и В. Гумбольдта, а также, Немецкая служба академического обмена (ДААД), способствующие обмену учеными и студентами. Следует особо отметить огромную заслугу руководителя ДААД господина Кристиана Райхарда. а также господина Кай Франке, которые внесли огромный вклад для укрепления контактов между учеными двух стран. Эту добрую традицию продолжает ныне д-р. Артур Рапп.

В рамках ДААД ежегодно студенты, аспиранты, преподаватели, ученые проводят свои исследования в научных центрах Германии. В настоящее время ориенталисты университета им А. и В. Гумбольдта под руководством известного немецкого ученого востоковеда Лутца Жехака знакомятся, изучают этнографию таджиков в Институте искусств им. М. Турсунзаде, а также педагогическом университете им. С.Айни.

В октябре 1998 года в Гамбурге состоялся Международный конгресс «Индоиранская цивилизация и Авеста», на который были приглашены ученые из 60 стран мира, в том числе известные ученые из Таджикистана К. Айни, П. Джамшедов, 3. Ахрори, С. Вохидова и другие. Выступления таджикских ученых были неординарными, что соответственно вызвало большой интерес участников конгресса.

Финансированное землями исследования высшей школы нельзя представить без содействия Немецкого исследовательского общества. Общество получает свои средства от федерации и земель, например, его фонд 1992 г. составил около 1,6 млрд. евро.[9]

Представитель немецкого исследовательского общества доктор Дорис Шенк, выступая перед учеными АН РТ, ознакомила с задачами немецкого исследовательского общества, говорила о необходимости создания совместных научных проектов между учеными двух стран.[10]

По инициативе бывшего Чрезвычайного и Полномочного Посла Германии в Таджикистане господина Матясса Мейера, а также моей инициативе А. М. Шиммель была приглашена в качестве гостья института востоковедения и письменного наследия АН РТ . В Академии наук Республики Таджикистан А.М, Шиммель сделала блестящий доклад на тему «Статус женщины а исламе».[13] После доклада А.М. Шиммель на все вопросы, заданные ей, отвечала на персидском-таджикском и немецком языках. В этом институте А.М. Шиммель ознакомилась с хранящимися здесь редчайшими рукописями, а также экземпляром Корана, относящимся к ХП в. Примечательно, что прежде чем открыт священный Коран А.М. Шиммель прочла айат «Фатих»-а, затем бережно и трепетно открыла эту священную книгу, что весьма впечатлило присутствующих.[11]

Важным моментом в жизни немецкого народа является принятие Основного закона ФРГ. Основной закон оказался надежным фундаментом стабильного демократического общества. Требование Основного закона о воссоединении было выполнено в 1990 году.

Преамбула и заключительная статья Основного закона получили новую редакцию на основе Договора от 31 августа 1990 года об объединении ГДР и ФРГ.

---

[9] Вохидова С. Айн, цвай, драй. Шаги сотрудничества. //Бизнес и политика. 20 мая ,1999. -С. 2 [п] Deutschland. Fakten//Frankfurt am Mein// 2002, S 295-297.

[10] Schimmel A.M. Meine Seele das Weibliche im Islam// Kossel, 1995,-.S. 5/

[11] Вохидова С., Сотрудничество ва имя мира и прогресса// Бизнес и политика, май 2002 г. -С.6.

Таким образом, в тексте Конституции записано, что немецкий народ достиг своего единства с присоединением ГДР. С 3 октября 1990 г. Основной закон стал действителен для всей Германии.[12]

Учредителями Конституции в 1948 г. являлись премьер министры земель, созданных в западных зонах, и Парламентский совет. Этот совет под председательством Конрада Аденауэра принял Основной закон, который был обнародован и вступил в силу 23 мая 1949-года.

Таким образом, 23 мая 1949 г. в истории немецкого народа стало знаменательной датой — днем принятия Конституции и образования ФРГ.[13]

Следует особо подчеркнуть 50-летний юбилей Основного закона, который являлся праздником для все объединенной Германии.

Основной закон был отмечен, как самая лучшая и сама свободная Конституция, которая когда-либо имелось на немецкой земле. По случае 50-летию Основного закона ФРГ был проведен в Академии наук таджикско- немецкий семинар. Авторами данного проекта являлись исполняющий обязанности вице-президента академик Фазил Тахирович Тахиров, а также доктор исторических наук, востоковед Санавбарбану Вахидова.

Впервые на том семинаре звучали гимны двух стан, исполненные живем музыкантами театра Оперы и балета им С . Айни. Кстати, посольства Германии оказывает материальную поддержку коллективу этого театра. На этот семинар были приглашены ученые, юристы востоковеды, банковские сотрудники из ФРГ.

Очень интересным являлось выступление представителями Дойчесбанка господина Марко Граффа. Опыт немецкого Федерального Банка по регулированию денежно-кредитной системы является полезным и существенным для нашей экономики. Весьма актуальными и интересными являются совместные исследования Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша АН РТ во главе с академиком Р.

[12] Deutschland. FakteiV/Frankfurt am Mein// 2002, S 132.

[13] Deutschland. Fakten/ZFrankfurt am Mein// 2002, S 133 [1'] Вохидова С., Указанная работа.. -С. 6

Масовым с немецкими учеными археологами Университета Халле-Виттенберга и Университета им. А. и В.

Гумбольдта. Найденные в Кабадиянских и Ховалингских районах «Греческие надписи», «Мехроби сангин бога Окса» переданы в Национальный музей древностей Таджикистана. Совместные исследования проводятся известными учеными Ю. Якубовым и М. Бубновой, которые изучают с немецкими коллегами в составе археологической экспедиции древние оловянные рудники Заравшана. Экспедицию курирует директор Евразийского отдела немецкого археологического института профессор Герман Парцингер.

Тогда еще известный ученый В. А. Ранов находился у своих коллег в Берлине. Финансируется журнал по археологии Евразии, монографическое исследование «Карты Памира».

Особенно следует подчеркнуть, что Посольство Федеративной Республики Германии в Республике Таджикистан от имени своей страны передало Национальному музею древностей Таджикистана в качестве дара компьютер, монитор, принтер, цифровой фотоаппарат, другие технические принадлежности, также оказана финансовая помощь в приобретении химикатов для реставрации музейных экспонатов, оборудования для освещения залов музея, на ремонтные работы. Директор национального музея древностей С. Бобомуллоев совместно с немецкими учеными в рамках ДААД проводил свои исследования в Берлинском археологическом Институте.[14]

В настоящее время курьеры ДААД в Таджикистане энергичная опытная фрау Никола Форингер. В рамках этой программы организуется круглые столы Вокшопы и конференции с участием бывших стипендиатов ДААД. Мне посчастливилось участвовать в рамках проекта ДААД и находилась в Бамберском университете имени Отто – Фридриха. Также получила возможность участвовать на 33-м Международном конгрессе ориентолистов Европы е Йенне.

Участие Таджикистана на международной выставке в 2000 г. 2012 и 2017

[14] Там же

годов в Ганновере было подтверждением качества продукции Таджикистана на

мировом рынке. В переходный период к рыночной экономике немаловажное значение имеет использование опыта германской модели социально-экономического развития.

Германия вышла в лидеры, не имея полезных ископаемых, не имея больших возможностей в источниках сырья и топлива, прежде всего за счет производства наукоемкой продукции и за счет новейших технологий, а также прежде всего трудолюбию немецкого народа.

Федеративная Республика Германия принадлежит к ведущим индустриальным странам в мире. Она занимает третье место в мире по своему общему экономическому объему в мировой. В мировой торговле она на втором месте.[15]

Проведение РТ умелой политической, экономической и культурной программы позволит привлечь немецких инвесторов, поддержать реформы в сфере промышленности, модернизировать старую технологию* предприятий легкой и ткацкой промышленности, а также переработки и хранения овощей, фруктов и другой сельхозпродукции, сотрудничать в области горно- металлургического комплекса, создавать совместные предприятия агропромышленного комплекса. Наладилась воздушная коммуникация, Душанбе Франкфурт, Франкфурт - Душанбе, что очень важно для открытия туристических маршрутов по Таджикистану.

Необходимо создание совместных научно-технических филиалов фондов им. А. и В. Гумбольдта, Конрада Аденауэра для расширения горизонтов исследований науки в целом.

Необходимо учесть опыт основы немецкого сотрудничества состоящий из трех сфер: борьба с обнищанием, охрана природы и ресурсов[16], предварительная профессиональная подготовка специалистов.

В заключении хотелось бы отметить, что Германия - это великая страна, давшая миру нобелевских лауреатов таких, как Макс фон Лауне, Макс Планк, Альберт Эйнштейн, страна

[15] Вохидова С. С.Айн, цвай, драй. Шаги сотрудничества//20 мая 1999, С.2
[16] Deutschland. Fahten //Frankfurt am Mein//? 19947S-206/

великих композиторов, как Бетховен, Бах, Гендель, Вагнер, Мариус Мюллер, страна великих философов Гегеля, Канта, Маркса, а также давших миру соприкосновение с культурой Востока и Запада Гете и Шиллера, что стала достоянием мировой цивилизации.

Франк-Вальтер Штайнмайер - Президент ФРГ посетил Таджикистан летом 2016 году. Таким образом был подписан ряд соглашений и договоров в области сельского хозяйство, экологии, а также инновации и новейших технологий между Таджикистаном и Германии.

Хотелось бы особо отметить, стремление Правительства Германии, а также немецкого Посольства в Таджикистане оказать разностороннюю помощь и поддержку РТ в годы независимости, что безусловно, будет способствовать сближению двух стран. Мы надеемся, что со временем укрепившись, Таджикистан сможет ответить теми же добрыми побуждениями и делами во имя укрепления взаимовыгодного сотрудничества и мостов между Таджикистаном и Германией.



**Назрбӣ ИСМАТОВА**
*ходими хурди илмии Институти омӯзиши масъалаҳои Осиё ва Аврупо*

## РОБИТАҲОИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН (ҲАМГИРОЙ-ИНТЕГРАТСИЯ)

Аз нимаи дуюми асри XX дар доираи тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ равандҳои ба он марбут низ дар ҳама қитъаҳои олам арзи вуҷуд намуданд. Аз ҷумла, иттиҳодияҳои интегратсонӣ дар қитъаи Осиё, аз қабили Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (ECO, соли 1964), Ассотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ (ASEAN, соли 1967), Шӯрои Ҳамкории Кишварҳои Халиҷи Форс, соли 1981) ва Иттиҳодияи иқтисодии Кишварҳои Халиҷи Бенгал (BIMSTEC, соли 2004) ташкил ёфтаанд. Рушди ин иттиҳодияҳо, асосан дар шакли «ҳамкории минтақавӣ» (regionalcooperation) сурат гирифтааст.

Лозим ба тазаккур аст, ки ин гуна ҳамкориҳо метавонанд ҷиҳати рафъи монеаҳо дар самти робитаҳои иқтисодии фаромиллӣ дар минтақа, аз ҷумла рушди инфрасохтори нақлиётӣ, фаросарҳадӣ, ҳалли мушкилоти экологӣ, танзими мушкилоти бозорҳо ва ғайра сурат гиранд.(1).

Ҳаминро тазаккур бояд дод, ки чунин иттиҳодияҳо аз ҷиҳати ҷуғрофияи ҳамгироӣ маҳдуд буда, наметавонистанд рушди ҳамаҷонибаи кишварҳоро пурра таъмин намоянд. Илова бар ин, тайи даҳсолаи охир талаботи субъектҳои иқтисодиёт ва амнияти ҷаҳонӣ, ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ таъмин намудани ҳамкориҳоро дар фазои боз ҳам фарогир тақозо менамояд. Бо назардошти, ин аз оғози асри XX дар ҷаҳон, аз ҷумла дар қитъаи Осиё зарурати густариши бештари асосҳои мавҷудаи ҳамкории

минтақавӣ, тавассути созмонҳои фарогир ба миён омад. Муколамаи ҳамкории Осиё маҳз дар ҳамин замина ба ҳайси аввалин абзори навини ҳамгирой ҷиҳати ба ҳам пайвастани созмонҳои зерминтақавии тамоми қисматҳои Осиё ва таъмини ҳамкориҳои бисёрҷонибаи ҳамаи кишварҳои қитъа арзи вуҷуд намуд.

Ғояи созмон додани муколамаи ҳамкории Осиё аз ҷониби Сарвазири Шоҳигарии Тайланд Таксин Шинаватра соли 2000-ум дар рафти конфронси 1-уми ҳизбҳои сиёсии Осиё дар шаҳри Манила ироа гардида, моҳи феврали соли 2002 зимни ҷаласаи вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви Ассотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ (ASEAN) пазируфта шуд.

Вазифаҳои асосии Ҳамоиши мазкур инаст:

- густариши ҳамкорӣ байни кишварҳои Осиё дар ҳамаи самтҳои марбута тавассути пайдо намудани бартариятҳо ва имкониятҳои муштарак барои рушди иқтисодиёти миллӣ, мубориза бар зидди камбизоатӣ ва беҳтар намудани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ;
- рушди бозорҳои тиҷоратӣ ва молиявии Осиё бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаи Осиё дар арсаи ҷаҳонӣ;
- ба ҳам пайвастани тамоми халқаҳои механизми ҳамкорӣ ҷиҳати истифодаи пурраи имкониятҳо ва бартариятҳои ҳамкорӣ дар Осиё ва таъмин намудани шарики баробарҳуқуқии қитъа бо дигар минтақаҳои ҷаҳон.

Яке аз хусусиятҳои Механизми Ҳамкориҳои Осиё (МҲО) ин фаъолият дар ду ҷанба-муколамавӣ ва лоиҳавӣ мебошад. Ҷанбаи муколамавӣ аслан ба дастгирии ҳамкории мунтазам ва иштироки намояндагони кишварҳои аъзо дар чорабиниҳои татбиқшаванда нигаронида шудааст. Дар доираи ҷанбаи лоиҳавӣ вобаста ба имконоту иқтидорҳои кишварҳои аъзо ба онҳо ба таври ихтиёрӣ мақоми кишвари ҳамоҳангсоз оид ба ин ё он соҳаи мушаххаси ҳамкорӣ дода мешавад. Яке аз ҳадафҳои асосии Ҳамоиш ҷиҳати татбиқи сиёсат ва стратегияҳои миллӣ ва ҷалби воситаҳои молиявӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳо дар кишварҳои ниёзманд мебошад. Иштирок дар МҲО барои Тоҷикистон ҷиҳати дастрасӣ ба ҳадафҳои миллӣ имкониятҳои

муайянро фароҳам овард. Тоҷикистон ҳангоми аъзо шудан ба ин Ҳамоиш соли 2006 изҳори хоҳиш намуд. Ин хоҳиш дар вохӯрии 5-уми вазирони корҳои хориҷии МҲО дар Давҳа (23-24 майи соли 2006) дастгирӣ ёфт ва 6-уми июни ҳамон сол Тоҷикистон расман ба ҳайси иштирокдор ба он ҳамроҳ гардид.

Усули бунёдии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамгирой ва равобити дӯстона бо тамоми кишварҳои ҷаҳон аст. Дар Эъломияи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ бо давлатҳои хориҷӣ алоқаҳои дипломатӣ, консулӣ, тиҷоратӣ ва дигар алоқаҳоро барқарор менамояд, бо онҳо шартномаҳои байналхалқӣ мебандад».

Имрӯз Тоҷикистон бо зиёда аз 60 давлати ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ дорад ва аъзои 30 созмони байналмиллалӣ мебошад. Инчунин бо беш аз 124 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла бо 10 мамлакати аъзои ИДМ ва 114 кишвари хориҷи дур равобити иқтисодиву тиҷоратӣ дорад. Дар тӯли 26-соли Истиқлоли давлатӣ дар сиёсати хориҷии худ, ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар самти муносибатҳои байналмиллӣ ва минтақавии тиҷоративу иқтисодӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидааст. Дар ин самт ҳадафҳои асосии сиёсати давлат васеъ намудани равобити иқтисодӣ, бозсозии зерсохторҳо, ҷалби сармоя, шароит фароҳам овардан барои тиҷорати озод, коҳиш додани пардохтҳои гумрукӣ ва монеаҳо дар савдои бурунмарзӣ, раҳо намудан аз бунбасти иртиботӣ, бисёрҷонибасозии масирҳои тиҷоратӣ барои кушодани роҳ ба бозорҳои ҷаҳонӣ мебошад.

Ҳамкорони асосии иқтисодиву тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равобити иқтисодии хориҷӣ, пеш аз ҳама мамолики аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошад, ки қариб 50 дар сади муомилоти тиҷоратии хориҷии мамлакатро ташкил медиҳад. Яке аз афзалиятҳои сиёсати иқтисодии хориҷии Тоҷикистон ин робитаи дуҷонибаи иқтисодӣ бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошад. Дар ҳавзаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз самтҳои муҳим дар ҳамкориҳои иқтисодӣ ин ширкати фаъол дар чунин ниҳодҳои муҳим, ба монанди Минтақаи тиҷоратии озоди кишварҳои

муштаракулманофеъ ва Иттиҳоди АвроОсиё, мебошад. Ҳамкории иқтисодӣ бо Федератсияи Русия дорои аҳамияти бузург аст. Бо саҳми Ширкати РАО ЕЭС Неругоҳи «Сангтӯда -1» бунёд гаштааст, ки 15 % ҳаҷми умумии неруи барқи кишварро тавлид мекунад. Ҷамъияти саҳомии «Газпром-нефт» дар якчанд майдонҳои нафту газ бо корҳои ҷустуҷӯиву иктишофӣ машғул мебошад.

Ҳамзамон самтҳои афзалиятноки равобити иқтисодии Тоҷикистону Қазоқистон дар соҳаҳои истихроҷи маъдан, металлургияи ранга, мошинсозӣ, кишоварзӣ, саноати сабук, ҳамлу нақл, фаъолияти бонкӣ ва иртиботот мебошанд. Тоҷикистон ба Қазоқистон неруи барқ, пахта, алюминий, маҳсулоти кишоварзӣ ва нассоҷӣ содир мекунад ва аз Ҷумҳурии Қазоқистон ба кишвар ғалла, орд, маҳсулоти нафтӣ, фулузоти оҳанӣ ва маҳсулоти кимиёӣ ворид месозад. Сармоягузорони Қазоқистон тасмим гирифтаанд, ки дар бунёди Неругоҳи барқии обии Нуробод, неругоҳҳои миёна ва хурд дар ҳавзаи дарёи Зарафшон ва дигар манотиқи кишвар саҳм гузоранд. Дар доираи робитаҳои иқтисодии Тоҷикистон бо Украина қайд намудан ба маврид аст, ки ба ҷуз ҳамкориҳо дар соҳаи гидроэнергетика, ки яке аз бахшҳои анъанавӣ ба ҳисоб меравад, дар дигар соҳаҳо низ бо суръат тараққӣ меёбад. Аз афзалиятнокии соҳаҳои гидроэнергетика дар равобити ду кишвар ҳамин далел, ки наздик ба 90% тамоми таҷҳизоти техникӣ дар нерӯгоҳи барқии Тоҷикистон истифодашаванда маҳсулоти корхонаҳои саноатии Украина мебошад, ба хубӣ шаҳодат медиҳад.

Дар соҳаи гидроэнергетика инчунин ҳамкориҳо бо Иттиҳоди Аврупо низ назаррас мебошад. Зери Созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки сармоягузории Аврупо ҷиҳати тармиму таҷдиди Неругоҳи барқии обии Қайроқум ва татбиқи дигар лоиҳаҳо, инчунин оғози сармоягузории бонки мазкур ба ин умед медиҳанд. Тоҷикистон аз соли 1998 инҷониб дар амалӣ кардани 6 лоиҳаи нақлиётии ТРАСЕКА ва аз соли 2007 дар лоиҳаи ИНОГЕЙТ дар соҳаи энергетика фаъолона ширкат меварзад. Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи Барномаи минтақавии инвеститсионӣ – Хазинаи

Комиссияи Аврупо оид ба сармоягузорӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ қарор гирифтааст.

Барномаҳое аз қабили ТАСИС, БОМКА\КАДАП, «Темпус» ва «Эразмус Мундус», дастгирии буҷети ҷумҳурӣ, кумакҳои макромолиявию техникӣ мисоли возеҳи саҳми Иттиҳоди Аврупо дар рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ-сиёсӣ ва таъмини амнияти кишвари мо ба ҳисоб меравaнд. Айни замон дар Тоҷикистон 124 лоиҳаи дуҷонибаву минтақавии Иттиҳоди Аврупо ба маблағи зиёда аз 170 миллион евро дар вазъи тадбиқшавӣ мебошанд. Тоҷикистон бо равобити худ бо Олмон тавҷҷуҳи махсус медиҳад, зеро Олмон аз миёни кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо зиёдтар аз ҳама ба соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ дорад. Феълан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои муштараки «Мах Хуросон», «Мюллер ва шелл», «Зименес- Шивас ЛТД» ва «Дӯстӣ» фаъолият доранд. Яке аз самтҳои муҳими дигари ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратии Тоҷикистон ин робитаҳо ба кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкориҳои Шанхай мебошад. Бо маблағгузории мамлакати Чин силсилаи лоиҳаҳои стратегӣ, аз қабили шоҳроҳҳои Чанак-Хуҷанд-Душанбе, нақбҳои Шаршар, Чормағзак, Шаҳристон, хатҳои интиқоли барқи «Ҷануб-Шимол», «Лолазор-Хатлон» анҷом ёфтаанд ва инчунин идома доранд. Ҳамзамон байни Тоҷикистон ва Чин зиёда аз 150 созишномаҳо ва асноди ҳуқуқӣ ба имзо расидааст. Аз маҷмӯи муомилоти тиҷоратии ду кишвар 70 фоизи он дар сарҳадоти Тоҷикистону Чин сурат мегирад. Самти дигари афзалиятноки сиёсати иқтисодиву тиҷоратии Тоҷикистон робитаҳои судманд бо кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ (ЭКО) мебошад. Минтақаи ЭКО дар маркази Авроосиё ҷойгир буда, яке аз минтақаҳои муҳими иқтисодии ҷаҳон эътироф гардидааст. Гардиши моли Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои аъзои ЭКО 35-40 фоизро ташкил медиҳад.

Тоҷикистон бо ҷалби сармоягузорӣ баҳри амалӣ намудани лоиҳаҳои муштараки инвеститсионӣ бо доираҳои мухталифи молиявии байналмиллалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла Бонки Умумиҷаҳонӣ, Бонки Рушди Осиё, Бонки Исломии Рушд, Фонди иқтисодӣ ва тараққиёти Кувайт, Фонди Саудии Рушд ва ОПЕК

равобити устувор дорад. Бонки Исломии Рушд, ки ниҳоди Созмони Ҳамкории Исломӣ мебошад дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ва иҷтимоиёти кишвар сармоягузорӣ менамояд. Тоҷикистон 16 сол боз бо БИР ҳамкорӣ дорад. Сармоягузорӣ аслан дар самтҳои тандурустӣ, маориф, таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ, такмили низоми идораи давлатӣ ва бонкӣ, обёрӣ намудани заминҳои бекорхобида, сохтмони роҳҳои мошингард, бунёди нерӯгоҳҳои барқӣ равона гардидааст.

Саҳми Иёлоти Муттаҳидаи Амрико низ дар рушди иқтисодиёти кишвари мо ва кишвари ҳамсоя, Афғонистон назаррас мебошад. Аз ҷумла, бунёди пулҳои автомобилгузар аз рӯи дарёи Панҷ дар марзи Афғонистону Тоҷикистон аҳамияти бузург доранд. Бо дастгирии молиявӣ ва техникии ИМА 6 пули пайвасткунандаи соҳилҳои тоҷикистониву афғонистонии дарёи Панҷ сохта шудааст. Сохтмони ин пулҳо муомилоти тиҷоратии кишвари моро бо мамлакати ҳамсоя чанд маротиба афзун намудааст.

Бо мақсади рушди соҳаи энергетика ва истифода аз имкониятҳои мавҷуда аз соли 2009 инҷониб роҳбарияти чор давлати Осиё: -Тоҷикистон, Афғонистон, Қирғизистон ва Покистон созишномаи байниҳукуматиеро ба имзо расонидаанд, ки дар асоси он интиқоли нерӯи барқ аз Осиёи Марказӣ ба Осиёи Ҷанубӣ, маъмул ба лоиҳаи CASA 1000 мебошад. Лоиҳаи мазкур бо инфрасохтори интиқоли барқ алоқаманд буда, механизмҳои тиҷоратӣ ва институтсионалӣ, аз ҷумла инфрасохтори барои савдои устувори нерӯи барқ дар ҳаҷми 1.300 мегаваттро (МВт) ба роҳ меандозад. Арзиши умумии ин лоиҳа беш аз 1.17 миллиард доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Маблағгузории ин лоиҳаи бузургро шарикони рушд таъмин менамоянд. Инҳо Бонки Исломии Рушд, Агентии ИМА оид ба рушди байналмиллалӣ ва Бонки Ҷаҳонӣ мебошанд. CASA-1000 ин як мисоли амалии тарҳест, ки ҳамкории иқтисодии минтақавиро дастгирӣ менамояд. Лоиҳаи CASA-1000 дар баланд бардоштани маҳсулнокӣ дар самти ҳамлу нақл, телекоммуникатсия ва бахшҳои истеҳсолот, ки ҳамаи ин ҷузъи муҳими иқтисодиёт мебошанд ва ҳамаи он аз нерӯи барқ вобастаанд, мусоидат менамояд.

### Пайнавишт

1. Система индикаторов евразийской интеграции / ЕАБР.-Алматы, 2009.-С.35
2. Нақши сиёсии Президенти Ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон дар рушди босуботи Тоҷикистон.Душанбе, 2014.-С 88.
3.Фаслномаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Сиёсати хориҷӣ» № 1,2013.

## ТАҲИЯ ВА ТАҚРИЗ

## ЯК МОҲ БО СОДИҚ ҲИДОЯТ

**Ба муносибати 115-солагии зодрӯзи нависандаи маъруфи Эрон Содиқ Ҳидоят**

17 феврали соли 2018 аҳли адабу фарҳанги форсизабонони ҷаҳон 115-умин зодрӯзи шахсияти фарзонаи адабу фарҳанги Эрон ва яке аз адибони шаҳири форсизабонони қарни XX Содиқ Ҳидоятро таҷлил мекунанд.

Дар бораи Содиқ Ҳидоят ва осори халлоқонаи ӯ, ҳам дар Эрон ва ҳам хориҷ аз он, махсусан, баъди худкушиаш, соли 1951 дар Париж, осору пажӯҳишҳое зиёде ба чоп расидаанд ва дар оянда ба чоп хоҳанд расид. Мунтаҳо, доир ба сафари думоҳааш ба шаҳри Тошканд (як рӯз ҳам ба Самарқанд) дар ҳайати расмии давлати Эрон ҷиҳати ширкат дар таҷлили 25 – солагии таъсиси нахустин Донишгоҳи давлатӣ дар Осиёи Миёна қариб чизе

навишта нашудааст ва худи Содиқ Ҳидоят низ дар ҷое аз ин мусофирати хеш ёд накардааст.

Инак, барои ҳаводорони тоҷики эҷодиёти Содиқ Ҳидоят ёддоштҳои донишманди маъруфи фақиди афғонистонӣ, профессор Абдулҳай Ҳабибӣ, ки дар ибтидои солҳои 80-уми қарни XX бо хоҳиши нависандаи барҷастаи даризабони Афғонистон Раҳнаварди Зарёб навишта шуда, бо андак ислоҳу ҳазф баъд аз вафоти устод Ҳабибӣ дар шумораи № 1, соли 1363 ҳ.ш. (1985)-и маҷаллаи вазини "Жвандун" (Зиндагӣ) ба чоп расидааст, пешкаш мегардад.

**Абдулҳай Ҳабибӣ**

**Як моҳ бо Содиқ Ҳидоят**

Дар зимистони соли 1325 хуршедӣ[1] ба ҳайси нахустин раиси пуҳанзаи (факултаи-О.Ҳ.) навбунёди адабиёт кор мекардам. Рӯзе вазири маорифи вақт, дар бӯстонсарои Кобул, ҷое ки амири Абдураҳмонхон мадфун аст, амр кард, ки се нафар дар маросиме, ки ба муносибати биступанҷумин солгарди таъсиси донишгоҳи Тошканд, дар он шаҳр баргузор мешуд, аз тарафи Афғонистон ширкат кунанд. Ин се нафар, ман, доктор Анис ва марҳум Сарвари Гӯё будем.

Сафари мо бедиранг (бефосила-О.Ҳ.) оғоз шуд, зеро ба кушоиши маросим танҳо ду рӯз монда буд ва мо ногузир будем, ки он рӯзҳои зимистонӣ, аз миёни барфҳои Ҳиндукуш ва рудбори Ому бигзарем. Сипас аз шаҳри торихии Тирмиз дар шимоли Ому ба сӯи сарзамини Шош (номи кӯҳани Тошканд) парвоз кунем.

Дар он рӯзгор, кишвари мо роҳҳои пухтаву қиршуда надошт. Ҷодаҳои пурбарф, гилолуду морпечро дар дашту кӯҳу камар паймудем. Мутари (мошини –О.Ҳ.) мо борҳо дар гилу лой фурӯ рафт. Саранҷом, шаб шуда буд, ки ба Мазори Шариф расидем. Шабро дар он шаҳр сипарӣ кардем ва саҳаргоҳон бори дигар ба роҳ уфтодем, аммо мутари кучаки тезрафтори (сабукрави- О.Ҳ.) мо дигар натвонист гилу лойро дарнавардад ва аз рафтор бозмонд.

Ногузир аспони танумандеро ба се карочӣ (ароба- О.Ҳ) бастанд ва ҳар яки мо бо кӯлабори хеш савори як карочӣ шудем.

Карочиҳо ба роҳ уфтоданд ва аспони неруманд бо тундиву шитоб ба тохт даромаданд.

Нимрӯз буд, ки ба шаҳраки Сиёҳгард, ки маҳари марзбонони афғонӣ буд, расидем. Аз гилу лой берун шудем ва ба регистон по гузоштем. Дар ин ҷо аробаҳо (чархҳои- О.Ҳ.) карочиҳо дар рег фурӯ рафтанд ва аспони кӯҳпайкар аз кашидани карочиҳо бозмонданд.

Боре аз карочиҳо поин шудем ва бар аспони тозанафас савор гаштем. Турксаворони тозандаи ҷавону тануманд, пешрӯямон бар аспони зебо нишастанд. Мо, ки одат ба турксаворӣ ва нишастан бар пушти аспони наҷиби тозандаи он сарзамин надоштем, ночор бо дастторҳо худамонро ба он ҷавонони неруманд бастем. Ва онон бо шитобе ҳавсалафарсо моро ба сӯи Тошгузар, ки дар он ҳангом гузаргоҳи дарёи Ому буд, бурданд.

Касоне, ки ба аспсаворӣ одат надоранд, бавижа ононе, ки ҳамвора дар пушти мизҳо қаламзанӣ ва мирзоӣ кардаанд, агар бо чунин озмуне рӯ ба рӯ шаванд ва ногузир бошанд, ки аз чошт то шаб хештанро ба мақсад бирасонанд, ҳатман ҳавсала мебозанду зимоми муқовимат аз даст медиҳанд.

Бо хастагии ҳавсалафарсо дар миёни сармои сахт ба Тошгузар расидем. Хушбахтона, дар канори Ому утоқи гарме истиқболамон кард. Аз фарти хастагӣ ба хоби сангин фурӯ рафтем. Саҳаргоҳон бо киштии бухор, ки меҳмондорони Шӯравӣ ба ин соҳили Ому оварда буданд, ба роҳ уфтодем.

Ому марзи муштараки кишвари мо ва давлати Шӯравист. Дар миёни мо шеършиносе чун равоншод Гӯёи Эътимодӣ буд, ки достони пул бастани Султон Маҳмуд бар рӯди Ому ва гузаштани ҷаҳонгиронро аз ин дарё, ба забони шеъру қасида, аз Фаррухи Сиистонӣ барои мо мехонд:

Бар оби Ҷайҳун пул бастану гузора шудан,  
Бузург муъҷизае бошаду қавӣ бурҳон.  
Сикандар онгаҳ, к-аз Чин ҳаме фурӯд омад,  
Бимонд бар лаби Ҷайҳун се моҳи тобистон.  
Малик ба вақте к-аз оби рӯди Ҷайҳун бувад,  
Чун осмон, ки мар ӯро падид нест карон,  
Бар оби Ҷайҳун ба ҳафтае як пул баст,

Чунонки гуфтӣ, к-аз дер боз бувад чунон...

Боре, ғарқ шудани Адиб Собири Тирмизиро дар ҳамин об, ки киштии бухории мо бар он мехиромид, ба ҳамдигар ҳикоят мекардем, то аз дарё гузаштем ва шукр гузоридем, ки ба сарнавишти Адиб Собир гирифтор наёмадем.

Аз киштӣ пиёда шудем, ва ба канори рости дарё по ниҳодем. Ин ҷо хоки Тирмиз буд. Хоке, ки достонҳои фарҳангу тамаддун ва номварони донишу адаби Осиёи Миёна бо он пайванд дорад. Ва номҳои Ҳаким Тирмизӣ, Муҳаддиси Тирмизӣ, Абӯбакри Варроқи Тирмизӣ ва дигарон дар уфуқи он метобанд.

Меҳмондор моро шитобон ба парвозгоҳи ҳавопаймо бурд ва аз он ҷо ба Тошканд парвоз кардем.

Ҳаво сард буд ва кам-кам барф меборид. Меҳмондорони Донишгоҳи Тошканд моро ба меҳмонхонае дар ҳумаи шаҳр бурд, ки роҳи он монанди шаҳри Мазор гилолуд буд.

Дар он ҳангом, Ҷанги Ҷаҳонии Дувум башиддат ҷараён дошт ва мардуми шӯравӣ тамоми ҳиммату талошашонро ба амри пирӯзӣ дар ҷанг гумошта буданд. Мардону занон либосҳои содаи сиёҳ ба тан доштанд ва даст андар кор бурданд, то таҷовузгаронро аз хонаашон биронанд.

Дар ҳамин рӯз се меҳмонони эронӣ низ ба меҳмонхона расиданд. Яке аз меҳмонон Содиқ Ҳидоят, нависандаи пуровозаи Эрон буд.

Меҳмони дигари эронӣ дуктур Кишоварз ном дошт, ки аз аъзои номвари Ҳизби тӯдаи Эрон буд. Ӯ, агарчи дар риштаи бемориҳои кӯдакон таҳсил карда буд, дар сиёсат дасте чира дошт ва марде буд оташину сареҳуллаҳҷа, забони русиро бо равонӣ гап мезад. Ва низоми шоҳии Эронро сахт интиқод мекард. Байтҳое ҳам бар вазни “Шоҳнома” дар ҳаҷви шоҳ вирди забон дошт. (2)

Меҳмони сеюми эронӣ, ки марде буд сиёсатмадори дарборӣ ва донишманд, дуктур Алиакбари Сиёсӣ ном дошт. Ӯ низ дар риштаҳои равоншиносӣ ва омӯзишу парвариш дар Фаронса таҳсил карда буд. Дар он ҳангом вазири омӯзишу парвариш (маориф – О.Ҳ.) ва раиси Донишгоҳи Теҳрон буд. Ӯ марде буд фукур (боандеша – О.Ҳ.), орому ҳушёр, ки аз давлати Эрон

дифоъ мекард ва ҳамвора бо ду ҳамроҳи эрониаш пархошҳои лафзиву забонӣ дошт.

Содиқ Ҳидоят, ки як моҳро бо ӯ дар ин меҳмонхона гузаронидем, ҷавоне наҳифу миёнақад буд. Аъзои мутаносиб ва чеҳраи наку, маъсуму дӯстдоштанӣ дошт. Либоси сиёҳ мепӯшид. Мӯҳои сараш бисёр сиёҳ буду бурутҳои кӯчаке дошт.

Ҳидоят бо дуктур Кишоварз равиши дӯстонаву наздикии андеша дошт, вале Кишоварз марде буд фаъол, пӯё ва пуртапиш, Ҳидоят марди назар буду дарунгаро. Яке кирдорӣ буду дигаре пиндорӣ.

Дар меҳмонхона утоқҳои хоби ҳар кадомамом ҷудо буд, аммо солуну мизи нонхурии муштарак доштем.

Як хонуми пухтасол, ки мо ӯро "Уммул-кавоиб" (модари духтарони зебо –О.Ҳ.) меномидем, бо ду дӯшизаи хушрӯю некуманзар дар хидмати мо буданд.

Дуктур Кишоварз, ки русӣ медонист, ғолибан тарҷумонии моро мекард ва гоҳе бо он зеборӯён мазоҳу хуштабъӣ менамуд.

Гӯёи Эътимодӣ аз ҳамон рӯзи нахуст дарёфт, ки байни Ҳидояту дуктур Кишрварзу дуктур Сиёсии сиёсатмаоб, ки гумоштаи давлат буд, ихтилофи шадиде вуҷуд дорад.

Аз ин рӯ, ҳангоме ки дар солун менишастем ё бар мизи нонхӯрӣ гирд меомадем, Гӯёи марҳум дар бораи авзои Эрон аз дуктур Сиёсӣ чизе мепурсид. Ӯ лаб ба сухан мекушуду аз пешрафтҳои Эрон гап мезад. Ва ин ду тани дигар чизҳоеро, ки дуктур Сиёсӣ мегуфт, бедиранг бо сароҳати лаҳҷа, ҳатто гоҳе бо танзу таъна рад мекарданд ва мо ин пархошҳоро бо дилчаспӣ тамошо мекардем.

Ҳидоятро марде ёфтам бадбин, ки ба зиндагӣ далбастагие надошт.

Саҳар, ки пеш аз субҳона бодаи талх менӯшаду сабӯҳӣ мекард. Пас аз он ҳам агар даст медод, мехӯрд.

Агар касе пандаш медод, ки ҷавонӣ, мабодо ба тандуристиат осебе расад!

Дар посух гуфт:

- Оқо, зиндагӣ арзише надорад ва ба ин қадар парҳез намеарзад. Ман чуниро аз чандӣ бештар дӯст дорам.

Ҳидоят мода ва моварои мода, ҳар дуро ба сухрия (ришханд - О.Х) мегирифт. Ӯ ба андозае озода буд, ки гоҳе суханҳое аз даҳанаш бармеомад, ки агар охунде онҳоро мешунид, яқинан ба илҳоду фасоди ақидааш фатво медод.

Ҳидоят бо навиштаҳои озоду интиқодӣ ва бо офаридаҳои арҷманди адабиаш бисёр пуровоза шудааст. Китобҳояш ба забонҳои урупоӣ низ тарҷума шудаанд. Ман, ки ба ҳунари достонпардозӣ ошноии дурусте надорам, ҳунари ӯро дар ин замина, чунон ки шоиста аст, арзёбӣ наметавонам кард.

Вале метавонам гуфт, ки муқаддимаи интиқоди ӯ бар рубоиёти Хайём, ки ӯ нусхае аз ин китобро ба ман ёдгор супурд, аз дидгоҳи интиқоди адабу озодандешӣ арзиши бепоён дорад ва метавонад дар шинохти андешаи ин нависандаи пуртавон милоки хубе бошад.

Ақоиди Ҳидоят дар бораи торихи адабиёти форсӣ ва чигунагии таҳаввули забони паҳлавӣ ба дарӣ, бисёр донишмандона буд. Зеро ӯ паҳлавиро омӯхта буд ва хуб медонист, ки султаи сиёсии тозиён чӣ гуна бар адабиёту забони Эрон асар гузошт ва забонҳову лаҳҷаҳои мардумони Эрону моварои Эрон бо чӣ сарнавиште рӯ ба рӯ шуданд.

Содиқ Ҳидоят бо кешу мазҳаби вижае пайванд надошт. Гоҳе аз рӯи мазоҳ матолиби занандаеро ба забон меовард.

Ташноби меҳмонхонаи мо муштарак буд ва мо меҳмонони афғону эронӣ, гоҳе барои гирифтани навбат ба дари он саф мекашидем. Ман одат дорам, ки саҳаргоҳон пеш аз баромадани хуршед, аз хоб бархезам. Рӯзе дар ташноб саргарми ғусл кардан будаму Ҳидоят дар берун, наздики дарвозаи ташноб, бар курсие интизор нишаста буд. Фикр мекунам, ки дар аснои шустушӯи сару бадан, бар ҳасби талқину одати рӯзгори кӯдакӣ калимаи шаҳодатро бар забон овардам. Ҳангоме ки аз ташноб баромадам, Ҳидоят бо тайибу мазоҳ гуфт:

- Аҳсанта, аҳсанта! Хуб бо такбиру таҷлил шустушӯ кардӣ. Аз ту чунин интизор намерафт.
- Мисли охунде азон додӣ.
- Гуфтам: - Гоҳе ба ҳасби одат...
- Суханамро буриду чизҳои дигаре гуфт.

Рӯзе дуктур Кишоварз бо дуктур Сиёсӣ бар асари устодии донишгоҳ пархош рафт. Дукрур Сиёсӣ ба дуктур Кишоварз гуфт:

- Шумо, ки устоди (профессори –О.Х) донишгоҳ нестед, чаро ҳар ҷо худатонро устоди донишгоҳ муаррифӣ мекунед?

Ҳидоят дар ҳоле, ки ханда бар лаб дошт, бо лаҳне нарму ором гуфт:

- Чӣ бок? Шумо ҳам устодед сиёсӣ!

Ва манзураш ин буд, ки дуктур Сиёсӣ аз роҳи сиёсат ба ин мақом расидааст.

Содиқ Ҳидоят ҷуссаи наҳиф ва зоҳире ором дошт, вале ҳангоми муқобила бо хасм, ҳеҷ гоҳ худашро намебохт ва бо ҷид ё ҳазл посухи тарафро медод. Ӯро ҳаргиз асабонӣ надидам.

Шабе, ки маҳтоб дар осмон медурахшид, моро ба дидани расадгоҳи Тошканд бурданд. Дар он ҷо чоҳе жарф дар замин канда буданд, ки зинаи оҳанин дошт ва бо чароғҳои барқ рӯшан буд.

Меҳмондори мо гуфт:

- Дар аъмоқи ин чоҳ, ки сад метр жарф дорад, соатест бисёр дақиқ. Ин соат аъшори сонияҳо ва ламаҳоти бисёр кӯчаки замониро нишон медиҳад. Вале барои дидани он бояд як нафар танҳо пойин биравад. Зеро танаффуси чандин нафар бар ҳавои он ҷо таъсир мекунад. Ҳавои ҷое, ки соат қарор дорад, бояд ба мизоне собит нигаҳ дошта шавад. Ҳоло ҳар кас мехоҳад, метавонад аз зинаи оҳанин пойин биравад.

Меҳмонон бо шигифтӣ ва кунҷковӣ ба аъмоқи чоҳ нигоҳ карданд ва пойин рафтану боло омаданро бисёр душвор ёфтанд.

Дуктур Кишоварз гуфт:

Дар Теҳрон ба вуҷуди ман бисёр зарурат аст. Ҳам дар ҳизб ва ҳам дар бемористони кӯдакон ба ман эҳтиёҷ доранд. Фикр намекунам, ки аз ин гувдол (чоҳ- О.Ҳ.) зинда бароям.

Дуктур Сиёсӣ гуфт:

- Ин кор аз назари равоншиносӣ бар равони ман таъсири ногувор хоҳад дошт.

Гӯё гуфт:

- Пойин рафтану боло омадан бисёр душвор аст. “Чаро оқил кунад коре, ки бор орад пушаймонӣ?”

Содиқ Ҳидоят бо хандаи латифе гуфт:

- Барои ман, ки тамоми умр ба ду ҷав арзише надорад, шумурдани сонияҳо ва ламаҳоти он дигар чист?

Рӯзе моро ба дидани эшони Бобохон, муфтии бузурги Тошканд бурданд. Дар мадрасааш зиёфате пуртакаллуф тартиб дода буд. Меҳмондори мо, ки ба забонҳои узбакиву русӣ гап мезад, вазифаи тарҷумониро дошт. Худи муфтии бузург забони дарӣ мефаҳмид, вале барои ин ки мутарҷим матолибашро хубтар бифаҳмад, гоҳе ба русӣ ва гоҳе ба узбакӣ сухан мегуфт. Ӯ, ки марди ҷолибу барҷастае буд, иттилооти густардае аз масоили динӣ дошт. Бар деворҳои утоқаш фармонҳои Сталин дида мешуд.

Мутарҷим гуфт:

- Муфтии бузург бо фатвои хеш ҳазорон фардро барои дифоъ аз кишвар ба майдони ҷанг фиристода аст. Кумакҳои моддӣ ва маънавии ӯ дар ин замина боис шуда, ки роҳбари Шӯравӣ бо номаҳои расмии ташаккуромез вайро бистояд.

Муфтии бузург, ки марди рӯшанфикру ҳушёре буд, мутобиқи завқи ҷавонон сухан мегуфт. Вале Содиқ Ҳидоят, ки аз мусоҳиботи охундӣ дилтанг шуда буд, қиёфаи бисёр абӯсе (гирифтае) дошт.

(Дар миёни аксҳои устод Ҳабибӣ аксе аз ин мулоқот мавҷуд аст ва ман онро дидаам.- Р.З. Тавзеҳ аз Раҳнаварди Зарёб- О.Ҳ).

Дар Содиқ Ҳидоят ҳеҷ гуна уҷб (худписандӣ) ва худситоӣ надидам. Фурӯтану бадбин буд. Бо ошно ва ноошно бо ҷабини кушода сухан мегуфт.

Аз шоирони дарбориву мадеҳасаро бадаш меомад. Хайёмро бинобар сароҳати лаҳҷа ва нешхандҳояш дӯст дошт.

Ин хотироти сиюшаш сол пешро бинобар исрори нависандаи арҷманд Раҳнаварди Зарёб навиштам ва он чӣ дар ҳофиза монда буд, ба қайди қалам овардам, варна маро завқе барои навиштани чунин достонҳои куҳан намондааст.

*Кобул, Ҷамол мина, аввали қавси 1361 (22 ноябри 1982)*

**Шарҳи таҳиякунанда**

1. Ин ҷо бинобар кибри син устоди равоншод Абдулҳай Ҳабибӣ иштибоҳан ба ҷои 1324 хуршедӣ, ки мутобиқ ба аввали 1945 мелодист ва 25-умин солгарди таъсиси Донишгоҳи Осиёимиёнагии ба номи В.И. Ленини Тошканд таҷлил шудааст, зимистони 1325 навиштааст, зеро таъсиси донишгоҳ соли 1920 мебошад.

2. Доктор Фариддуни Кишоварз, баъдан чун аъзои ҳизби Тӯда дар кабинаи доктор Мусаддиқ (солҳои 1950-53) симати вазири тандурустиро ба уҳда дошт. Бародари муҳаққиқ ва мутарҷими осори Бартолд ва Е.Э. Бертелс ба забони форсӣ ва муаллифи "Ҳазорсолаи насри порсӣ" Карими Кишоварз мебошад, ки ҳар ду забону адабиёти русиро ба дараҷаи аъло медонистанд.

***Таҳияи Олимҷон Хоҷамуродов***

## ХИРАД АФСАРИ РОДМАРДОН БУВАД

**Номвар ҚУРБОНОВ**
ходими илмии АИ ҶТ

Миллати куҳанбунёди тоҷик бо илму фалсафа, маърифату маданият, фарҳангу санъат ва дигар суннатҳои волои худ аз қадим шуҳраи офоқ гардида буд. Ба ин маъно, ки дар таълимоти нахустпайғамбари олам - Зардушт писари Гистасп аз қавми Ориёӣ омадааст: «ҳар фарде дар ободии ҷаҳон ва шодмонии ҷаҳониён кӯшида, ё худро ба василаи пиндору кирдор ва гуфтори нек қобили уруҷ (болоравӣ) ба олами рӯҳонӣ ва расидан ба авҷи камол ва саодати ҷовидонӣ намояд». Аз каломи пурмазмуни ин мутафаккири аҷдодиамон бар меояд, ки ҳар як инсон бояд баҳри ободу зебо гаштани гетӣ ва хурсанду шодмон сохтани мардуми олам кӯшиш ба харҷ диҳад. Ҳар фард бад-ин васила метавонад, ки номи худро дар таърихи башарият ҳамчун инсони накукор абадӣ ва ҷовидонӣ гардонад. Ҳамзамон қайд кардан бамаврид аст, ки миллати мо миёни дигар халқияту миллатҳои олам ҳамчун миллати фарҳангӣ ва соҳибтамаддун шинохта шудааст.

Пас, чаро имрӯзиёни миллати тоҷик - нигаҳдорандагони аслии фарҳанги ориёӣ, аз суннатҳои волои ниёгони худ, ки то ҳол ягон халқу миллат мислашро соҳиб нагаштааст, ифтихор нанамонд ва онро дар меҳвари фаъолияти хеш қарор надиҳанд. Фарҳанги аҷдодии мо фарҳанги инсонсолору зиндагисоз буда, таҷассумгари волотарин ғояҳои инсонпарварӣ ва башардӯстӣ мебошад. Зеро дар ҳама давру замон фарзонагони ин миллат дар пешрафти илму фалсафа, таъриху адабиёт, меъморию ҳунармандӣ ва умури сиёсию давлатдорӣ хидматҳои арзишманде кардаанд, ки нодида гирифтани хизматҳои эшон амали ноҷавонмардист. Чунки фарҳангдӯстию тамаддунофарӣ ва мутафаккирию донишмандии ниёгонамонро на танҳо пажӯҳишгарону муҳаққиқони ватанӣ, балки олимону донишмандони ҷаҳоншумули Ғарб низ мавриди тадқиқу омӯзиш қарор дода, собит кардаанд. Масалан, яке аз олимон ва дипломатҳои рус Е.Мейенфорд соли 1826 андар шинохти миллати тоҷик менависад: «Тоҷикон мардуми коршинос, меҳнатдӯст ва ҳунарманданд. Бештар ба кишоварзӣ, косибӣ ва тиҷорат машғуланд ва ба ҳаёти кӯчиёна таваҷҷуҳе надоранд. Аксари онҳо босавод буда, сокинони мутамаддини Осиёи Миёнаро ташкил медиҳанд».

Имрӯз замоне расид, ки тамоми халқу миллат ва қавму қабоил бояд ҳувияти миллӣ ва фарҳанги аҷдодии хешро дошта бошанд. Зеро дар даврони сарнавиштсоз рӯ овардан ба фарҳанги маънавии ниёгон аҳамияти беш аз пеши назариявию амалӣ пайдо карда истодааст. Махсусан, ҳадафи тадқиқу таҳқиқ қарор додани афкори илмӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва ҷамъиятию сиёсии мутафаккирони гузаштаи миллат дар ҳама марҳалаҳои таърихӣ бағоят муҳим аст. Чунки омӯзиши масъалаҳои мубрами марбут ба ҷаҳонбинӣ аз нигоҳи судмандӣ ва манфиатҳои умумиинсонию башардӯстӣ аз мавқеи таърихӣ, масъалаи муҳимтарини олимону донишварон ва фарҳангиёни миллати мо буд. Эҷоди шеъру каломи панду андарзӣ ва асарҳои фалсафаи сиёсии сифати гуманистидоштаи гузаштагонамон дар ҳама давру замон аҳамияти умумибашарӣ доранд ва аз ин рӯ, талаботи тамоми марҳалаҳои таърихӣ маҳсуб меёбанд. Ин аст, ки дар баробари рушду ташаккул ва инкишофи адабиёти бадеӣ, илмӣ, таърихӣ,

фалсафӣ ва сиёсӣ асарҳои сирф ахлоқӣ ба монанди «Насиҳатнома»-и Кайковус, «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон»-и Мавлоно Ҷомӣ ва амсоли инҳо саросар ба насиҳат бахшида шуда, ҳамчунин, як қисмати муҳими фазои тарбияи ахлоқии умумиинсониро фаро гирифтаанд.

Дар байни асарҳои пандию андарзӣ ва насиҳатию ахлоқии сатҳи ҷаҳонӣ, ки аз ҷониби олимону донишмандони ниёгонамон эҷод карда шудаанд, «Насиҳатнома» маҳбубият ва ҷойгоҳи махсусе дорад. Ин шоҳасари ҷовидона ба қалами яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти асри XI тоҷику форс, Унсурулмаолии Кайковус тааллуқ дошта, оид ба аҳволи хонаводагӣ ва фаъолияти илмию эҷодии муаллифи он маълумоти зиёд, аммо нокифоя вуҷуд дорад. Ба андешаи пажӯҳишгарон, У.Кайковус як замон бо таъсири таълимоти Ибни Сино ба омӯзиши тиб машғул гардида, ғайр аз ин, илмҳои пешрафтаи замони худ: нуҷум, ҳайат, шеър ва мусиқиро низ фаро гирифтааст. Қобили қайд аст, ки У.Кайковус донишмандон ва ҳунармандони соҳаҳои мухталифро барои таълиму тарбияи фарзанди хеш - Гелоншоҳ ҷалб намуда, дар ин самт барои ӯ таҳти унвони «Насиҳатнома» асаре офарид.

«Насиҳатнома», ки дар таърихи адабиёти классикии тоҷику форс мақом ва манзалати махсус дорад, аз 44 боб иборат буда, ҳар яке аз бобҳо ба масъалаҳои мухталифи ахлоқу одоб, расму ойин, маърифати оиладорӣ, таҳсили илму дониш, омӯзиши касбу ҳунар, эҳтироми падару модар, таҷрибаю эҷодкорӣ, кор бо мардум, матонату мардонагӣ, умури сиёсию давлатдорӣ ва дигар масоили ҳаётӣ бахшида шудааст. Ҳамзамон, муаллиф дар бобҳои алоҳидаи асар масоили зулму ситам, ҷаҳлу ҷоҳилӣ, макру фиреб, мағрурию худписандӣ, кинаву нафрат, ғайбату бадгӯӣ ва монанд ба инҳоро маҳкум карда, дар баробари ин, дӯстию рафоқат, некию накукорӣ, ростию росткорӣ, ҷавонмардӣ, хирадмандӣ, саховатмандӣ ва дигар хусусиятҳои ҳамидаю амалҳои накуи инсониро ситоиш ва тарғибу ташвиқ менамояд. Илова бар ин, У.Кайковус дар асари худ аз забони бузургоне чун Анӯшервон, Бузургмеҳр, Афлотун, Суқрот ва дигар мутафаккирони Юнони атиқаю Эрони бостон панду ҳикматҳои судманд баён карда, мардумро ҳамеша ба роҳи рост ва накукорӣ ҳидоят менамояд.

Яъне панду андарз ва ҳикоёти насиҳатомези ин асари безавол барои хурду бузург, чи дар гузашта ва чи дар замони муосир басо аҳамиятноканд.

Дар бораи ҳаёту фаъолияти У.Кайковус ва шоҳасари ахлоқии ӯ - «Насиҳатнома» пажӯҳишгарони зиёди ватанию хориҷӣ таҳқиқотҳои гуногунҷанба анҷом додаанд, ки ҳар яке дар асли худ дорои паҳлуҳои ҷадид ва иттилооти тозае мебошад. Яке аз навтарин пажӯҳишоте, ки метавонад диққати ҳар хонандаро ба омӯзиши «Насиҳатнома» равона созаду оид ба афкору андеша ва ҷахонбинии У.Кайковус маълумоти комилан нав диҳад, рисолаи «Унсурулмаолии Кайковус дар бораи хирад» мебошад. Монографияи мазкур ба таҳлили андешаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фалсафии У.Кайковус бахшида шуда, ҳамзамон дар он масоили дарки воқеият, омӯзиши субъектҳои сиёсӣ, равандҳои сиёсӣ ва ҳодисаю воқеаҳои марбут ба онҳо, ки дар замони эҷоди «Насиҳатнома» ҷой доштанд, инъикос ёфтаанд. Рисолаи «Унсурулмаолии Кайковус дар бораи хирад» ба қалами доктори илмҳои сиёсӣ Ятимов С.С. тааллуқ дошта, муаллиф дар он «Насиҳатнома»-ро аз рӯйи мавзӯъбандии ба худ хос мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор додааст. Ҳарчанд мавзӯъбандии сиёсатшинос С.С. Ятимов идомаи мантиқии тақсимоти бобҳои худи «Насиҳатнома» бошад ҳам, вале он дорои дақиқкорӣ ва дигаргуниҳо буда, яке аз онҳо муқоисаи андешаҳо ва суханони У.Кайковус ба назари олимону файласуфони Аврупо мебошад.

Муаллиф дар муқаддимаи рисолаи худ оид ба ҳаёт, фаъолият ва ҷаҳонбинии У.Кайковус ба таври мухтасар маълумот дода, менависад, ки: «Кайковус ҳамчун намояндаи андешаманди миллат, бо шарофату шоистагӣ, дилпуриву қавиродагӣ вазифаи хешро дар асри равшаннамоӣ, самтдиҳии андешаи мардум сарбаландона иҷро кард. Худро ҳамчун намунаи олии зиёии давр нишон дод». Ин навиштаҳои муҳаққиқ Ятимов С.С. барои тамоми зиёиёну эҷодкорони имрӯзи миллат чун дастурамал самти фаъолияти онҳоро муайян карда, нишон медиҳад, ки ин амали накуро ба монанди ниёгони хеш идома диҳанд ва ҳамеша барои пешрафти маънавии фаъолияту зиндагии инсонӣ, ҳам дар назди миллати хеш ва ҳам дар назди башарият қарздоранд.

Ҳамзамон, муаллиф дар ин бахши монография ба мазмуну муҳтаво ва мавзӯи куллии «Насиҳатнома» аз дидгоҳи илмҳои сиёсатшиносию фалсафа диққати махсус дода, таъкид менамояд, ки аксари андешаҳо ва натиҷигириҳои У.Кайковус дар тӯли замон ҳазорҳо маротиба озмуда шудаву тасдиқи хешро пайдо кардаанд ва мусалламан, аксиомаҳои илмӣ гардиданд. Маҳз ҳамин аст, ки ин асар дар тӯли садсолаҳо яке аз китобҳои маъруфтарин дар қаламрави Эрону Осиёи Марказию Ховари Наздик ба шумор меравад ва бахшҳои асосии он, махсусан оид ба муносибатҳои сиёсӣ ва улуми инсонӣ, на танҳо дар Эрон, балки дар дигар кишварҳо истифода шуда, минбаъд низ мавриди баҳрабардорӣ қарор хоҳанд гирифт.

Муаллифи рисолаи «Унсурулмаолии Кайковус дар бораи хирад» афкору андешаҳои У.Кайковус ва мавзӯъҳои меҳварии «Насиҳатнома»-ро аз дидгоҳи илми муосир мавзӯъбандӣ намуда, ба шаш боби алоҳидаи дақиқу соҳавӣ ҷудо кардааст, ки яке аз онҳо «Ақидаҳои Унсурмаолии Кайковус дар бораи умури низомӣ» ном дорад. Доктор С.Ятимов дар боби мазкур афкору андешаҳои У.Кайковусро роҷеъ ба некукорӣ, кор бо мардум, донишу таҷриба ва матонату мардонагӣ мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор дода, дар ибтидои боб таъкид менамояд, ки китоби «Насиҳатнома» аз ҷумлаи камтарин асарҳоест оид ба муҳимтарин масоили дорои аҳамияти давлатӣ. Яке аз масоили муҳиме, ки аз ҳар як сокини кишвар матонату мардонагӣ ва шуҷоату далериро қотеъона талаб менамояд, масъалаи дифои марзу буми меҳан, риояи ҳатмии қонунҳову санадҳои ҳуқуқии давлатӣ ва итоат ба дастуроти давлат мебошад. Масъалаҳои номбурдаро, ки дар бобҳои «Насиҳатнома» борҳо зикр гардидаанд, сиёсатшиноси тоҷик Ятимов С.С. мунсифона таҳлил карда, дар ин маврид аз суханони яке аз саромадони фалсафаи Олмон Г.В. Гегел чунин меорад: «Итоат аз дастуроти давлат, садоқату вафодорӣ ба шахсияти давлатдор ва сохтори давлат, ҳамчунин эҳсоси шарафи миллӣ - нишонаи покниҳодии шаҳрванди ҳар як давлати муназзам аст». Дар ин маврид, бояд ёдовар шуд, ки С.Ятимов дар баробари олими соҳаи сиёсатшиносӣ, ичунин мутахассиси муносибатҳои байналхалқӣ буда, дар ин соҳа таҷрибаҳои зиёди назариявию амалӣ дорад ва

дар мақолаю асарҳои таҳлилию тадқиқотии хеш ба афкору андешаи олимони забардасти сатҳи ҷаҳонӣ такя менамояд. Ӯ ҳамеша ва дар ҳама навиштаҳояш ба арзишҳои миллӣ арҷ мегузораду манфиатҳои давлату миллатро дар мадди аввал мегузорад. Чунин тарзи фаъолияти эҷодӣ ва амалии муаллифи рисолаи «Унсурулмаолии Кайковус дар бораи хирад» ба сухани худи У.Кайковус - «касоне, ки зиндагии хешро ба хидмати давлат бахшидаанд, бояд барои ҳифзи манфиатҳои он тамоми имконоти худро истифода кунанд» - хеле шабоҳат доранд.

Муаллиф Ятимов С.С. боби «Ақидаҳои Унсурмаолии Кайковус дар бораи умури низомӣ»-и рисолаи худро дар заминаи таҳлилҳои боби «Дар ойин ва шарти сипаҳсолорӣ»-и «Насиатҳнома» эҷод карда, иброз медорад, ки корбурди пурсамари механизмаҳои дифоии Ватан дар баробари қувваҳои таҷовузкори берунӣ яке аз масоили муҳими давлатӣ ба шумор меравад ва мутафаккири бузург У.Кайковус ин масаъалаҳоро дақиқу мулоҳизакорона баён кардааст. Муаллиф дар ин боб мавзӯъҳоеро ба монанди такяи лашкар ба халқ, хайрхоҳии фармондеҳон нисбат ба тобеон, фароҳамсозӣ ва таваҷҷуҳ ба вазъи равонии низомиён, шаклҳову шеваҳои ҳавасмандгардонии тобеон, сифатҳои шахсии роҳбар ҳамчун омили асосии идораи муваффақонаи коллективи низомӣ, коркарди тарзу шеваҳои гузаронидани амалиёти низомӣ ва монанд ба инҳоро аз дохили «Насиҳатнома» пайдо карда, онҳоро дар муқоиса ба вазъи кунунӣ ва сохтори низомии кишвари мо таҳлилу баррасӣ намудааст. Масалан, дар мавриди таҳлили мавзӯи муносибати неку самимӣ миёни фармондеҳони низомӣ ва низомиён аз У.Кайковус иқтибос меорад: «Ва бо лашкар сахӣ бош, агар бо лашкар хилъату силлат натавонӣ кардан, боре ба нону набид (шароб) ва сухани хуш тақсир макун (дареғ мадор)». Аз рӯйи суннатҳои шарқиёна, нону намак, ҳамеша ҷавҳари маънавию ахлоқӣ шуморида мешавад ва «сухани хуш морро аз лонааш берун меорад». Ятимов С. дар идомаи навиштаҳои худ менигорад, ки мақсади аслии муаллифи «Насиҳатнома» зимни арзёбии мавзӯи сипаҳсолорӣ ба ин натиҷаи муҳим - «чунон бояд, ки дар ҳама вақт лашкари ту савганд ба ҷони ту хӯрад» мерасонад. Ӯ ёдовар мешавад, ки таҷрибаи Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ

имкони ғайри қобили даркро дар истифодаи рамзии ному мақоми пешвои муайяни давлатӣ ва аҳамияти ӯ дар амри пирӯзӣ бар душмани пурқудрат нишон дод. Маҳз ҳамин рисолатро дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, ба хотири сарҷамъ кардани мардуми Тоҷикистон, хомӯш кардани оташи ҷанги шаҳрвандӣ, пойдор сохтани сулҳу субот, таъсиси артиши миллӣ ва бунёдкорию созандагӣ, фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон анҷом дод. Зеро ин марди хирад, сиёсатмадори одил ва роҳбари тавоно ҳар лаҳзаи умри пурсамару пурбаракати худро содиқона ба рушду тараққиёти давлату миллат ва пешбурди ҳаёти ҷомеа бахшида, бо кирдору пиндор ва хулқу атвори накуяш номи худро дар қалби кулли мардуми шарифи кишвар ҷой намудааст.

Таърих аз замонҳои қадим мурочиати мустақими фармондеҳонро ба мардуму лашкариён дар давраҳои сангини ҳаёти миллат ба ёд дорад ва оид ба ин масъала Ятимов С.С. аз суханони файласуфи Юнони атиқа Плутарх иқтибос оварда, онро дар муқоиса бо андешаҳои У.Кайковус таҳлил менамояд. Чунин тарзи таҳлил, пайгирӣ ва баррасии мавзӯъҳо басо мушкил буда, аз ҳар пажӯҳишгар сатҳи баланди фаҳмишу фикрронӣ ва донишу ҷаҳонбинии илмиро талаб мекунад. Барои фаро гирифтани сифатҳои омӯзиши санъати низомӣ, машқу тамрин, огоҳӣ аз илмҳои низомӣ ва омодагии шоистаи психологии фармондеҳону низомиён С.С. Ятимов аз «Насиҳатнома» иқтибос меорад, ки айни муддаост: «Ва боҳайбат бош (бовиқор бош) ва тариқи лашкар кашидану масоф сохтан (ҷанг кардан) нек бидон». Дар бобати матонату мардонагӣ ва пайванди неруи ҷисмонӣ бо хирад муаллифи рисолаи «Унсурулмаолии Кайковус дар бораи хирад» аз амалиёти фармондеҳони бузург Тесей ва Ромул, ки онро Плутарх бо шеваи бадеӣ тасвир кардааст, ёдовар шуда, менависад: «Ҳамзамон бо ин, онҳо нерӯи ҷисмониро ба хирад пайванд доданд. Яке ба Рим асос гузошт, дигаре Афинаро, ки шаҳрҳои номдортарини ҷаҳон ҳисобида мешаванд». Ба назари доктори илмҳои сиёсӣ Ятимов С.С., дар матонату мардонагии инсон пеш, аз ҳама, таносуби ду сифати худи ӯ - имконоти ҷисмонӣ ва ақлонӣ нақши бузург доранд. Чунин тарзи фикррронӣ, мавзӯъбандӣ ва навишт нишонаи ақлгароию

ҷаҳонбинии илмӣ доштаи на танҳо муаллифи «Насиҳатнома», балки муаллифи «Унсурулмаолии Кайковус дар бораи хирад» низ мебошад.

Ҳамин тавр, муаллифи рисола Ятимов С.С., ки худ намояндаи улуми сиёсию дипломатия мебошад, ба равандҳои мухталифи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва хатароти умумибашарӣ аз доираи васеи илму дониш ва мушоҳидаю таҷриба назар карда, барои ҷомеаи имрӯзи кишвари мо эҷоди асарҳои ақлгароию хирадпешагӣ, накукорию инсонсолорӣ, миллатдӯстию меҳанпарастӣ ва таблиғи ҷаҳонбинии илмиро басо зарур ва манфиатовар медонад. Ва дар интиҳои боби «Ақидаҳои Унсурмаолии Кайковус дар бораи умури низомӣ» биниши худро аз рӯйи садоқату эҳсоси ватандӯстӣ баён дошта, таъкид менамояд, ки рушди соҳаҳои мухталифи фаъолияти мардум ва ҳимояту манфиатҳои меҳан танҳо вазифаи давлат нест, балки рисолати тамоми миллат аст.

# МУЛОҲИЗОТЕ ДАР ТАЪРИХИ ИРОН

*(Идома аз шумораи гузашта)*

*Алии Мирфатрус*

## Илали таърихии ақибмондагии ҷомеаи Ирон
## Нигоҳе ба ҳуҷуми ийлҳо, истиқрори ислом, заминаҳои пайдоиш ва фалсафаи сиёсии “исломи ростин”.

Ба тавре ки ишора кардем, пойдориҳои ирониён дар баробари аъроб ва султаи ислом ба даврони хилофати Абубакр, Умар ва Алӣ маҳдуд набуда, балки ин муқовиматҳо дар саросари даврони ҳукуматҳои уммавӣ ва аббосӣ низ идома дошт:

Дар замони Муовия низ хуросониён “хуруҷ карданд ва ба амирон ва омилони халифа тохтанд ва ононро аз шаҳрҳои хеш берун карданд ва бо сипоҳиёни халифа ба ҷанг пардохтанд”[1]. Наршахӣ дар бораи шӯриши мардуми Бухоро ёдовар мешавад, ки “Муовия Убайдуллоҳ бини Зиёдро барои саркӯби мардум ба сӯйи Бухоро фиристод ва Убайдуллоҳ пас аз набарди сахт онҷоро, бори дигар, тасарруф кард. Убайдуллоҳ фармуд то дарахтон меканданд ва деҳаҳоро хароб мекарданд ва шаҳрро (Бухороро) низ хатар буд, хотун (ҳокими Бухоро) кас фиристод ва амон хост, сулҳ афтод ба ҳазор ҳазор (як миллион) дирҳам бо чаҳор ҳазор барда”.[2]

Аммо ба зудӣ мардуми Бухоро , бори дигар, аз паймони сулҳи худ сар боз заданд. Саид бини Усмон (омили Муовия) дар соли 56-и ҳиҷрӣ (675 милодӣ) ба суйи Бухоро шитофт ва “дар он ҷо куштори азим кард” то тавонист бори дигар шаҳрро тасарруф кард[3]. Саид бини Усмон бо си ҳазор барда ва моли бисёр аз Бухоро бозгашт[4]. Гуруҳе аз бузургзодагони Бухоро низ ба унвони “гаравгон” дар шумори ин асирон буданд, ки мавриди

[1] Таърихи Табарӣ, ҷ. 7, саҳ. 3172 ва 3173;
[2] Таърихи Бухоро, саҳ. 52-53;
[3] Таърихи Яъқубӣ, ҷ. 2, саҳ. 172;
[4] Таърихи Бухоро, саҳ. 56;

шиканҷа, тавҳин ва таҳқири фотеҳони араб буданд, ба тавре ки "эшон (асирони Бухороӣ) ба ғоят тангдил шуданд ва гуфтанд: "ин мард (Саид бини Усмон)-ро чи хорӣ монад ки бо мо накард?... чун дар истихфоф (хорӣ) хоҳем ҳалок шудан, боре ба фоида ҳалок шавем... (пас) ба сарои Саид андар омаданд, дарҳоро бастанд ва саид (сардори араб)-ро бикуштанд ва хештанро ба куштан доданд"[5].

Дар замони Язид бини Муовия низ мардуми Бухоро шӯриш карданд ва Язид Муслим бини Зиёдро маъмури саркуби онон сохт, сипоҳиёни Язид пас аз ҷанги сахт бо мардуми Бухоро тавонистанд онҷоро, бори дигар, тасарруф кунанд[6].

